МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

УДК. 371(575,3) (09).
9(575,3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИБРОҲИМЗОДА ЗАФАР ИБРОҲИМ
(Исмоилов Зафар Иброҳимович)

ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1991-2021)

ДИССЕРТАТСИЯ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. -Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор Абдуллоев М.Х.

КӮЛОБ -2026

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

КМ – Кумитаи марказӣ

КИМ – Комитети иҷроияи марказӣ

ШКХ – Шурои комиссарони халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Комитети марказии ҳизби коммунистии (болшевики) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҲКИШ (КПСС) – Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ФР – Федератсияи Россия

Ревком – Комитети инқилобӣ

ВМИҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДДК – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб

ДДБ – Донишгоҳи давлатии Бохтар

ДДД – Донишгоҳи давлатии Данғара

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....4-18

БОБИ I. АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ.....19-65

1.1. Амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон.....19-29

1.2. Вазъи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии олӣ, касбии вилоят ва мустаҳкамшавии заминаҳои самт дар солҳои соҳибистиқлолӣ….....30-65

БОБИ II. НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛИИ КАСБИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ.....65-117

2.1. Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон.....66-90

2.2. Саҳми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар омода намудани кадрҳои соҳаи педагогӣ дар вилояти Хатлон.....90-102

2.3. Мавқеъ ва мақоми Донишгоҳи давлатии Данғара дар масири омодасозии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон.....102-117

БОБИ III. ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР КОЛЛЕҶҲО ВА БОЗОМӮЗИИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.....118-154

3.1. Нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ.....118-137

3.2. Бозомӯзии касбии кадрҳои педагогии вилояти Хатлон ҳамчун воситаи муҳими рушди соҳаи маориф.....137-154

ХУЛОСА.....155-163

НОМГӮИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....164-177

ЗАМИМА.....177-198

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар ҷумҳуриҳои узви Иттиҳод соҳибистиқлол гардид. Аммо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо сабабҳои дохиливу хориҷӣ дар кишвар нооромиҳои сиёсӣ авҷ гирифта, ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд. Дар натиҷа ҷомеаро қатлу куштор, беҳокимиятӣ, ғоратгарию авбошӣ, гуруснагию қашшоқӣ ва дигар падидаҳои номатлуб фаро гирифт. Дар чунин авзои харобиовар тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат зиёни ҷиддӣ дида, рушди ҳамаҷонибаи кишвар барои даҳсолаҳо ба қафо рафт. Хусусан, соҳаи муҳимтарини ҷомеа маориф низ ба вазъияти ногувор мувоҷеҳ гардид. Шароити моддӣ техникӣ дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи умумӣ, инчунин муассисаҳои томактабӣ ниҳоят хароб гардид. Норасоии музди маоши омӯзгорон, ба хориҷи кишвар муҳоҷир шудани онҳо, норасоии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ аз мушкилоти дигари соҳа ба ҳисоб мерафт.

Баробари барқарор шудани ҳукумати конститутсионӣ, ҳатто шуруъ аз Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ соҳаи маорифи кишвар зери таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор гирифта, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта, барқарор сохтани муассисаҳои харобгашта, ҷалби омӯзгорон ба макотиби олӣ ва миёна тамоми чораҳои зарурӣ андешида мешуд. Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, «Агар ҳадафи мо бунёд кардани ҷомеаи воқеан ҳам демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бошад, бояд бо дастаҷамъӣ рӯй ба ҷониби мактабу маориф оварем» [1, с.13]. Бо зикри чунин матлаб ва дарки ҳадафи болозикр аз рӯзҳои аввал ба соҳаи маориф аҳаммияти махсус зоҳир намуда, ҷиҳати истифода намудани тамоми имконоти дохилию хориҷӣ кӯшиш ба харҷ медоданд. Президенти кишвар муҳтар Эмомалӣ Раҳмон дар ҷойи дигар бо таваҷҷуҳ ба соҳаи маорифи кишвар

мефармояд: «Маориф ҳамчун соҳаи сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷӯҳ ва ғамхории хоса зоҳир мегардад» [2, с.15].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ (1992-1994) зиёда аз 25 ҳазор омӯзгорони ботаҷриба аз ҷумҳурӣ хориҷи кишвар рафтанд. Ба ҷойи онҳо беш аз 30 ҳазор хатмкардагони муассисаҳои миёнаи умумӣ ва касбӣ ба кор ҷалб шуданд. Зикри ин маълумот низ далели дигаре хоҳад буд ҷиҳати исбот намудани нуқоти зикргардида. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини масъулияти сангини роҳбарии кишварро ба зимма гирифтанашон дарк менамуданд, ки бидуни маориф, ки муҳаррики пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб меравад, расидан ба қуллаҳои рушд ва ё ин ки фароҳам овардани шароити созгор баҳри зиндагии шоиста ва таъмини волоияти қонун ғайри имкон хоҳад буд. Аз ин сабаб аз аввалин қонунҳое, ки бо ташаббуси Роҳбари давлат қабул гардид, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 1993) буд.

Вилояти Хатлон (собиқ вилояти Кӯлоб ва Қурғонтеппа) чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷумҳурӣ аз ин ҳама ҳаводис дар канор намонда, баръакс соҳаи маориф дар он нисбат ба дигар манотиқи кишвар зарари ҷиддӣ дид. Дар вилояти мазкур, ки аз минтақаҳои сераҳолитарини мамлакат ба ҳисоб меравад, мушкилоти болозикр бештар эҳсос мегардид. Аз ин рӯ, Ҳукумати кишвар бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимии вилоят бо омӯзгорони соҳибтахассус тамоми чораҳоро роҳандозӣ менамуд. Вале вазъияти нооромии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳалли мушкилоти соҳаро ба дарозо мекашид.

«Рушди ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои мамлакат, ба хусус соҳаи маориф аз соли 2000-ум инҷониб сурат гирифт. Новобаста аз вазъияти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ Сарвари давлат тамоми имкониятҳо ва

воситаҳои дохилию хориҷиро ҷиҳати ба маҷрои рушду нумуъ ворид намудани соҳаи маориф дар мамлакат, махсусан вилояти Хатлон истифода намуда, барои таъсис додани донишкадаву донишгоҳҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва бартарафсозии мушкилоту камбудиҳои соҳа, аз ҷумла нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилоят дастуру супоришҳо доданд»[105, с.19-22].

Ин буд, ки бо дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар донишгоҳҳои тозатаъсиси вилоят, ки дар давраи аввали фаъолияташон дар вазъияти хароби моддӣ-техникӣ қарор доштанд, дар кӯтоҳтарин муҳлат ба марказҳои бузурги илмиву педагогӣ табдил ёфтанд. Аз ҷониби дигар Ҳукумати кишвар дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар таъмини муассисаҳои таълимии вилоят бо мутахассисон ва умуман омӯзгорон саҳми назаррас гузошта, дигар мушкилоти сокинони вилоятро, ки барои таҳсил ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ сафар менамуданд (ин гуна имкониятро на ҳар як нафар соҳиб буд) бароварда намуд.

Аз ин лиҳоз, пажуҳиши масъалаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар таърихнигории миллӣ аҳаммияти махсус дошта, ба анҷом расонидани таҳқиқот дар ин самт метавонад бисёр аз масъалаҳои норавшани ин масъаларо баррасӣ намояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот боз дар он дида мешавад, ки бори нахуст таърихи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар асоси маводҳои бойгонӣ, асарҳои илмӣ, илмиву оммавӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар манбаъҳо дар шакли рисолаи номзадӣ таҳқиқ гардида, натиҷаи онҳо аз ҷониби муаллиф муқоиса ва хулосабарорӣ карда мешавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масоили тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон то кунун мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст. Аммо паҳлуҳои

гуногуни он, пеш аз ҳама дар баромаду суханрониҳо, асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асарҳои илмӣ, илмиву оммавӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, асарҳои ёддоштӣ ва ғайраҳо инъикос ёфтаанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, суханрониҳо ва баромадҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил мешаванд. Хусусан Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дошта, дақиқтарин маълумот оид ба фаъолияти ҳарсолаи ҷумҳуриро ифода мекунанд ва низ барнома ва стратегияи минбаъдаи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷиро муайян месозанд [3], [4], [5], [6], [7], [8], [9], [10].

Ба гурӯҳи дуюм санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф ба танзим медароранд, дохил мешаванд. Зеро маҳз рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф, хусусан вилояти Хатлон дар асоси санадҳои меъёрии қабулгардида ба роҳ монда шудааст. Яъне, сарчашмаи тағйирёбии расмӣ дар шакли идории соҳа ва самти фаъолияти он ҳамин манбаъҳои ҳуқуқӣ, ё ин ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд [11], [12, с.91], [13], [14], [15].

Ба гурӯҳи сеюм маводи бойгонӣ шомил карда шудааст, ки дар рафти таҳияи диссертатсия аз бойгониҳои ҷории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; бойгониҳои ҷории Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра шомил мешаванд.

Ба гурӯҳи чорум маълумоти оморӣ мансуб мебошанд, ки дар рафти таҳқиқ, аз ҷумла дар вақти муқоисаи нишондиҳандаҳо омӯзгорон,

донишҷӯён ва умуман муҳассилини вилоят, масъалаи сол то сол рушд намудани шароити моддӣ - техникӣ, шумораи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогӣ дар вилоят, шумораи фаро хондани омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва амсоли он истифода гардиданд [40], [41], [42].

Ба гурӯҳи панҷум осори илмии муҳаққиқон ва донишмандони соҳа мансуб мебошад. Хусусан, вазъи маорифи кишвар дар давраи Шуравӣ ва Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби М. Абдуллоев дар чандин асарҳои ӯ, аз ҷумла «Аз таърихи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ», «Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ», «Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол» мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар онҳо баъзе паҳлуҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд [48], [49], [50, с. 59-62], [51], [52, с.123], [53].

Муҳаққиқи дигар Ш. Достиев паҳлуҳои муҳимми соҳаи маорифи вилояти Хатлонро дар таҳқиқоти худ ҷой додааст[90]. Ҳамзамон, масоили таҳқиқшаванда дар осори муаррихон С.А. Абдуллоев [53], [54], [55], [56, с. 223], [57], [58, с. 180], Ф.М Абдурашитов [61, с. 371], [62, с. 144], [63, с. 148], Р. Абулҳаев [64, с. 148], [65, с. 285], [66, с. 439], Абдуфаттоҳ Шарифзода [64], Заробиддин Қосимӣ, Х.С. Авзалов [73, с. 102], М.А. Арипов [74,с.Т196], И. Бадалов [78, с. 45-50], С.А. Беляков [82, с. 336], М.И. Иркаев [96, с. 695], [96, с. 760], асари бунёдии «История таджикского народа», «Донишномаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», Т.Н. Зиёев [93, с. 14-20], А.П. Партаев, З.И. Исмоилов, О.Б. Каримов инъикос ёфтааст [99, с. 157-163].

Ба гурӯҳи шашум рисолаҳои номзадӣ ва докторие мансубанд, ки ба мавзуи таҳқиқоти наздик буда, зимни баррасии диссертатсия аз онҳо истифода бурда шуд [164, с. 183], [166, с. 188].

Ба г**урӯҳи ҳафтум** мақолаҳои илмӣ-оммавие, ки дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд, шомил мегарданд. Асосан мақолаҳои илмӣ, илмӣ-

оммавие, ки дар рӯзномаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои таълимии миёна ва олии вилоят таҳия шудаанд ва ё мақолаҳое, ки дар рӯзномаҳои донишгоҳҳои вилоят нашр шудаанд, мавриди таҳлил қарор дода шуданд[138], [139], [140], [141], [142], [143], [144], [145], [146], [147], [148], [149], [150], [151], [152], [153], [154], [155], [156], [157], [158].

Ба гурӯҳи ҳаштум сомонаҳои расмии интернетӣ мутааллиқанд. Дар ин гурӯҳ маводҳо асосан аз сомонаҳои расмии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии вилояти Хатлон, хусусан сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Донишгоҳи давлатии Данғара, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он, ки пайваста маълумот оид ба дастовардҳои соҳаро дар вилоят нашр намудаанд, истифода гардиданд [168], [169], [170], [171, [173].

Ҳамин тариқ, аз омӯзиш ва баррасии манобеи зикршуда бармеояд, ки масоили тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон то кунун ба таври пурра таҳқиқ нагардида, то ба ҳол дар таърихнигории ватанӣ асари бунёдӣ ва ё рисолаҳои илмии ҷудогона таҳия нашудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.

Диссертатсия дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ «Омӯзиши таърихи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ» барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст. Ҳамчунин, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005–2010 (аз 02.10.2010, №475), Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (аз 02.11.2007, №529), Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004

2014. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003, № 508. «Барномаи компютеркунонии соҳаи маорифи кишвар барои солҳои 2003-2007», «Барномаи компютеркунонии соҳаи маориф барои солҳои 2008-2010», ки аз 05.03.2008, №77 мавриди истифода ва омӯзиш қарор дода шуданд.

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади рисолаи мазкур аз таҳлили тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ иборат мебошад.

Барои иҷро кардани мақсади гузошташуда, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:

- омӯзиши аҳаммияти таъсисёбии донишгоҳҳо дар вилоят ва фароҳам омадани заминаҳои бунёдии тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ;

- таҳлили вазъи моддӣ – техникии донишгоҳҳои вилоят дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ;

- ба риштаи пажуҳиш кашидани оқибатҳои харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи маорифи вилоят ва хусусан нарасидани омӯзгорон;

- инъикоси кӯшишҳои Пешвои миллат ҷиҳати барқарор намудани соҳаи маорифи вилоят, таъсис додани донишгоҳҳо, фароҳам овардани заминаҳои моддӣ – техникӣ, ҳалли мушкилотҳоо ҷойдошта вобаста ба нарасидан ё кам будани кадрҳои омӯзгорӣ дар ҳудуди вилоят ва амсоли инҳо;

- мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додани рафти омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ барои муассисаҳои таҳсилотии вилояти Хатлон аз ҷониби Муассисаҳои таҳсилоти олии минтақа;

- анҷом додани таҳқиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рушди маориф, алалхусус мушкилоти бартараф намудани норасоиҳои кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон;

-таҳлили пурраи раванди омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгории вилоят, мушкилоти ҷойдошта ва марҳила ба марҳила рушд додани соҳаи маориф дар вилоят;

- таҳлил ва омӯзиши марҳалаҳои асосии таърихии рушди соҳаи маориф дар асоси маводи бойгонии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ;

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқоти мазкурро раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқ. Дар доираи объекти таҳқиқот, предмети таҳлили илмиро даврaҳои ташаккул ва инкишофи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят ва нақши онҳо дар тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ се марҳиларо фаро гирифта, интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши матбуоти даврӣ, гирдоварии сарчашмаҳо, таҳияи дархостномаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор барои тартиб додани ҷадвалҳои қиёсӣ, таълифи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ва гузаронидани пешдифои рисола дар кафедраи тахассусиро дар бар мегирад.

Марҳилаи аввал солҳои 2019-2022-ро фаро гирифта, дар ин давра интихоби мавзуъ ва ҷамъоварии маводи илмӣ сурат гирифтааст;

Марҳилаи дуюм солҳои 2022-2024-ро фаро гирифта, дар ин давра таълифи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, маърӯза дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ сурат гирифта, дар охири ин марҳила ду боби аввали рисола ҷамъбаст гардидааст;

Марҳилаи сеюм солҳои 2024-2026-ро фаро гирифта, дар ин давра рисола пурра ҷамъбаст гардида, имтиҳонҳои тахассусӣ супорида шуда, пешдифои он дар кафедраи тахассусӣ гузаронида шудааст. Давраи таҳқиқ солҳои 1991-2021 ва макони таҳқиқ вилояти Хатлон мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумоти зиёд роҷеъ ба таърихи рушди таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, ки то ҳол ба таври комплексиву маҷмӯӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд, дар шакли диссертатсия ба тасвиб расонида шуданд. Ҳамчунин, рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои таҳқиқоти минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишон медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Дар мавзуи мазкур бори аввал раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ки яке аз сераҳолитарин минтақаи кишвар маҳсуб меёбад мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти пажуиш душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи маориф дар давраи мавриди назар омӯхташуда, аҳаммияти бештар зоҳир гардидааст. дар рисола бори аввал таърихи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991–2021) ба таври мукаммал ва низомнок таҳқиқ гардидааст.

Навоварии таҳқиқот аз ҷанбаҳои зерин иборат мебошад:

1. Навгонии назариявӣ:

- Давраҳои асосии рушди низоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон муайян ва асоснок карда шудаанд (масалан: давраи таназзул ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ; давраи барқарорсозӣ; давраи рушди институтсионалӣ ва таъсиси донишгоҳҳо; давраи татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ).
- Омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоии таъсисёбии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар вилоят ва нақши онҳо дар ҳалли проблемаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ошкор ва системанок гардидаанд.
- Таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи маорифи вилоят ҳамчун омили асосии норасоии кадрҳо ба таври илмӣ асоснок шудааст.

- Консепсияи «таърихнигории таърихи тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар Хатлон» ташаккул ёфта, дастовардҳои олимони соҳа ва кори онҳо ҷамъбаст шудааст.

2. Навгонии методологӣ:

- Дар таҳқиқот равиши муқоисавӣ-таърихӣ ва давразамонӣ (периодизатсия) истифода шуда, вазъи маориф дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои баъди он (хусусан аз соли 2000 инҷониб) муқоиса карда шудааст.
- Маводи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, омори соҳа ва сарчашмаҳои таърихӣ ба таври комплексӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд.
- Меъёрҳои арзёбии самаранокии низоми тайёркунии кадрҳо (шумораи мутахассисон, таъмини мактабҳо бо омӯзгор, сатҳи заминаи моддӣ-техникӣ) пешниҳод гардидаанд.

3. Навгонии амалӣ:

- Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи стратегия ва барномаҳои давлатии рушди маориф, сиёсати кадрӣ ва банақшагирии қабул ба факултетҳои омӯзгорӣ истифода шаванд.
- Маводи рисола дар курсҳои таърихи маорифи Тоҷикистон, таърихи халқи тоҷик, педагогика ва курсҳои махсус барои донишҷӯёну магистрантон ва дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ татбиқ мешавад.
- Тавсияҳо оид ба беҳтар кардани шароити кории устодон ва таҳкими заминаи моддӣ-техникии донишгоҳҳои вилоят таҳия гардидаанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) ба соҳаи маорифи вилояти Хатлон зарари ҷиддӣ расонид: заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ вайрон шуд ва қисми омӯзгорони босаривазифа касби худро

тарк карданд. Дар натиҷа нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ҳамчун мушкилоти асосии маорифи вилоят муайян гардид. Ин муқаррарот тавассути таҳлили динамикаи таъминоти кадрии вилоят асоснок шудааст.

2. Сиёсати давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва аввалин солҳои истиқлолият, аз ҷумла қабули қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии барқарорсозии маорифи вилояти Хатлонро фароҳам овард. Самаранокии ин сиёсат бо таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва нишондиҳандаҳои рушди соҳа нишон дода шудааст.

3. Таъсиси донишгоҳҳои нав дар вилояти Хатлон ва табдили баъзе донишкадаҳо ба донишгоҳ ҳамчун роҳи асосии ҳалли мушкили кадрӣ асоснок карда шуд. Муқаррар шудааст, ки таъсисёбии донишгоҳҳо дар шароити душвори солҳои 90-ум бо мустаҳкам кардани заминаи моддӣ-техникии онҳо ҳамроҳ буд.

4. Донишгоҳҳои вилоят дар давоми солҳои истиқлолият ба марказҳои асосии илму маърифат ва омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ табдил ёфтанд. Саҳми онҳо дар рушди маориф бо нишондиҳандаҳои мушаххас (шумораи донишгоҳҳо, шумораи фориғшуттаҳо, таъминоти кадрии мактабҳо) исбот гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои таърихӣ доир ба тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида, дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ ба тасвиб расонида шуданд ва тамоми ҷанбаҳои ин мавзӯъ дар асоси факту далелҳои исботшуда муайян гардиданд. Инчунин рисолаи мазкур барои тадқиқотҳои минбаъда дар самти таърихи соҳаи маорифи вилоят аҳамияти методологӣ дорад, зеро дар он роҳ ва усулҳои таҳқиқ ва таҳлил пурра инъикоси худро пайдо намуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои тадқиқотҳои соҳаи таърихи ватанӣ истифода шавад. Инчунин рисолаи мазкур ҳамчун маводи дарсӣ омӯзиши таърихи ташаккули соҳаи маориф, пеш аз ҳама омода гардидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлонро инъикос намуда, дурнамои рушди ин соҳаро пешбинӣ мекунад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки баррасиҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи рушди таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 дар заминаи таҳлили амиқи адабиёти илмӣ ва бо такя ба асосҳои таърихнигорӣ таҳия гардида, барои ғанӣ гардидани маводи илмии соҳаи таърих мусоидат менамояд. Инчунин, муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ, мутобиқ ба натиҷагириҳо, хулосаҳои амалии соҳаи таърихро бо мақсади баррасии рушди таҳсилоти олӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ пешниҳод намуда, тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар рафти пажуҳиш аз маводи бойгонӣ, сарчашмаҳо, маводи оморӣ, ҳисоботи ҳарсолаи муассисаҳои олии вилоят, инчунин асноди дигар муассисаҳои марбут ба соҳаи маориф ва асарҳои муҳаққиқон истифода гардида, масоили омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар замони истиқлолият баррасӣ гардидааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима қарор гирифт ва барои дифоъ пешниҳод шудааст (протокол аз 26.06.2026, №11).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии рисолали диссертатсионӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризашавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамаи ин мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос мекунанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддима хусусияти умумии кори диссертатсионӣ пешниҳод гардида, интихоб ва мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот асоснок карда шуда, манбаъҳо ва дараҷаи омӯхташавии мавзуъ таҳлил гардидааст. Ҳаҷми умумии рисола 196 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад, ки бо истифода аз барномаи Microsoft Word ҳуруфчинӣ шудааст. Рисола 24 ҷадвал, 13 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 185 номгӯй иборат аст.

БОБИ I. АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

1.1. Амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон

Баъд аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ чун дигар кишварҳои собиқ шуравӣ, Тоҷикистон низ истиқлолияти комили сиёсиро ба даст овард. Аммо ҳанӯз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ нооромии сиёсӣ ва ҷангҳои таҳмилӣ ҷомеаи тозаистиқлоли моро ба вазъияти муташанниҷ мувоҷеҳ намуд. «Маҳз бар асари ҳаводиси номатлуби ибтидои солҳои 90 - уми садаи XX Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вартаи парокандагии сиёсӣ, буҳрони сахти иқтисодӣ ва маънавӣ қарор гирифт ва ин раванди мураккаб боиси хисороти ҷиддӣ ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар гардид» [125, С. 72-77].

Вилояти Хатлон (собиқ вилоятҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа) чун узви ҷудонопазири ҷумҳурӣ аз ин ҳама ҳаводис дар канор намонда, ҳама соҳаҳои он, аз ҷумла соҳаи маорифи вилоят зиёни ҷиддӣ дид. Вайрону валангор гардидани бисёре аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии вилоят, баромада рафтани мутахассисони ботаҷриба аз вилоят ва ҷумҳурӣ, хароб гардидани шароити моддӣ ва техникии муассисаҳои соҳаи маориф, нарасидани омӯзгорон дар макотиби миёна ва олӣ, сари вақт таъмин нагардидани устодон - омӯзгорон бо маош ва амсоли он аз оқибатҳои харобиафкани солҳои ҷанги шаҳрвандӣ маҳсуб меёфт. Ҳамин тариқ, баромадан аз чунин вазъияти хеле мураккаби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз ҳадафҳои аввалини роҳбарияти олии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини масъулияти сангини роҳбарии кишварро ба зимма

гирифтанашон дарк намуданд, ки соҳаи маориф муҳаррики пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб меравад ва бе пешрафти он расидан ба ҳадафҳои рушд, муҳайё намудани шароити созгор баҳри зиндагии шоиста ва таъмини волоияти қонун ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат дар Паёми худ ба мавриди қайд намуданд, ки «Агар ҳадафи мо бунёд кардани ҷомеаи воқеан ҳам, демократӣ ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бошад, бояд бо дастаҷамъӣ рӯй ба ҷониби мактабу маориф оварем» [1, с.13]. Бо зикри чунин матлаб ва дарки ҳадафи болозикр Сарвари давлат аз рӯзҳои аввал ба соҳаи маориф аҳаммияти махсус зоҳир намуда, ҷиҳати истифодаи тамоми имконоти дохилию хориҷӣ, баҳри барқароркунӣ ва ба марҳилаи рушд ворид намудани соҳа, кӯшиш ба харҷ медоданд. Инчунин, Президенти кишвар ҳанӯз дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 бо таваҷҷуҳ ба соҳаи маорифи кишвар чунин баён намуданд: «Маориф ҳамчун соҳаи сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷӯҳ ва ғамхории хоса зоҳир мегардад» [2, с.15].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш ба масъалаи мактабу маориф диққати хоса медод. Ин буд, ки соли 1993 аввалин қонуне, ки аз ҷониби Шурои Олӣ қабул гардид, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» буд, ки он яке аз санадҳои муҳимтарини танзимкунандаи соҳаи маориф дар саросари кишвар ба ҳисоб мервад. Дар он аз ҷумла омадааст, ки «Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд». Ба вазъи мураккаби сиёсӣ, буҳрони шаддиди ҷомеа нигоҳ накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро дар мадди аввал гузошт. Ин далели он аст, ки Роҳбари давлат аз рузҳои нахусти давлатдорӣ соҳаи маорифро дар ҷойи аввал гузошта, барои

пешрафти он чораҳои лозимиро меандешид. Бинобар ин, минбаъд ҷиҳати рушди ин соҳа якчанд тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 1993) ворид карда шуд. Ба қонуни мазкур бо назардошти ислоҳоти соҳаи маориф якчанд маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Тағйиротҳо асосан ба фарогири масъалаҳо вобаста ба такмили сохтори низоми таҳсилот, стандартҳои таълими нав ба низом воридшуда, фаъолияти муассисаҳои хусусии таълимӣ, вазъи ҳуқуқии омӯзгорон ва хонандагон ва ниҳоят ба талаботи замони нав мутобиқ намудани қонун алоқаманд буданд.

Ҳамчунини дигар, барои ҳамаҷониба пеш рафтани соҳаи маориф, ба сатҳи болотар баровардани сифати таълиму тарбия, беҳтар кардани шароити омӯзгор ва ғайраҳо як қатор санадҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ҷумла: – Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи компютеркунонии мактабҳои миёнаи умумӣ ва миёнаи асосӣ барои солҳои 2003-2004», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014 ва дигар санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ ба имзо расид, ки зина ба зина паҳлуҳои мухталифи соҳаи мавриди назарро вобаста ба тақозои замон ва талаботи ҷомеаи демократӣ ба танзим даровард.

Аммо мушкилоти асосӣ дар нарасидани омӯзгорон, набудани шароити мусоиди моддӣ - техникӣ дар макотиби миёна ва олии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама вилоят маҳсуб меёфт. Танҳо дар солҳои 1992-1994 беш аз 25 ҳазор нафар омӯзгорони ботаҷриба ҷумҳуриро тарк карданд, ки ба ҷойи онҳо 30 ҳазор нафар хатмкардагони мактабҳои миёнаи умумӣ ва касбӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи баамаломадаро ба эътибор гирифта, 11 октябри соли 1996 «Дар бораи беҳдошти шароити коммуналии омӯзгорон» қарор қабул намуд. Аз ин

лиҳоз, таъмини шароити хуби корӣ, беҳтар намудани ҳолати моддӣ-техникии муассисаҳо аз вазифаҳои муҳим дар назди Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб мерафт. Дар шароити мураккаби солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони шаддид, Сарвари давлат кӯшиши зиёде ба харҷ доданд то ки барои пешрафти соҳаи маориф аз хурдтарин имконият ҳам бошад истифода намоянд. Мусаллам аст, ки рушди ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат танҳо баъд аз солҳои 2000-ум оғоз гардид, аммо новобаста ба он дар даврaҳои нооромии ҷанги шаҳрвандӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш намуданд, ки зина ба зина музди меҳнати омӯзгоронро баланд ва шароити моддӣ техникии муассисаҳоро беҳтар намояд.

Дар сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз самтҳои асосӣ ин дастгирии омӯзгорон аз лиҳози бо маром баланд бардоштани музди маоши онҳо ва бад ин васила афзудани мақоми иҷтимоии онҳо маҳсуб меёфт. Ҳамчунини дигар дар ин самт мушкилоти омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ, мутахассисони соҳибтаҷриба, такмили ихтисоси омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзонидан ва ҷорӣ намудани усулҳои нави самараноки таълим, ба шароити замон мутобиқ сохтани соҳаи маорифи кишвар, бо технолгияҳои муосири таълим таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор мерафтанд. Барои ҳалли ин мушкилотҳо ҳанӯз ҳам дар мамлакат корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда истодаанд. Дар ин самтҳо дар вилоят низ корҳои зиёд ва тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Роҷеъ ба баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор низ Пешвои миллат пайваста дар баромаду пайёмҳои худ таъкид менамоянд. Аз ҷумла, чунин иброз доранд: «Омӯзгор чароғи маърифат ва раҳнамои ҷомеа мебошад. Пешрафти давлату миллат бевосита ба саиҳи дониш ва масъулияти омӯзгор вобаста аст». Албатта, бо ба инобат гирифтани ин ҳама вазифаю масъулиятҳои муқаддаси омӯзгори асил ва дастгириҳои

Ҳукумати мамлакат мақоми омӯзгори дар ҷомеаи мо бо маром баланд бардошта хоҳад. Ин аз бузургтарин тадбирҳои самти сиёсати маорифи Ҳукумати мамлакат зери роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари вусъат бахшидани дигар паҳлуҳои соҳаи маориф, бо маром маблағгузориро аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёд намуд. Масалан, агар ба омори расмӣ назар афканем чунин натиҷаҳоро мебинем. Соли 2000-ум аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои хароҷоти соҳаи маориф 42 млн. сомонӣ, соли 2003 116 млн. сомонӣ, соли 2004 бошад 190 млн., дар соли 2005 ба 268 миллион ва дар соли 2006 ба 336 миллион сомонӣ расонида шуд. Агар мо маблағи буҷавии ба соҳаи маориф ҷудошудаи Ҳукумати ҷумҳуриро ба соли 2000 – ум муқоиса намоем, маълум мегардад, ки маблағҳои буҷетии то соли 2006 ба соҳаи маориф ҷудошуда, нисбат ба соли 2000-ум 7 маротиба зиёд мебошад.

Аз ин нишондод бармеояд, ки ҳаҷми маблағҳо барои хароҷотҳои соҳаи мориф ба маротиб афзоиш ёфта, соҳа ба сатҳи дигар гузаштааст. Бо фоиз ҳисоб кунем агар, чунин ба назар мерасад, ки дар соли 2005 қисми хароҷоти буҷет 33%-ро ташкил додааст ва хароҷоти соҳаи маориф бошад 45%-ро ташкил медод. Бояд гуфт, ки маблағҳои ҷудошуда асосан барои рушду равнақи ҳамаҷонибаи соҳаи маориф равона гардида, ҳамчунини дигар бештари маблағҳо барои таъмиру таҷдид ва сохтмони мактабҳои типпи нав ва замонавӣ равона карда мешуданд.

Тибқи маълумотҳои расмӣ танҳо соли 2005 ба соҳаи маорифи мамлакат дар умум 398 млн сомонӣ ҷудо гардидааст. Ин миқдор маблағ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва буҷети давлатӣ, дигар фондҳо, махсусан фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағгузориҳои хориҷӣ ва ғ. ба соҳа ворид шудааст. «Маблағи мазкур 4,2 фисад маҳсулоти дохилии кишварро фарогир буд. Соли 2000-ум бошад,

маблағи мазкур ба 2,5 фисад баробар буд. Соҳаи маориф дар солҳои баъдӣ аниқтараш соли 2006 аз ҳисоби сарчашмаҳо ба маблағи 402 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 4,8 фисадро ташкил дода буд, ки дар муқоиса ба соли 2005-ум 0,6% зиёд мебошад» [47, с.288].

Рушди соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба маблағгузории соҳа вобаста мебошад. Дар солҳои охир маблағгузории соҳаи маориф ба таври назаррас афзоиш ёфта, дар соли 2008 ба 691,2 миллион сомонӣ расид, ки ин ба 4,7%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад ва он нисбат ба соли 2007-ум 26% зиёд аст. Буҷети соҳаи маориф дар 5 соли охир зиёда аз 4 маротиба афзуда, соли 2009 ба 1 миллиарду 139 миллиону 446 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳанда ба рушди соҳаи маориф, тарбияи насли навраси дорои тафаккури солим ва ҳамаҷониба инкишофёфта заминаи бунёдӣ мебошад[51, с.27]. Солҳои хониши 1993-1994 дар ноҳияҳои ҷангзадаи вилояти Хатлон иштироки хонандагон дар дарсҳо кам гардида, ба 70-85 фоиз баробар шуд. Бо вуҷуди аз ҳама солҳои вазнитарин ба ҳисоб рафтани солҳои 1992-1995 муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон фаъолият намуда, мунтазам рушд менамуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 декабри соли 2005 ҳангоми вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маориф чунин иброз намуданд: «Тоҷикистон дар миёни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳурии аз ҳама қафомонда буд. Баъди барҳам хӯрдани он дар кишвари мо дар натиҷаи бархурдҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд ва ҳамаи соҳаҳо махсусан маориф дучори бӯҳрони шадид шуд, зарари молияви ҷанги шаҳрвандӣ ба 7 миллиард доллар баробар шуд» [137, с.214].

Бино ба иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари дар 9 моҳи соли 1993 расида ба мактабу маориф ба зиёда аз 3

миллиард сум (бо нархи соли 1993) расид [40]. Агар сари ин гуфтаҳо андеша намоем, дарк хоҳем кард, ки Сарвари давлат ин масъаларо басо нуқтасанҷона таҳлил намудаанд.

Тавре қайд гардид, пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсисёбии ҷумҳуриҳои алоҳида дар тамоми соҳаҳои ҷомеи Тоҷикистон дигаргуниҳо ба амал омад. Хусусан, дар пайи ҳамин дигаргунсозиҳо Тоҷикистони тозаистиқлолро фазои нооромии сиёсӣ фаро гирифта, ҷомеа ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мувоҷеҳ мегардад. Дар натиҷа, дар як қатор минтақаҳо 126 муассисаи таълимӣ пурра аз кор баромаданд, дар ноҳияҳои ҷангзадаи ҷумҳурӣ мактабҳо аз фаъолият боз монданд. Солҳои 1992-1995 зиёда аз 20 ҳазор нафар омӯзгорон ва устодон аз ҷумҳурӣ кӯч бастанд [51, с.27]. Қисме аз хонандагону донишҷӯён гуреза шуданд. Тибқи нишондодҳои ҷойдошта хисороти молиявии ҷанги шаҳрвандӣ ба 10 миллиард доллар арзёбӣ карда шудааст. Лекин бояд зикр кард, ки зарари маънавии мардуми Тоҷикистон аз ин бештар таъсиргузор ба чашм мерасид. Зеро баъди чанд соли анҷоми ҷанг то ҳол асари он пурра бартараф нашуда, то ҳанӯз эҳсос мегардад. Хусусан, камбудиҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар соҳаи маорифи кишвар ба мушоҳида мерасад, ки маҳаки асосии маънавияти мардум ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, маърифати мардум, дараҷаи тахассусии тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ аз соҳаи маориф замина мегирад.

Бо амалӣ шудан қарорҳои Иҷлосияи 16-уми Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, набзи ҷумҳурӣ ҳам тағйир ёфт. Дар мамлакат риояи заминаҳои ҳуқуқии ҳокимияти конститутсионӣ бо маром мустаҳкам гардиданд. Аз ҳар ҷиҳат ин падида имкон дод, то ки заминаҳои ҳокимияти қонунӣ дар мамлакат мустаҳкам гардад, барои созмони як давлати миллӣ шароит фароҳам ояд. Роҳ ба сӯйи рушди ояндаи кишвар ҳамвор гардида, муҳимтар аз ҳама ҳаёти осоишта ба сокинони мамлакат таъмин гардид. Акнун дар раванди музокироти сулҳи байни тоҷикон

барқарор намудани ҳисороти бар асари ҷанг падидомада, хусусан бартараф намудани мушкилоти соҳаи муҳимтарини ҷомеа - маориф аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб мерафт. Зеро соҳаи мазкур аз дигар соҳаҳо дида зиёни ҷиддӣ дида буд. Аз валангор гардидани шароити моддию техникии муассисаҳои таълимӣ дида, норасоии кадрҳои педагогӣ – омӯзгорон мушкилии ҷиддитар маҳсуб меёфт. Аз вилоят ва умуман ҷумҳурӣ баромада рафтан ва ё тарки вазифа намудани бархе аз омӯзгорон омили дигари норасоии омӯзгорон ба ҳисоб мерафт. Аз далелҳои таърих маълум аст, ки вилояти Хатлон нисбат ба дигар манотиқаҳои кишвар аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар ҷойи аввал меистод. Ин вилоят ҳамчунин шадидтарин давраи ҷанг, ки дар водии Вахш сурат гирифт, ҳамзамон аз ҷониби мухолифини кишвар дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт аз сар мегузаронд ва ин раванд ба тамоми соҳаҳои вилоят, хусусан маориф таъсири сахти манфӣ расонида буд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти пешомада, яъне ҳалли проблемаи норасоии омӯзгорон дар вилоят ва ба назар гирифтани талабот ва имконоти мардум ҳукумати мамлакат зери роҳбарии Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси донишкадаю донишгоҳҳоро дар вилоят роҳандозӣ намуданд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ягона донишкада дар вилояти Хатлон Институти давлатии педагогии Кӯлоб буд, ки ба тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ машғул буд.

Албатта яке аз омилҳои асосии рушди соҳаи маориф ин зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба шумор меравад. Аз ин хотир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самти мазкур сол ба сол кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст, ки барои амалан зиёд намудани он корҳои зиёди амалиро анҷом бидиҳад. Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, дар солҳои охир маблағгузории соҳаи маориф ба таври назаррас афзоиш ёфта, дар соли 2010 ба 1068 миллион сомонӣ расид, ки ин ба 4,7 %-и маҷмуи маҳсулоти

дохилӣ баробар мебошад. Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 2000-ум 25,6 маротиба ва ба соли 2005-ум 4,2 маротиба афзоиш дода шуда буд. Ҳиссаи хароҷоти соҳа нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ афзуда, аз 2,3 фоизи соли 2000-ум ва 3,5 фоизи соли 2005-ум ба 4,7 фоиз дар соли 2010 баробар шуд. Нисбат ба буҷети давлатӣ низ маблағгузории соҳа афзуда аз 15,9 фоизи соли 2000 ба 18,5 фоиз дар соли 2010 баробар шуд [146].

Бо вуҷуди ин бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳа сармоягузорони хориҷиву дохилиро ҷалб намуда, ба воситаи ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ маблағҳои грантӣ ва инвеститсиониро сафарбар намудааст. Ин барои бартараф кардани як қатор проблемаҳои соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ ёрии амалӣ мерасонд. Аз ҷумла, ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда дар соли 2008 ба 12 миллиону 214 ҳазору 88 доллари амрикоӣ баробар аст, ки 108% нақшаи солонаро ташкил медиҳад. «Аз аввали татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ 45 миллиону 568 ҳазору 593 доллари амрикоӣ аз худ карда шудааст» [51, с.29].

Бояд тазаккур дод, далелҳо ва воқеъаҳои таърихии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар бараъло нишон медиҳанд, ки амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон, дар асоси бунёди муассисаҳои нав ва пурзур гардонидани базаи моддӣ-техникии онҳо ва ҳамчунин омодакунӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунини дигар дар асоси сиёсати мазкур диққати бештар ба баланд бардоштани сифати таълиму тадрис, омодакунии кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгу ба талаботи нави ҷаҳонӣ, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим зоҳир карда мешуд. Ба беҳтар гардидани

шароити иҷтимоии омӯзгорону хонандагон низ аҳамияти ҳаматарафа зоҳир карда мешуд.

Ба вазъи нобасомонии кишвар нигоҳ накарда, Ҳукумати мамлакат бо талошу заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аввали солҳои 90-ум ба муассисаҳои олии вилояти Хатлон диққати ҷиддӣ дода мешуд. Хусусан, дар ин давра донишкадаҳои давлатии Кӯлоб ва Қурғонтеппа ба донишгоҳҳо табдил ёфта, дар он солҳои душвор фаъолияти мунтазаме ба роҳ монданд. Донишгоҳҳои мазкур ҳатто дар солҳои мушкили ҷанги шаҳрвандӣ низ зери ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси сарвари давлат қарор дошта, пайваста аз ҳар як имкониятҳои бадастомада бархӯрдор мегардиданд. «Ин буд, ки донишгоҳҳои болозикр дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ рушд намуда, пояҳои моддӣ-техникиашон мустаҳкам гардид ва бо истифода аз имконият зина ба зина факултетҳо ва ихтисосҳои лозим ба талаботи замони муосирро таъсис доданд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ донишгоҳҳои вилоят, махсусан Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар), Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва баъдтар Донишгоҳи давлатии Данғара зери таваҷҷуҳ ва дастгириҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат ба боргоҳҳои бонфузи илму маърифат мубаддал гардида, самти омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва дар бартараф намудани проблемаи нарасидани омӯзгор дар вилоят ва умуман ҷумҳурӣ ҳиссаи арзандаи худро гузошта истодаанд» [178].

Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои фаъолияти корӣ ба ҳайси роҳбари мамлакат ба соҳаи маорифи кишвар диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, онро дар мадди аввал гузоштаанд. Дар мадди аввал мушкилоти барқароркунии биноҳои муассисаҳои таълимӣ дар вилоят ба миён омада буд. Сиёсати мазкурро пайгирӣ

намуда, бо маром ба барқарор намудани муассисаҳои харобгаштаи вилояти Хатлон пардохтанд ва маҳз зери сиёсати маорифпарваронаи худ ҳамчунин дигар муассисаҳои нави таълимиро бунёд намуданд. Ҳамчунин ба ин васила на танҳо шарту шароитҳои таълимгириро беҳтар карданд, балки онҳоро ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ гардониданд. Инчунин, зери сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф, хусусан маорифи вилояти Хатлон хеле зиёд гардид. Боиси зикр аст, ки дар вилояти Хатлон дар натиҷаи татбиқи сиёсати маориф натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд, сатҳи саводнокии аҳолӣ баланд гардид, нерӯи инсонӣ рушд карда, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа низ ба чашм мерасад.

Илова бар ин, боиси зикр аст, ки дар мамлакат дар натиҷаи амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат минҷумла дар вилояти Хатлон имконият ба вуҷуд омад, ки соҳаи маориф бо роҳи муайян ривоҷ ёбад. Рушди устувори низоми маориф, беҳтар шудани шароити таълим ва тарбия дар муассисаҳо, шароити муосиди моддӣ-техникӣ, таҷҳизотҳои замонавии таълим боис гардиданд, ки сатҳи дониш ва малакаю тарбияи насли нав баланд гардад ва ин ҳама дар маҷмуъ барои пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақа заминаи мусоиду устувор гузорад. Зеро дар шароити рушди босуръати технологияи иттилоотию рақамӣ, зеҳни сунъӣ, интернет-технологияҳо ва дигар самтҳои илм, моро зарур аст, ки ба такмили низоми маориф пайваста таваҷҷуҳ зоҳир намоем, чунки ҳамаи наслҳо ва ворисони миллати фарҳангсолори тоҷик дар муассисаҳои таҳсилотии низоми маорифи ҷумҳурӣ ба таълим ва тарбия фаро гирифта мешаванд. Ҳарчӣ қадар низоми маорифи мо замонавӣ ва пешрафта бошад, ҳамон қадар шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳли ҷомеаи Тоҷикистон боло хоҳад рафт.

1.2. Вазъи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии олӣ, касбии вилоят ва мустаҳкамшавии заминаҳои самт дар солҳои соҳибистиқлолӣ

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ баробари ба даст омадани нахустин имкониятҳо Ҳукумати мамлакат ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар макотиби миёна ва олии кишвар, хусусан хубтару беҳтар намудани шароити моддӣ - техникӣ диққати махсус зоҳир менамуд. Ҳалли ин проблема дар яке аз минтақаҳои аз лиҳози аҳолӣ калонтарин аз масъалаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Дар солҳои охири 80-уми садаи XX ва арафаи барҳамхӯрии ИҶШС – низоми ягонаи таҳсилот дар қаламрави ин давлати абарқудрат низ аз байн бардошта шуда, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву иқтисодии кишвар дигаргуниҳо ба вуқуъ пайваст, ки ба соҳаи маориф дар вилояти Хатлон бетаъсир намонд. Дар минтақа низ низоми таҳсилот ба мушкилоти пай дар пай рӯбарӯ шуд, ки тибқи таҳлилҳо он аллакай ба талаботи умумии ҷомеа мувофиқ намеафтод ва ба ҷойи он раванди дигаргуншавии рукнҳо ва арзишҳои соҳаи маориф суръат гирифт ва мақоми маориф дар ҷомеа коҳиш ёфт. Муассисаҳои таълимии ноҳияҳои вилояти Хатлон ба мушкилоти гуногуни ҷараёни таълиму тарбия ва таъминоти моддию техникӣ мувоҷеҳ гардиданд.

Новобаста аз вазъияти ногувори солҳои ҷанг ва тағйир ёфтани низоми ҷомеа аз сохтори сотсиалистӣ ба демократӣ ва ба даст оварадани истиқлоли комил, таъсиси макотиби олӣ аз падидаи нави ҳукумати навтаъсиси ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Хусусан дар ин давра, яъне дар давраи шиддатёбии ҷанги шаҳрвандӣ, 24-уми июли соли 1992 Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ табдили ном кард. Донишгоҳи мазкур бидуни ҳамаи мушкилоти ҷойдошта, фаъолияти кории худро дар сатҳи баланд роҳандозӣ мекард. Бояд гуфт, ки дар омода намудани кадрҳо

барои соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат саҳми ДДК ба номи А. Рудакӣ хеле назаррас аст. Дар зарфи 80-соли фаъолияти худ бештар аз 35000 мутахассисони дорои маълумоти олиро тайёр намудааст. Ҳатто қабл аз он, яъне ҳанӯз соли 1991 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба миқдори 310 ҳазор сум таҷҳизоти илмӣ ва техникӣ гирифта, дар пайи боз ҳам мустаҳкам намудани шароити моддӣ – техникии худ талош меварзид, аммо бар асари ҷанг ба як вазъияти басо мушкили моддӣ – техникӣ мувоҷеҳ гардид [35, с.21].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ оид ба масоили базаи моддӣ-таълимии муассисаҳои таълимӣ як қатор корҳо анҷом дода шуд, аммо аз ба вуқӯъ омадани нооромиҳои сиёсӣ соҳаи маориф ба душвориҳои зиёд гирифтор шуд. Дар минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ҷараёни созандагӣ ба сӯзандагӣ табдил ёфт [49, с.79]. Албатта, чунин ҳолат ба мактабу маориф бетаъсир монда наметавонист. Дар ин давра пойгоҳи моддӣ – техникии мактабҳои олии кишвар хеле хароб гардид. Таҳқиқоти Р. Абулҳаев собит месозанд, ки «душвориҳои ба миён омада боиси аз ҷумҳурӣ баромадани кадрҳои хуби илмӣ - омӯзгорӣ шуд, ки таъсири манфии худро ба соҳаи маорифи кишвар расонд» [66, с.439].

Дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ ҳама гуна муносибатҳо, аз ҷумла, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳо ба маркази ҷумҳурӣ канда шуд. Хонандагону донишҷӯён ба хонаҳояшон рафтуомад карда наметавонистанд. Масалан, донишҷӯёни ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб танҳо ба воситаи роҳҳои ҳавоии Хуҷанд метавонистанд ба хонаҳои худ раванд. Бар асари ин мушкилот қисми зиёди донишҷӯён таҳсилро дар мактабҳои олӣ қатъ карданд.

Солҳои таҳсили 1992-1993 бо ташаббуси Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шуъбаҳои нав ва факултаву ихтисосҳои нав таъсис дода шуданд. Ин падидаҳо аз аввалин дигаргуниҳои назаррас дар

минтақаи Кӯлоб дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Бар асари оқибатҳои харобиафкани ҷанги шаҳрвандӣ тамоми макотиби миёна ва олии вилоят зиёни ҷиддӣ дида буд. Бинобар ин, муассисаҳои таълимии вилоят бештар ба омӯзгорон ва таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ дошт. Ғайр аз ин, дар баробари созмон ёфтани факултаҳо ва ихтисосҳои нав дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ дигар факултаҳо ва бахшҳои он низ рӯ ба инкишоф ниҳод. Шумораи донишҷӯён босуръат зиёд шуда, дар солҳои таҳсили 1992-1993, 2800 нафар донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекарданд [51, с.28]. Аз ин рӯ, Сарвари давлат ба беҳтар гардидани заминаҳои моддӣ - техникии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав, ки марказҳои асосии тайёркунии омӯзгорон дар вилоят ба шумор мерафт, мароқ зоҳир намуданд.

Соли 1992 ба соҳаи маориф 6975,6 миллион рубли русӣ ҷудо карда шуда бошад ва ҳиссаи он дар хароҷоти буҷети давлатӣ 18,6% ва дар ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ)-и мамлакат 10,8%-ро ташкил диҳад, пас дар соли 2005 ҳаҷми маблағгузорӣ ба 250 миллион расид. Ҳиссаи он дар буҷети давлатӣ 19,4% ва дар ММД-и кишвар 3,5%-ро ташкил дод [49, с.59], ки аз ин ҳама дастгириҳои Ҳукумат донишгоҳҳои вилоят низ бархурдор буданд ва дар пайи ин иқдомҳо рӯз аз рӯз шароити моддӣ-техникиашон беҳтар мегардид.

Ғайр аз ин иқдоми навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароити моддию техникии макотиби олии кишвар ба ҳисоб мерафт, ки дар пайи ин иқдомот тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2002, № 502 «Барномаи компютеркунонии соҳаи маорифи кишвар барои солҳои 2003-2007», инчунин «Барномаи компютеркунонии соҳаи маориф барои солҳои 2008-2010», ки аз 05.03.2008, №77 қабул гардиданд [51]. Қабул гардидани барномаҳои

давлатӣ, аз ҷумла, «Дар бораи соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон намудани соли 2010», «Дар бораи барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011-2015» аз қабили иқдомҳои дигари ҳукумати кишвар буданд. Чунин иқдомҳо омили муҳимми беҳтар гардидани шароити моддӣ-техникии донишгоҳҳои вилоят гардиданд» [142, с.10].

Дар вилояти Хатлон низ барномаи мазкур мавриди амал қарор дода шуда, рушди таҳсилоти фарогир ва рақамикунонии идоракунии соҳаи маориф густариш дода шуд, зеро бе амалӣ намудани барномаи болозикр барои истифодаи технологияи муосири иттилоотию коммуникатсонӣ дар ҳамаи дигар соҳаҳои ҳаёти мамлакат аз имкон берун аст. Амалисозии барномаи мазкур ба насли ҷавон имконият дод, ки ба зудӣ ба нозукиҳои технологияҳои рақамӣ шинос шуда, онро аз худ намуда, дар ҳаёти ҳарруза аз он самаранок истифода баранд. Иқдомҳои саривақтии роҳбарияти олии мамлакат ба насли нави мутахассисон имкон дод, ки сифати таҳсил ва таълимгирии худро баланд бардоранд ва ба талаботҳои бозори меҳнат дар шароити муосири пешрафти технологияҳои иттилоотию рақамӣ ҷавобгӯ бошанд.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз афзоиш ёфтани донишҷӯён ва мавҷуд будани теъдоди 220 нафар кормандони илмӣ, ки аз ин шумора, 5 нафар доктори илм, 1 нафар номзади илм, 1 нафар доктори фахрӣ, 5 нафар дорои унвони илмии профессор, 1 нафар узви вобастаи Академияи муҳандисии Тоҷикистон, 1 нафар академики Академияи муҳандисии Тоҷикистон, 90 нафар номзадҳои илм, 70 нафар дотсентон ва боқимонда муаллимони калон ва ассистентон мебошанд, ки донишгоҳ то ҳол ба омӯзгорони соҳибтаҷриба ниёз дошт. Аз тарафи дигар, набудани шароити мусоиди моддӣ-техникӣ ва бо маоши қонеъкунанда саривақт таъмин нагардидани устодон монеаи асосии рушди потенсиали кадрии муассиса гардид.

Аллакай, дар соли 1995 шумораи донишҷӯёни донишгоҳ афзуда, ба 4590 нафар мерасад, ки аз ин миқдор 3229 нафарашон дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекарданд. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани утоққҳои корӣ, синфхонаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва умуман беҳтар намудани вазъи моддӣ-техникии донишгоҳ аз мушкилоти асосӣ дар назди роҳбарияти он маҳсуб меёфт.

«Моҳи сентябри соли 1993 ректори донишгоҳ М. Х. Маликов бо хоҳиши худ аз вазифа даст кашид ва ба ҷойи ӯ Самариддин Каримович Каримов таъин гардид. Ӯ то дараҷае обрӯйи Донишгоҳро дар байни мактабҳои олии кишвар баланд бардошт. Акнун аксари довталабони ихтисосҳои иқтисодиёт, тиб, кимиё, биология, таърих, тарбияи ҷисмонӣ ба мактабҳои олии шаҳри Душанбе нарафта, ба Донишгоҳи Кӯлоб меомадагӣ шуданд» [91].

Яке аз дастовардҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар моҳи ноябри соли 1993 ин аст, ки собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, профессор Бурҳониддин Раҳабонӣ бо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кӯлоб бо олимону устодон ва донишҷӯён вохӯрӣ доир намуд. Дар фуроварди ин вохӯрӣ Сарвари давлат ба профессор Бурҳониддин Раббонӣ дипломи доктори фахрии ДДК-ро супориданд, ки саҳифаи дигари хотирмон дар таърихи Донишгоҳ дар солҳои душвори баъдиҷангӣ маҳсуб меёбад [50, с.62]. Маҳз ҳамин сафарҳо ва таваҷҷуҳи бевоситаи Сарвари давлат боиси беҳтар гардидани музди меҳнати кормандон ва шароити моддӣ – техникии донишгоҳ мегардид. Шумораи кафедраҳо ба 33 ва устодону муаллимон дар солҳои таҳсили 1994 - 1995 дар донишгоҳ то ба 283 нафар мерасад.

Ҳамкориҳои шарикиро Донишгоҳ бо муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия дар самти таълим ба роҳ мондааст. Бо Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов, донишгоҳҳои шаҳрҳои Новосибирск, Қазон, Свердловск, Новосибирск, Челябинск дар ин самт

ҳамкориҳои судманди тарафайн пиёда гардиданд, ки барои табодули таҷриба ва беҳтар намудани шарту шароити таълим дар минтақа кумаки амалӣ расониданд. Ҳамчунини дигар бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамкориҳои самти таълим дар Донишгоҳи шаҳри Тошканди хеле муваффақона амалӣ карда шудааст. Дар дохили мамлакат низ бо МТОК аз ҷумла бо Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷураев ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд ба роҳ монд [50, с. 65].

Баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан собиқ вилояти Кӯлоб дар муҳосираи иқтисодӣ қарор мегирад, аммо новобаста аз вазъияти мазкур Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҳарчи зудтар баровардани минтақаи Кӯлоб аз муҳосираи иқтисодӣ ва бартараф намудани мушкилоти соҳаи маорифи вилоят кӯшиш ба харҷ медод.

Дар баробари беҳтар намудани шароити моддӣ – техникии донишгоҳ бартараф намудани проблемаи норасоии мутахассисон низ дар мадди аввал қарор дошт. Зеро чуноне, ки дар боло ишора намудем, баромада рафтани мутахассисон аз вилоят ва умуман аз ҷумҳурӣ проблемаи мазкурро ба миён оварда буд.

Бо дастгириҳои пайвастаи роҳбарияти вилоят ва мамлакат дар давраи ректории академик Самариддин Каримов дар донишгоҳ соли 1997 маркази баҳисобгирии математикӣ бо техникаи пуриқтидори ҳисоббарорӣ таҷҳизонида шуд. «Дар ин бино кафедраи информатика ҷойгир карда шуда, донишҷӯён ба воситаи мошинаҳои ҳисоббарорию компютерҳо таълим мегирифтанд. Ҳамзамон, 60 синфхона дар се бинои таълимӣ, даҳҳо озмоишгоҳҳо, 20 синфхонаи таълимӣ, се маҷлисгоҳ, толори варзишии донишгоҳ, ва китобхона таъмир гардиданд, вале ҳанӯз ҳам шароити мавҷуда роҳбарияти донишгоҳро қонеъ карда наметавонист» [90, с. 65]. Дар соли мазкур китобхонаи донишгоҳ, ки маҳзани асосии донишомӯзии мутахассисони ояндаро ташкил медод,

мавриди таҷдид қарор дода шуд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дорои китобхонаи бой буда, дар он китобҳои сиёсӣ, таълимӣ, илмӣ - бадеӣ ва матбуоти даврӣ бо теъдоди 240274 адад дар хизмати устодону донишҷӯён мебошад. Теъдоди адабиёти ҷамъиятию сиёсӣ, 80 000 нусха, бадеӣ 30 000 нусхаро ташкил медиҳад. Теъдоди адабиёти таълимӣ бо забони тоҷикӣ 12 500 нусха, бо забони русӣ 148 000 нусха бо забони дигар халқҳо 9 500 нусхаро ташкил медиҳад.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар чунин лаҳзаҳои барои мамлакат ҳассос нуқтаи асосии омодасозии кадрҳои педагогӣ дар собиқ вилояти Кӯлоб ва умуман вилояти Хатлон ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, беҳтар намудани шароити моддӣ-техникии донишгоҳи мазкур басо зарур арзёбӣ мегардид. Дар баробари беҳтар гардидани шароити моддӣ – техникӣ шумораи донишҷӯён низ афзоиш ёфта, мувофиқи таҳқиқи Достиев Ш. «дар соли хониши 2005 – 2006 бештар аз 6 ҳазору 500 нафарро ташкил медод. Агар дар соли таҳсили 1981 - 1982 дар донишкада 227 нафар омӯзгорон кор мекарданд, ки аз онҳо танҳо 43 нафарашон номзадҳои илм ва 10 нафарашон дотсентон бошанд, шумораи онҳо дар соли хониши 2005 – 2006 ба 261 нафар расид, ки аз ин миқдор танҳо 10 нафарашонро докторони илм ва профессорон ташкил мекарданд. Соли 2016, ки ба 15 - солагии Истиқлоли кишвар рост омад, аллакай дар донишгоҳ 9 факултет бо 29 кафедра аз рӯйи 33 ихтисос мутахассисони дорои маълумоти олиро тайёр мекард»[91]. Шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳро дар шуъбаи рӯзона то 1 -уми сентябри солҳои хониши зерин аз рӯйи ҷадвал дидан мумкин аст.

Ҷадвали № 1.1.

Шумораи умумии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

1990 - 1991	2894
1991 – 1992	2599
1992 – 1993	2903
1993 – 1994	3013
1994 – 1995	3229
1995 – 1996	2257
1996 – 1997	2372
1997 – 1998	2255
1999 – 2000	2036
2001 – 2002	1984
2002 – 2003	2183
2003 – 2004	1914
2004 – 2005	3095
2005 – 2006	6500 [89, с.61]

Дар баробари зиёд гардидани теъдоди донишҷӯён дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона шумораи устодон дар солҳои 1990 - 2006 тағйир ёфтааст:

Ҷадвали № 1.2.

Шумораи устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар солҳои 1990- 2006

1990-1991	261
1991-1992	245
1992-1993	244
1993-1994	270
1994-1995	283
1995-1996	232
1996-1997	220
1997-1998	180
1998-1999	181

1999-2000	185
2000-2001	185
2001-2002	190
2002-2003	193
2003-2004	210
2004-2005	215
2005-2006	261

(Сарчашма аз бойгонии ҷории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)

Чунон ки аз рақамҳои боло бармеояд, аз соли хониши 1995-1996 сар карда ба тарзи оммавӣ донишгоҳро тарк намуда ба донишгоҳҳо ва донишкадаҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлону Суғд, инчунин шаҳри Душанбе рафтани устодону муаллимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба мушоҳида мерасад, ки ин сабабҳои объективӣ дорад. Агар дар соли хониши 1994-1995 дар донишгоҳи мо 283 нафар устодону олимон кор мекарда бошанд, дар соли хониши 2000-2001 ин рақам то ба 185 нафар паст фаромад. Дар 15 соли давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 81 нафар устодону муаллимони донишгоҳ ба дигар мактабҳои олии мамлакат ба кор гузаштанд. Ба раёсати Донишгоҳи Кӯлоб танҳо дар соли хониши 2005-2006 муяссар гардид, ки ҷойивазкунии олимони донишгоҳро пешгирӣ намуда, шумораи онҳоро то 261 нафар расонад [91].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар зарфи 15 соли соҳибистиқлолӣ шароити моддӣ – техникии донишгоҳ беҳтар гардида, акнун китобхонаи донишгоҳ дорои шӯъбаи абонемент, китобҳои илмӣ, методӣ, бадеӣ ва 4 толори хониш, дар маҷмуъ теъдоди китобҳояш ба 300 580 нусха, хобгоҳ барои 300 ҷой ва бунгоҳи тиббӣ бо таҷҳизоти лозимӣ, 2 толори варзишӣ, 2 толори фарҳангии замонавӣ, 3 толори лексионӣ ва 4 толори барои гузаронидани ҷаласаҳо мавриди истифода қарор дода шудааст.

Донишгоҳ дар ноҳияи зебоманзари Муъминобод дорои лагери истироҳатӣ-истеҳсолӣ ва фароғатии «Истиқлол» мебошад [89, с.63].

Дар донишгоҳ парки технологӣ ва марказҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, истеъдодҳои ҷавон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, рушди касбият ва инноватсия амал менамоянд. Донишҷӯён дар синфхонаҳои дорои тахтаҳои электронӣ ва компютерӣ технологияи наву ҳозиразамони иттилоотиро аз бар менамоянд. Компютерҳои донишгоҳ ба шабакаи умумиҷаҳонии Интернет васл гардида, донишҷӯён аз он ройгон ва ба таври густурда истифода менамоянд. Натиҷаи кӯшишҳо ба он оварда расонидааст, ки акнун шумораи беш аз 800 нафар кормандони донишгоҳ соҳиби шароити мусоиди корӣ ва моддӣ – техникӣ мебошанд. Дар ҳоли ҳозир Донишгоҳ бо зиёда аз 50 донишгоҳу донишкадаҳои кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла донишгоҳҳои Федератсияи Россия, Олмон, Испания, Чехия, Белгия, Италия, Англия, ИМА, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Украина, Австрия ва Эрон ҳамкорӣ дорад. Ғайр аз ин, дар асоси 5 лоиҳаи байналмилалӣ ки донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо низ ба онҳо шомиланд, ҳамкорӣ намуда истодааст.

Бо мустаҳкам гардидани пояҳои моддӣ-техникии донишгоҳ сатҳу сифати таълиму тарбия беҳтар гардида истодааст. Масалан, донишгоҳ дорои китобхона бо теъдоди 473507 китоб, толорҳои хониш, толорҳои компютерӣ бо пайваст будан ба шабакаи интернетӣ мебошад, ки донишҷӯёну устодон аз онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд. Ҳамаи синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ба васоити техникию таълимии зарурӣ таъмин буда, айни ҳол 7 синфхонаи компютерӣ пурра фаъолият менамояд. Донишгоҳ дорои толори бузурги фарҳангӣ, утоқҳои корӣ, толори варзишӣ, майдончаи варзишии тобистона, боғи фароғатӣ, толори шурои олимон, толори маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дар баъзе факултетҳо маҷлисгоҳҳо, инчунин осоишгоҳи табобатӣ буда, ба

талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд. Инчунин, коргоҳҳои дузандагӣ дар хизмати донишҷӯёну устодон қарор дорад. Ҳамин тавр, беҳтар гардидани шароити моддӣ - техникӣ имкон медиҳад, ки имрӯз дар донишгоҳ 28 кафедра аз рӯи 48 ихтисос мутахассис тайёр мекунад. Бо истифода аз шароити мавҷуда дар донишгоҳ ҳафтаномаи «Анвори дониш» ва маҷаллаи илмии “Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” ба табъ мерасанд, ки асосан дар онҳо таҳқиқотҳои илмии устодони донишҷӯён ва мақолаҳои илмӣ-оммавии устодону донишҷӯён ба табъ мерасанд. Инчунин, сомонаи «Паёми донишгоҳ» дар шабакаи интернет бо суроғаи www.vestnik.kgu.tj фаъол аст. Донишгоҳ аз моҳи октябри соли 2009 ба каталоги Донишгоҳҳои ҷаҳонӣ низ ворид гардидааст [169].

Солҳои хониши 2013-2014 ва 2014-2015 ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам намудани базаи техникии Донишгоҳ воситаҳои техникӣ, амалӣ ва таълимӣ, инчунин дигар техникаву технологияи муосир харидорӣ ва ба истифода дода шуд. Дар натиҷа тамоми синфхонаҳои компютерӣ бо техникаҳои компютерӣ пурра таъмин гардиданд.

«Кушода шудани шуъбаи аспирантура, докторантураи (Phd) ва магистратура, ки дар гузашта мавҷуд набуд, яке аз муваффақиятҳои калони донишгоҳ дар даврони истиқлолият маҳсуб меёбад. Айни ҳол, дар донишгоҳ 19 нафар аспирант, 53 нафар докторанти (Phd), 340-нафар магистрантон ба корҳои илмӣ машғуланд» [169].

Ҳамзамон, тибқи бойгонии ҷории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ «Шумораи донишҷӯёни Донишгоҳ дар соли хониши 2005-2006-ум бештар аз 6 ҳазору 500 нафарро ташкил медод. Агар дар соли таҳсили 1981-1982 дар донишкада 227-нафар омӯзгорон кор мекарда бошанд, ки аз онҳо танҳо 43 нафарашон номзадҳои илм ва 10-нафарашон дотсентон бошанд, дар соли хониши 2005-2006 шумораи устодону муаллимони донишгоҳ то ба 261-нафар расидааст, ки аз онҳо

10-нафарашон докторони илму профессорон мебошанд. Алҳол дар донишгоҳ 9 факултет ва 29 кафедра амал мекунанд, ки аз рӯи 33 ихтисос мутахассисони дорои маълумоти олиро тайёр мекунанд. Масалан, дар донишгоҳ мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқ, химия, физика, маркетинг, менеҷмент, биология, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ, экология, биология ва экология, информатика ва ғайра тайёр намуда, ба истеҳсолот равон мекунад» [22]. Беҳтар гардидани шароити кории устодон, ҳолати моддӣ – техникии донишгоҳ боиси зина ба зина афзудани ҳайати профессорону омӯзгорон мегардид. Тибқи Ҳисоботи солонаи донишгоҳ барои соли таҳсили 2015-2016 «соли таҳсили 1991-1992 дар донишгоҳ ҳамагӣ 283 омӯзгор (аз ҷумла докторони илм 5-нафар, профессорон 5-нафар, номзадҳои илм 87-нафар, дотсентон 8-нафар, муаллимони калон 74-нафар, омӯзгорон 43-нафар, ассистентон 32-нафар) кору фаъолият мекарданд ва давоми солҳои дарози фаъолияташ ба донишгоҳ муяссар шуд, ки миқдори донишҷӯёнро аз 48 нафар ба теъдоди 9 ҳазор нафар ва адади ҳайати устодону профессоронро аз 9 ба 439-нафар, миқдори кадрҳои дараҷа ва унвони илмидорро аз 5 номзади илм ба 130 нафар ва докторони илму профессоронро аз сифр ба 29 нафар расонад» [24], [179].

Мусаллам аст, ки барои баланд бардоштани сифати таълим ҷиҳати фароҳам овардани шароити созгор, ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон, ба фароғату истироҳат фаро гирифтани онҳо бояд чораҳои мушаххас андешида шавад ва тамоми воситаҳоро дар ин самт истифода бояд бурд.

Ҷадвали № 1.3.



	Доктор, профессор	Доктори илм	Дотсент	Номзади илм	Муаллими калон	Ассистент
2016	2138	1433	1008	884	485	431
Фаркияти зиёдшавии музди маош	1430	952	612	527	225	196
2012	708	481	396	357	260	235

1 сентябри соли 2015 бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарси сулҳ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардида, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 1500 мизу курсӣ, 286 адад компютер, 50 ноутбук, 35 тахтаи электронӣ, 35 проектор, 18 принтер (3х1) ба Донишгоҳ тақдим карда шуд, ки ба заминаи моддӣ-техникии Донишгоҳ таъсири калон расонд. Дар баробари ин аз ҷониби Пешвои миллат 25 хонаи истиқоматӣ ба кормандони донишгоҳ туҳфа карда шуд. Иқдоми мазкур бо мақсади беҳтар намудани шароити буду бош ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии кормандони Донишгоҳ анҷом дода шуд.

Ҷадвали № 1.4.



Баръало маълум аст, ки рушди ҳамаҷонибаи тамоми кишварҳои дунё ба рушди соҳаи маорифи он вобаста аст. Аз ин сабаб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илму маорифро дар сиёсати худ дар мадди аввал гузошта, ҷиҳати таъмини шароти таълим, маърифатнокии аҳолии мамлкат ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳа тамоми тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд [111, с. 15-32].

Мавриди ба такрори матлаб аст, ки заминаҳои моддӣ – техникии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб пайваста дар пайи дастгириҳои ҳукумати мамлакат мустаҳкам гардида, сол аз сол шароити моддӣ ва маишии кормандон беҳтар гардида истодааст. Масалан, соли 2015 70 -солагии донишгоҳ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда шуд. Дар ин рӯз бинои нави Донишгоҳ ба истифода дода шуд.

Дар соли 2020 дар донишгоҳ озмоишгоҳи биотехнология таъсис дода шуд, ки ин дастоварди назаррас ба ҳисоб меравад. Озмоишгоҳи

мазкур бо маблағи 1 000 000 сомонӣ сохта ба истифода дода шуд [142,с.10]. Озмоишгоҳи мазкур бо таҷҳизоти муосир таъмин гардида, барои ташхиси маводи ғизоӣ, омӯзиши микроорганизмҳо, таҳлили таркиби об ва дигар масъалаҳои химиявию биологӣ ва географӣ нигаронида шуда, барои дар амал иҷро намудани донишҳои назариявии донишҷӯёни факултетҳои биология, химия ва география мусоид мебошад. Ҳоло донишҷӯёни донишгоҳ дар ин озмоишгоҳ таҷрибаҳо мегузаронанд. Ҳамзамон, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор лавозимоти техникӣ, технологияи информатсионӣ харидорӣ ва мавриди истифода қарор дода шуданд. «Хусусан, соли 2022 дар донишгоҳ 571 адад компютер, аз ҷумла 518 адад компютери рӯимизӣ, 53 адад ноутбук, 50 адад тахтаҳои электронӣ ва 55 адад видеопроекторҳо мавриди истифода қарор ёфтанд. Инчунин, дар донишгоҳ 6 синфхонаи компютерӣ бо теъдоди 246 адад компютер ва 5 синфхонаи лингофонӣ бо теъдоди 60 адад компютер фаъолият менамояд. Таносуби миқдори компютерҳо ба миқдори донишҷӯён ба 0,06 баробар аст, яъне ба ҳар 17 нафар донишҷӯ 1 компютер рост меояд. Дар Донишгоҳ 332 адад компютер ба шабакаи интернет пайваст мебошад» [25], [180].

Ҳамчунин, дигар озмоишгоҳҳои оптикӣ, радиотехникӣ, химияи органикӣ ва ғайриорганикӣ ташкил шудаанд. Ин озмоишгоҳҳо аз рӯйи ихтисосҳои физикаи ҷисмҳои сахт, механика, физикаи молекулавӣ, электрикӣ, физикаи атом фаъолият мекунанд. «Инчунин, вобаста ба ихтисосҳои микроэлектроника, техника ва моделсозӣ, назарияи лапиш ва протсессҳои мавҷӣ, дастгоҳҳои радиошунавоӣ ва телевизионӣ, дастгоҳҳои ҳароратсанҷӣ, нақлиётӣ, саноати қаннодӣ ва ғайраҳо бо дастгоҳҳои нав муҷаҳҳаз шуда, мавриди истифода қарор доранд. Ҳамзамон, дар донишгоҳ китобхонаи электронӣ фаъолият мекунад, ки беш аз 100000 китобҳои электронӣ дар он ҷойгир шуда, бо 25 ҷойи

нишаст таъмин мебошад. Ин мисолҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ базаи моддӣ-техникии донишгоҳ, воқеан беҳтар гардидааст» [180].

15-уми июни соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят ташриф оварда аз ҷараёни корҳои барқарорсозии иншооту манзилҳои бар асари офати табиӣ зарардида ва шиносоӣ ба вазъи корҳои ободониву бунёдкорӣ бахшида ба 30 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намуданд. Зимни сафар дар шаҳри Кӯлоб ба намояндагони оилаҳои зарардида мулоқот намуданд. «... Дар ин давра бинои асосии донишгоҳ, аз ҷумла толори фарҳангии рақами №1 донишгоҳ аз таъмири асосӣ бароварда шуда, таҷҳизоти нав харидорӣ гардид».

Ҷадвали № 1.5.

ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ :

Техникаи компютерӣ														Камераҳои назоратӣ
Миқдори умумии компютерҳо	Синфхонаи компютерӣ	Миқдори компютерҳо дар синфхонаи компютерӣ ва синфхонаҳо	Миқдори компютерҳо дар утоқҳои корӣ	Китобхонаи электронӣ	Ба шабакаи интернет пайваст	Ба шабакаи дохилӣ пайваст	Тахтаи электронӣ	Проектор	Принтер	Аз онҳо принтери 3в1	Ксерекс	Сканер	УПС	Ноутбук	Шуморои камераҳои назоратӣ
570	13	351	156	15	45	332	49	52	117	40	2	5	179	53	70



Компютер – 570 адад



Принтер - 117 адад



Ноутбук – 53 адад



Сканер-ксерекс – 5 адад



Проектор – 51 адад



Тахтаи электронӣ – 49

Бахшида ба муносибати 30 солагии истиқлолият ва бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани шароити таҳсил бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва кӯшишҳои роҳбарияти донишгоҳ тамоми синфхонаҳои таълимӣ таҷдиду таъмир ва 2255 адад мизу курсӣ харидорӣ гардид [161]. «Ғайр аз ин, як озмоишгоҳи замонавии биотехнология барои ихтисосҳои биология — биотехнология, як озмоишгоҳи санҷиши оби ошомиданӣ, маркази илмии «Ҳамадоншиносӣ» ва китобхонаи тахассусӣ бо теъдоди 2600 адад адабиёт дар назди факултаи филологияи тоҷик ва журналистика, ду маркази имтиҳонсупорӣ бо теъдоди 80 адад компютер таъсис дода шуда, 10 озмоишгоҳи дигар дар назди факултаи физика математика аз нав таҷдид карда шуд. Дар ин замина, атрофу намои зоҳирии биноҳои таълимӣ таъмир гардида, бетонпӯш гардиданд. Роҳраву атрофи муассиса гулзор карда шуд» [161].

Дар соли 2021 дар китобхонаи донишгоҳ фонди умумӣ 296 801 номгӯйи адабиётро фарогир буд. Китобхонаи электронӣ бошад, дар ҳамин соли таҳсил фонди умумиаш аз 196 425 номгӯйро ташкил медод. Фонди умумии китобхона ба соҳаҳои алоҳида ҷудо карда шуда, дар муқоиса ба соли 2015 адади он ба 3200 адад бештар шудааст. Китобхона тамоми фонди худро барои истифодаи хонандагон ва аъзоён барои мутолиа ва истифодабарӣ пешниҳод мегардонад.

Ҳамин тавр, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, новобаста аз оқибатҳои харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ базаи моддӣ–техникии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зери сарпарастӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маром беҳтар шудаистодааст. Дар як марҳилаи кӯтоҳ камбудиҳои ҷойдошта бартараф шуданд. Маҳз бо чунин дастгирию ғамхориҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат Донишгоҳ бо техникаву таҷҳизоти нави замонавӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин гардид. Ин иқдому дастгириҳо

боиси ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани фаъолияти донишгоҳ мусоидат намуданд.

Боргоҳи дигари илму маърифати вилояти Хатлон, ки дар омодасозии кадрҳои педагогӣ нақши назаррас гузошта истодааст, Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар) ба ҳисоб меравад. Маврид ба зикр аст, ки донишгоҳи мазкур ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ «дар асоси Қарори девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 1991 ва Фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1991, аз 1 апрели соли 1991 таъсис ёфтааст. Аввалан ин муассисаи таълимӣ ҳамчун Донишкадаи мустақили омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа ба фаъолият шуруъ кард. Баъдан донишкадаи мазкур бо Қарори девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 1992, №236 ва Фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1992, №76 ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа табдил дода шуд» [47, с. 42-50]. «...Минбаъд донишгоҳ дар бартараф намудани норасоии омӯзгорон, ки аксари навоҳии ин водӣ ба мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаи маориф, муҳандисон, иқтисодчиён сахт ниёз дошт, саҳми худро мегузорад. Бо мақсади таҳсил сокинони он маҷбур буданд, ки ба маркази ҷумҳурӣ, шаҳри Хуҷанд ва ё Кӯлоб сафар намояд. Ифтитоҳи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа дар шаҳри Қурғонтеппа аз падидаи муҳимми фарҳангию маърифатӣ дар раванди таърих мебошад» [29]. Донишгоҳи мазкур дар ибтидо дорои 4 факулта: факултети забон ва адабиёти рус, факултети математика, физика ва таҳсилоти ибтидоӣ буда, аз рӯйи ин ихтисосҳо мутахассис омода мекард. Минбаъд, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаву факултаҳои он зиёд гардида, айни ҳол зиёда аз даҳ ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аммо, бояд иқрор намуд, ки ин ҳама дастовардҳо зина ба зина падид омада, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ донишгоҳ рӯзҳои сангин ва ҳолатҳои

мураккабро паси сар намудааст. Танҳо бо дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат донишгоҳ аз як вазъияти мушкил баромада, то кунун ба яке аз боргоҳҳои бузурги илму маърифати ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

Баробари таъсисёбии донишкадаи мазкур профессор Салимов Нуриддин ба ҳайси ректори он таъйин карда шуд. Ӯ дар муддати ректориаш донишкадаро дар радифи беҳтарин макотиби олии кишвар қарор дод. Донишҷӯёни донишкада дар озмунҳои кишвар ва хориҷи он ширкат намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегаштанд. Устодон пайи дифои рисолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ камари ҳиммат мебастанд. Робитаи донишкада бо муассисаҳои илмии хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд. Устодон ҷиҳати коромӯзӣ ба марказҳои таҳқиқотӣ фиристода мешуданд, ки ҳамаи ин барои пешрафти ин боргоҳи маърифат заминаи мусоид фароҳам меовард.

Истиқлолият дар Тоҷикистон дар ҳама сохторҳо дигаргуниҳои азимеро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, сохтори маориф ба куллӣ тағйир ёфт. Қисме аз донишкадаҳо ба донишгоҳҳо табдил дода шуданд. Аммо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намудани мутахассисон ниҳоят зарур буд, зеро дар ҳама соҳаҳои ҷумҳурӣ норасоии мутахассисон ба мушоҳида мерасид [27].

Натиҷаи ҳамин иқдомҳо буд, ки тибқи қарордоди Девони Вазирони Тоҷикистон таҳти рақами 236 аз 24. 07. 92 ва фармоиши Вазорати маорифи Тоҷикистон таҳти №76 аз 01. 09 1992 донишкада ба Донишгоҳ табдил шуд, ки аввалин ректораш профессор Салимов Нуриддин буд. Воқеан ҳам профессор Н. Салимов дар ин боргоҳ хизматҳои арзандаеро анҷом додааст. Хусусан, таъсиси Донишкадаи мустақил ва ба Донишгоҳ табдил ёфтани донишкада маҳз бо ташаббуси эшон ба сомон расидааст.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат, аз он ҷумла соҳаи маориф таъсири харобиовари худро расонид. Ҳайати

профессорон ва устодони донишгоҳ низ аз ин паёмадҳои ногувори замони ҷанг дар канор намонда, дар солҳои аввали фаъолияти он рӯзҳои сахту сангинро паси сар менамуданд. Роҳбари дигари муассиса профессор Икром Қурбонов низ дар чунин рӯзҳои душвор бо кӯшишу талошҳои зиёд саҳми арзандаи худро дар рушди ин боргоҳ ва сарҷамъ намудани устодону кормандон гузоштааст.

Ба вазъияти ниҳоят мураккаби солҳои аввали истиқлолият нигоҳ накарда, роҳбарони Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав дар такя ба дастгириву пуштибониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди донишгоҳи мазкур саҳми арзанда гузоштанд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ як зумра афроди сарсупурдаи ин боргоҳ дар вазифаҳои пурмасъули ноиби ректор фаъолият намуда, новобаста аз вазъи ногувори солҳои ҷанг дар рушди донишгоҳ нақши калидӣ бозиданд. Баъди таъсиси шӯъбаи Қӯрғонтеппагии Донишгоҳи омӯзгории Душанбе вазифаи ноиби ректор оид ба таълиму тарбия ва илм низ таъсис ёфт, ки дар ин вазифа Раҳимов Абдураҳим. (солҳои 1978-1981), Қурбонов Икром (солҳои 1981-1988), Имомназаров Бекназар (солҳои 1988-1991) кор кардаанд. Баъди мустақилияти Донишкада (соли (1991) вазифаҳои ноиби ректор оид ба таълиму тарбия ва ноиби ректор оид ба илм иҷозат дода шуд. Вазифаи ноиби ректор оид ба таълиму тарбияро Иброҳимов Савлатшоҳ (солҳои 1991-1992), Салимов Додарак (солҳои 1992-1996) иҷро намудаанд. Соли 1993 мансаби ноиби ректор оид ба тарбия низ таъсис дода шуд, ки ин вазифаро саромӯзгор Мусофир Ҳакимов иҷро мекард. Аз моҳи январи соли 1996 вазифаи ноиби ректор оид ба таълиму тарбия ба души н.и.п.дотсент Абдураҳимов Қуратулло гузошта шуд, ки то ҳол ин вазифаро иҷро карда меояд [28].

Бо мурури замон донишгоҳ бо дастгириҳои пайвастаи ҳукумати мамлакат инкишоф ёфта, зина ба зина ҳолати моддӣ – техникии он

беҳтар мегардид. Донишгоҳи мазкур, ки дар яке аз минтақаҳои сераҳолитарини кишвар ҷойгир буд, зарурати ҳарчӣ зудтар рушд додани он дар назди роҳбарияти олии ҷумҳурӣ зиёд мешуд. Ба муҷарради бартараф гардидани ҷанг дар кишвар, фароҳам омадани ҳаёти осоишта ва беҳтар гардидани вазъи моддӣ – техникӣ яку якбора шумораи донишҷӯёни донишгоҳ ба маротиб меафзуд.

№	Солҳо ва факултаҳо	Омӯзгори	Физика	Математика	Технологияи сохибкорӣ	Заб ва	Заб.ад.рус	Заб.хориҷӣ	Химия	Таъриху	Тиббӣ	Иқтисодӣ	АСТИ (АСУ)	Ҷамъ дар
1.	1978	75	47	94	-	-	132	-	-	-	-	-	-	348
2.	1979	58	41	141	-	-	155	-	-	-	-	-	-	387
3.	1980	50	65	119	-	-	162	-	-	-	-	-	-	396
4.	1981	50	71	145	-	-	162	-	-	-	-	-	-	428
5.	1982	50	75	150	-	-	175	-	-	-	-	-	-	450
6.	1983	50	75	125	-	-	150	-	-	-	-	-	-	444
7.	1984	69	75	150	-	-	150	-	-	-	-	-	-	414
8.	1985	100	43	123	-	-	148	-	-	-	-	-	-	450
9.	1986	100	75	125	-	-	150	-	-	-	-	-	-	450
10.	1987	100	75	125	-	-	150	-	-	-	-	-	-	450
11.	1988	104	76	128	-	-	150	-	-	-	-	-	-	458
12.	1989	150	75	125	-	-	150	-	-	-	-	-	-	500
13.	1990	152	102	127	52	54	104	-	-	-	-	-	-	591
14.	1991	180	75	101	50	77	-	-	-	-	-	-	-	483
15.	1992	177	74	100	51	79	-	-	-	-	-	-	-	481
16.	1993	151	75	100	50	75	-	25	-	-	100	52	-	628
17.	1994	150	75	100	50	75	-	50	50	-	75	95	-	720
18.	1995	121	83	139	79	75	-	114	69	-	-	-	-	673

19	*1996*	*57*	*53*	*93*	*73*	*58*	*-*	*95*	*34*	*-*	*-*	*51*	*-*	*514*
20	*1997*	*102*	*54*	*81*	*60*	*79*	*-*	*101*	*55*	*28*	*-*	*50*	*42*	*652*
21	*1998*	*108*	*26*	*104*	*105*	*72*	*-*	*92*	*51*	*29*	*-*	*121*	*29*	*737*

Ҷадвали № 1.6.

Афзоиши миқдори донишҷӯёни донишгоҳ дар солҳои 1978-1998

[26]

Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, «барои расидан ба стандартҳои ҷаҳонӣ мо бояд пеш аз ҳама заминаҳои моддию техникии таълимро пурқувват намоем» [2, с. 15]. Маҳз ба хотири амалисозии дастури Пешвои миллат таваҷҷуҳи махсус ба соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ равона карда шуд. Дар ин асос Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав низ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифт. Зина ба зина биноҳои таълимии Донишгоҳ азнавсозӣ ва таъмиру таҷдид карда шуданд. Барномаи компютеркунонии муассисаҳо ба донишгоҳ такони ҷиддӣ расонида, дар як давраи кӯтоҳ бо компютерҳо, принтерҳо, тахтаҳои электронӣ ва дигар таҷҳизоти лозимӣ таъмин мегардад.

Воқеан ҳам, барои донишгоҳи навтаъсис ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо васоити таълимию техникӣ, таъмиру тармим намудани биноҳои таълимию маъмурӣ басо муҳим буд. Бо дарки ҳамин матлуб аз рӯзҳои аввали таъсиси ин боргоҳи маърифат роҳбарияти донишгоҳ бо дастгирии пайвастаи ҳукумати кишвар дар пайи ободии донишгоҳ, пеш аз ҳама мустаҳкам намудани пояҳои моддӣ - техникии он кӯшишҳои зиёд анҷом додаанд. Маҳз натиҷаи ҳамин кӯшишҳо имкон медиҳад, ки барои донишҷӯён бинои чорошёнаи 270 - ҳуҷрадор дар шафати бинои таълимии факултети физика ба истифода дода шуд. Баъди афзоиши миқдори умумии донишҷӯён ва кушодани шӯъбаҳо, факултаҳои нав дар хиёбони Дӯстии халқҳо бинои таълимӣ барои 1500 донишҷӯ қомат

афрохт, ки дар он саҳми умури хоҷагии донишгоҳ калон аст [164]. Ҳамаи ин тадбирҳо барои ҷалби насли ҷавон наврас ба илмомӯзӣ, касбомӯзӣ ва пешбурди ҳаёти шоиста дар мамалкат заминагузорӣ намуда, бо мурури замон шарту шароитҳои таълиму тарбия дар макотиби олии вилоят ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ карда шуданд. Бояд илова намуд, ки амалисозии ин тадбирҳо заҳмату талошҳои пайвастаро аз масъулин тақозо мекард.

Ҷадвали № 1.7.

Афзоиши хатмкунандагони донишгоҳ, солҳои 1982-1998

№	*Соли хатм*	*Миқдори хатмкунандагон*
1.	Соли 1982	74-нафар
2.	Соли 1983	340-нафар
3.	Соли 1984	307-нафар
4.	Соли 1985	348-нафар
5.	Соли 1986	360-нафар
6.	Соли 1987	291-нафар
7.	Соли 1988	199-нафар
8.	Соли 1989	398-нафар
9.	Соли 1990	357-нафар
10.	Соли 1991	415-нафар
11.	Соли 1992	440-нафар
12.	Соли 1993	457-нафар
13.	Соли 1994	314-нафар
14.	Соли 1995	311-нафар
15.	Соли 1996	210-нафар
16.	Соли 1997	246-нафар
17.	Соли 1998	393-нафар
Ҷамъ дар донишгоҳ		5490-нафар

Тавре қайд гардид, Донишгоҳи давлатии Бохтар аз рӯзҳои аввали фаъолияташ то имрӯз дар омода намудани кадрҳои соҳаҳои гуногуни кишвар саҳми назаррас гузошта истода, дар асоси қарор, қонунҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, амру фармонҳо ва барномаҳои дурнамои давлатӣ, фаъолияти кории худро ба роҳ монда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо тамоми чораҳои заруриро меандешад. Ба ин восита муассасаи мазкур дар рушди ҷомеи муосир саҳми худро гузошта истодааст, ки ин аз натиҷаи фаъолияти хатмкунандагони донишгоҳ дар истеҳсолот муайян гардидааст. Махсусан фаъолияти хатмкунандагони донишгоҳ дар самти омӯзгорӣ боиси қайд аст, ки дар сарорсари мамлакат ба тарбияи насли наврас машғул мебошанд.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав баҳри амалӣ намудани қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаҷониба талош намуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маҳорату малакаи тахассусии устодон, сатҳи дониши донишҷӯён, беҳтар гардонидани базаи моддӣ-техникии донишгоҳ ҳамасола дар тамоми факултаҳои донишгоҳ аттестатсияи дохилӣ гузаронида мешавад. Ин савияву маҳорати омӯзгорон ва натиҷаҳои ба дастомадаро дар соли сипаришуда муайян карда, вазифаҳоро барои соли оянда мушаххас менамояд [29].

Дар донишгоҳ ҳамзамон барои иҷрои барномаҳои компютеркунонии муассиса, дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) пайваста таваҷҷуҳ зоҳир карда меавад. Дар амалӣ намудани барномаҳо ва санадҳои дигари меъёрии танзимкунандаи самти фаъолияти МТОК, муассисаи мазкур муваффақ низ гаштааст. Хусусан, дар омӯзиш ва ба роҳ мондани забони

давлатӣ, ба анҷом расондани корҳои илмиву эҷодӣ ва ғайраҳо корҳои зиёдро ба анҷом расондааст. Тамоми расмиёт аз қабили ҷаласаву машваратҳо, ҳуҷҷатнигорӣ ва дигар чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ба забони давалатӣ сурат мегиранд. Ҳамчунини динар барои тарғиби забони давлатӣ рӯзномаву маҷҷалаҳои донишгоҳ, аз ҷумла рӯзномаи «Фурӯғ» ва маҷаллаи «Паём»-и Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав» нақши муҳим гузоштанд. Амалӣ намудани Консепсияи татбиқи Қонуни забони давлатӣ дар мустаҳкам гардидани мавқеи забони давлатӣ дар донишгоҳи мазкур мусоидат кард [29].

Беҳтар гардидани шароити моддию техникӣ имкон дод, ки дар донишгоҳ Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ пурра бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, санҷишу имтиҳонҳои донишҷӯён ба воситаи компютер қабул карда шавад. Компютеркунонии муассиса имкон дод, ки донишҷӯён аз китобхонаи электронии донишгоҳ, шабакаи интернетӣ васеъ истифода баранд. Ғайр аз ин, барои беҳтар намудани шароити кории кормандони донишгоҳ сохторҳои асосии он бо компютер ва дигар технологияҳои муосири таълим таъмин карда шуданд [29].

Роҳбарияти донишгоҳ минбаъд низ кӯшиш ба харҷ медод, ки ба устодону омӯзгорон шароити кори мусоид, истироҳат, таълиму тарбия ба донишҷӯёнро зина ба зина беҳтар намояд. Дар баробари ин, ҷиҳати баланд бардоштани маънавиёти донишҷӯён ва маърифатнокии онҳо корҳои тарбиявиро бештар ба роҳ монд. Иштироки фаъоли донишҷӯён, хусусан духтарон дар чорабиниҳои муҳимми вилоятиву шаҳрӣ, саҳми онҳо дар тарғиби сиёсати кишвар далели равшани ин гуфтаҳост. Инчунин, баланд бардоштани завқи зебоипарастии донишҷӯён, « ... маданияти либоспӯшӣ, муносибат, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тарғиби ахлоқи намунавӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ ва ифтихори миллии донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳимми факултаву бахшҳои донишгоҳ гардида», [169] ба таври кофӣ анҷом дода шуд.

Аз соли 1997 китобхона ва кори китобдорӣ низ хеле равнақу ривоҷ ёфт. Соли 2003 хазинаи китобхона ғанӣ гашта, миқдори ҳамаи намуди китобҳо (илмӣ, таълимӣ, бадеӣ, даврӣ, методӣ) ба 110173 нусха расонида шуд. Айни замон бошад, китобхонаи донишгоҳ дорои захираи мебошад, ки аз ҳисоби китобҳои илмӣ, таълимӣ ва теъдоди умумии он ба 127008 нусха мерасад.

Китобхона дорои ду толори қироатӣ бо 200 ҷойи нишаст ва шаш шуъба мебошад. Шуъбаи таълимӣ, шуъбаи бадеӣ, шуъбаи дар факултаи филология буда, шуъбаи китобҳои дар толори қироатӣ буда, шуъбаи захираву замимаи ҳифозати китобҳо, шуъбаи фонди тиллоии китобҳои СОРОС, ки аз китобҳои ҳадя иборат аст ва ғ. «Ин китобҳо бештар ба соҳаҳои таърих, муносибатҳои дипломатӣ, сиёсатшиносӣ, журналистика, иқтисод, фалсафа, равоншиносӣ, сотсиология, ҳуқуқ, маданиятшиносиву табиатшиносӣ ва энсиклопедияи Оксфорд дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ тааллуқ дошта, 3776 ададро ташкил медиҳанд» [169].

Имрӯз китобхона бо муассисаю ташкилотҳои байналмилалӣ робитаи зич дорад. Оҷонси иттилоотии рушди Осиё-КАДА солҳои 2000-2002 ба маблағи 4000 сомонӣ 1617 нусха китоб, Донишкадаи ҷомеаи кушода 1080 нусха китоб соли 2003, 225 нусха соли 2004, 400 нусха соли 2005, 500 нусха соли 2006 китоб туҳфа намудаанд. Ба китобхона китобҳои илмию таълимӣ, дар соҳаҳои МЭҲ, ҳуқуқ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, технология ва соҳибкорӣ, журналистика, муҳофизати табиат, ки донишгоҳ ба онҳо эҳтиёҷ дорад, бештар дастрас мегарданд.

Солҳои 2012 – 2015 низ давраи рушди донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Бо беҳтар гардидани шароити моддию техникӣ шумораи донишомӯзон дар донишгоҳ дар солҳои мазкур афзоиш ёфтааст **(Нигаред ҷадвали № 1.8.).**

Дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат имконият фароҳам овард, ки аллакай дар арафаи 30-солагии Истиқлолият ин боргоҳи илму

маърифат ба яке аз марказҳои маъруфи мамлакат табдил ёбад. «Базаи моддӣ-техникии донишгоҳ, айни замон фарогири беш аз 649 адад компютер, 105 тахтаи электронӣ, 134 адад принтер, 70 адад экран мебошад. Ба ғайр аз 6 адад дастгоҳи бузургҳаҷм барои формати А-3, 4 адад сервер ва 3 адад сканери махсус барои коркард ва санҷиши тестҳо мавриди истифода қарор доранд» [47,с.42-50]

Инчунин, барои таъмини дастрасии кормандону муҳассилин ба шабакаи байналмилалии Интернет донишгоҳ ба воситаи кабели нурӣ бо шабакаи байналмилалии интернет васл шудааст. Инчунин, дар китобхонаи электронии донишгоҳ, ки бо компютерҳои навтарин таъмин карда шудааст, технологияи WiFi (интернети бесим) мавриди истифодаи васеъ қарор дорад [158].

«Донишгоҳ дорои 5 бинои таълимӣ, 2 хобгоҳ, масоҳати умумиашон 5967, 8 м. кв. майдон 4100 м. кв. ташкил мекунад. Дар Донишгоҳ зиёда аз 100 синфхонаи таълимӣ, 35 кошонаи таълимӣ, 15 озмоишгоҳ амал менамояд. Инчунин, дар Донишгоҳ ду озмоишгоҳи компютерӣ дар ҳудуди 33 адад бо тамғаҳои «Ямаха» ва «Корвет» ба донишҷӯён хизмат мерасонад, ки дар ин маврид, хусусан оид ба шуъбаҳо, факултаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ ва умуман сохтори донишгоҳ ба таври мушаххас меистем» [158].

Ғайр аз ин, барои таҷҳизонидани синфхонаҳои таълимӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва китобхонаҳои электронӣ, тахтаҳои электронӣ насб карда шуданд. Дар 12 факултаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав синфхонаҳои компютерӣ таъсис дода шуда, бо тахтаҳои электронӣ ва компютерҳо таъмин карда шуданд. «Дар маҷмуъ 370 адад компютер, 100 адад тахтаи электронӣ ва проектор мавҷуд аст, ки мавриди истифодаи устодону донишҷӯён қарор доранд. Имрӯзҳо қариб тамоми синфхонаҳои компютерӣ, маҷлисгоҳҳо ва дигар

толорҳои Донишгоҳ бо тахтаҳои электронӣ, проекторҳо ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошанд» [158, с.3].

Ҳамин тавр, донишгоҳи мазкур дар як давраи басо ҳассоси таърихӣ аз шуъба ба донишкада ва сипас ба донишгоҳ табдил ёфта, новобаста аз давраи вазъи душвори ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияташро қатъ накарда, зина ба зина ташаккул ёфт ва имрӯз дар мамлакат дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ саҳми арзанда гузошта истодааст.

Бо ба инобат гирифтани шарту шароит, талаботи аҳолиро ба таҳсил дар мактабҳои олии кишвар, аз ҷумла минтақаи вилоят, зарурати таъсиси як МТОК-и дигар ба миён омад. Президенти мамлкат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки дар вилояти Хатлон як донишгоҳи дигар таъсис дода шавад. Дар натиҷаи ин дастури Сарвари давлат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон , таҳти №205, аз 2 майи соли 2013 дар ноҳияи Данғара дар заминаи филиали Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Донишгоҳи давлатии Данғара таъсис ёфт. 1 сентяри соли 2016 бо иштироки Сарвари давлат «Рӯзи дониш ва дарси сулҳ» дар он баргузор шуда, худи ҳамон рӯз бинои нави таълимии Донишгоҳи мазкур дар шаҳраки Данғара ифтитоҳ гардид, ки бо тамоми шароити муосир, хусусан синфхонаҳои барҳаво барои донишҷӯён, хобгоҳ барои донишҷӯён ва омӯзгор ва дигар шароитҳои зарурӣ таъмин буд [168].

Дар рӯзҳои аввали фаъолият шумори кормандони Донишгоҳи давлатии Данғара 260 нафарро ташкил медод, ки аз ин шумора 225 нафарашон омӯзгорон буданд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 172 нафарашон кормандони доимии донишгоҳ ва аз ин шумора 2 нафар докторони илм ва 28 нафар номзадони илм буданд. Бештари омӯзгорони ин донишгоҳро омӯзгорони ҷавон ташкил медоданд. Яъне синну соли 128 нафар омӯзгорони ин донишгоҳ то 35-сола буда, аз ин шумора 4 нафарашон дорои унвони илмии номзади илм мебошанд [168].

Фаъолияти Донишгоҳи давлатии Данғара дар асоси санадҳои асосии танзимкунандаи соҳа ба роҳ монда шудааст [168]. Ин албатта барои самаранокии фаъолияти муассиса зарур буда, барои танзими ҷараёни таълиму тарбия, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва омодакунии кадрҳо дар минтақа ва ҷумҳурӣ нақши калидӣ дорад.

Бо мақсади беҳтар кардани савияи дониши донишҷӯён ва шаффофият чун дигар МТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Донишгоҳи давлатии Данғара раванди таълим ба стандартҳои давлатии таълимӣ, ихтисосҳо ва мувофиқ ба талаботи низоми кредитӣ ва ҷараёни Болония гузашт. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии ин низоми таълим аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Сохтори донишгоҳ аз идоракунии раванди таълим, сифати таҳсилот, идораи барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона, инчунин идораи корҳои методӣ - таълимии инноватсионӣ, сифати таҳсилот ва ғайраҳо иборат мебошад.

Донишгоҳи мазкур дар арафаи 15 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намуда, чуноне ки дар боло ишора намудем, дорои шароити басо хуби моддию техникӣ ва таҷҳизоту лавозимоти замонавӣ мебошад. Чунин шароит имкон дод, ки дар донишгоҳ якбора аз рӯйи 64 ихтисос қабули донишҷӯён ба зинаи бакалаврӣ, аз рӯйи 17 ихтисос қабули донишҷӯён ба зинаи таҳсилоти магистратура, аз рӯйи 20 ихтисос қабули аспирантон ва аз рӯйи 33 самт қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддат ба роҳ монда шавад.

Дар Донишгоҳи давлатии Данғара 5661 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аз ин шумораи умумӣ, 4722 нафар донишҷӯён дар бахшҳои рӯзона ва 939 нафар дар шуъбаҳои фосилавию ғоибона ба таҳсил ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Аз шумораи умумии донишҷӯёни зикршуда 3822 нафар ба тариқи шартномавӣ таҳсил мекунанд, ки 3018 нафари онҳо донишҷӯёни

шуъбаҳои рӯзона ва 804 нафарашон донишҷӯёни шуъбаҳои фосилавию ғоибона мебошанд. Донишҷӯёни буҷавӣ бошанд, 1839 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 108 нафарашон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд. Соли таҳсили 2017-2018 562 нафар донишгоҳро хатм намуданд, ки аз ин шумора 280 нафарашон дорои дипломи дараҷаи мутахассис гаштанд.

Соли таҳсили 2018-2019 дар донишгоҳ аз рӯйи зинаи бакалаврӣ донишҷӯён аз рӯйи 82 ихтисос ва аз рӯйи зинаи мутахассис 8 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, аз рӯйи 8 ихтисос дар зинаи магистратура 87 нафар магистрант: дар курси 1-ум 51 нафар, дар курси 2-юм 36 нафар таҳсил мекарданд.

«Сатҳу сифати таълим, раванди таълим, шароити моддиву техникӣ, омодагии устодон ба таълим, сатҳи дониш ва давомоти донишҷӯён ва умуман фаъолияти Донишгоҳи давлатии Данғара борҳо аз ҷониби муассисаҳои назоратӣ, хусусан Агентии хадамоти назорат дар соҳаи маорифи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати мактабҳои олии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо мавриди санҷишу омӯзиш қарор гирифта, маълум гардид, ки фаъолияти он ба таври қаноатманд ба роҳ монда шудааст» [31].

Шароити моддӣ-техникии донишгоҳ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, сохтори идоравии он чун дигар донишгоҳҳо ба роҳ монда шуда, «аз ректор, ҷонишини ректор оид ба корҳои илмӣ, ҷонишини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот, ҷонишини ректор оид ба муносибатҳои байналхалқӣ, ҷонишини ректор оид ба тарбия, тарғибот ва масъалаҳои иҷтимоӣ, ҷонишини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ, Шурои олимон, Шурои таълимию-методӣ, 7 факулта ва 21 кафедра, (инчунин кафедраи ҳарбӣ) иборат мебошад» [31]. **(Нигаред ҷадвали № 1.9.**

. Донишгоҳ дар самти тайёр намудани мутахассисон нақши муҳим дошта, чандин мутахассисони соҳибунвонро тайёр намудааст. Бо ин мақсад ихтисосҳои дар назди кафедраҳо амалкунанда, ба равия ва самти фаъолияти омӯзгорон ҷудо карда шудаанд Дар асоси ин донишгоҳ нақша дорад, ки боз чанд кафедраҳои нав таъсис дода, онҳоро бо мутахассисони соҳибунвон таъмин намояд.

Раванди таълим дар донишгоҳи мазкур бо технологияи нави ҳозиразамон таъмин мебошад. Ин яке аз масъалаҳои муҳими баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мебошад, яъне дар амал истифода намудан аз асбобу анҷом ва технологияҳои муосири таълиму тадрис аз ҷониби муҳассилин барои дарёфти ихтисос мебошад. Аз ҷумла, он дорои 344 адад компютер буда, ҳамаи онҳо фаъол мебошанд. Ҷиҳати таълими донишҷӯён 11 адад синфхонаҳои компютерӣ, 2 адад синфхонаи лингофонӣ, 15 адад озмоишгоҳҳои тахассусӣ фаъолият намуда, дар 38 синфхона ва озмоишгоҳ тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо мавҷуданд, ки дар раванди таълим васеъ истифода бурда мешаванд. Инчунин, 179 компютери донишгоҳ бо шабакаи интернет пайваст мебошад, ки 136 адади он дар синфхонаҳои компютерӣ мебошанд.

Масоҳати умумии донишгоҳ 42918 м^2 ташкил медиҳад. Бинои донишгоҳ бошад дар шакли маҷмааи таълимӣ бунёд гаштааст, ки барои таҳсили муҳассилин ва фаъоляити ҳайати устодону профессорон мусоид мебошад. «... Ғайр аз бинои таълимӣ, донишгоҳ дорои ду хобгоҳи 9 ошёна барои донишҷӯён бо 1000 ҷойи хоб, 3 бинои истиқоматии 5 ошёна барои омӯзгорон бо 60 ҳуҷра, толори фарҳангӣ бо 530 ҷойи нишаст, толори варзишӣ, китобхона бо 650 ҳазор адад китоб ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Раёсати донишгоҳ ҷиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани таҳсил ва муҳайё намудани шароитҳои зарурӣ чорандешӣ намуда истодааст. Миқдори умумии синфхонаҳои таълимии он 115 адад

ва ҷойи нишаст бошад, 6146 ададро барои донишҷӯён дар бар мегирад» [168].

Донишгоҳ дар асоси шартномаи ҳамкорӣ бо ҶСК “Тоҷиктелеком” ва кашидани хатти оптикӣ на танҳо бо шабакаи интернет пайваст гардид, балки барои профессорону омӯзгорон шабакаи дохилидонишгоҳиро таъсис дод. Ба ин восита дар донишгоҳ техникаву технологияи муосир (компютер, проектор, телевизиор ва ғ) ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамзамон, санҷишу имтиҳонҳо дар шуъбаҳои рӯзонаву ғоибонаи донишгоҳ тавассути техникаву технологияи муосир ба роҳ монда мешаванд. Раванди сессияҳои имтиҳонӣ аз ҷониби комиссияи умумидонишгоҳӣ, ки ҷиҳати назорати супурдани санҷишу имтиҳонҳо таъсис дода мешавад, назорат гардида, натиҷаи он дар ҷаласаҳои Шурои олимон, Шурои илмӣ - методӣ, назди ректор, назди ҷонишини ректор оид ба таълим баррасӣ карда мешавад [168].

Дар ҳисоботи солонаи донишгоҳ барои соли таҳсили 2019-2020 қайд мегардад, ки «бо мақсади вусъат бахшидани истифодаи самарабахши технологияҳои навини иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим ва дастрасии омӯзгорон аз маводи электронии иттилоотию таълимӣ, илмию методӣ ва таҳкими пояи моддию техникии раванди таълим курсҳои омӯзишии: «Истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим», «Таҳия ва тартибдиҳии саволномаҳои тестӣ», «Мафҳум ва истилоҳоти низоми кредитии таҳсил», «Ташкили раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсил» «Тӯри соатҳо ва тақсими вақт», «Тарзҳои холгузорӣ ва баҳодиҳӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ», «КМРО – шакли нави ташкили кори таълим», «Баҳои миёнаи умумии донишҷӯ (GPA) ва тарзи муайян кардани он», «Тарзи таҳия ва тасдиқи сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорон дар

шароити низоми кредитии таҳсилот» барои мудирони кафедраҳо ва ҳайати профессору омӯзгорони Донишгоҳ ташкил карда шуд» [31], [182].

Дар пайи дастгириҳои Ҳукумати мамлакат барои омода намудани мутахассисони баландихтисос имкониятҳо васеъ гардида, шуруъ аз соли таҳсили 2017-2018 номгӯйи ихтисосҳои Донишгоҳ аз ҳисоби ихтисосҳои замонавӣ ва барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарур ба 54 адад мерасад.

Натиҷаи муваффақияту дастовардҳо, камбудиҳои ҷойдошта ва сифати таълим аз масъалаҳои муҳимми ҷаласаҳои Шурои олимон, Шурои илмӣ-методӣ, ҷаласаҳои кафедраву факултаҳо буда, ин масъалаҳо зери назорати роҳбарият қарор дорад. Ғайр аз ин, бо ташкили курсҳои такмили ихтисос устодони кафедраҳои донишгоҳ соҳиби гувоҳнома мегарданд.

Дар нимсолаи тирамоҳии соли таҳсили 2018-2019 теъдоди донишҷӯён дар ин донишгоҳ 5658 нафарро ташкил мекард, ки аз ин шумора 4761 нафар ба таври рӯзона, 897 нафар ба таври фосилавӣ ва ғоибона таҳсил менамоянд. Шумораи духтарон 1383 нафар, аз ҷумла дар таҳсилоти рӯзона 842 нафарро ташкил медиҳанд [138]. Теъдоди донишҷӯёни тариқи шартномавӣ таҳсилкунанда дар донишгоҳ ба 3815 нафар баробар буд. Инчунин, 1843 нафар донишҷӯ тариқи буҷавӣ таҳсил мекард, ки 104 нафари он тавассути квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда буданд.

Дар мамлакат зери роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат нисбати дастгирии шахсони камбизоат, эҳтиёҷманд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад. Дар ин замина роҳбарияти донишгоҳ ҳам барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва зисту зиндагонии донишҷӯёни камбизоат ва эҳтиёҷманд пайваста чораҳои амалӣ меандешад. Хусусан, тавре қайд гардид, донишҷӯён ба таври ройгон бо хобгоҳ таъмин гардида, тамоми шароити таҳсил фароҳам оварда шудааст. Дар донишгоҳ 17 нафар

ятимон ва 14 нафар маъюбон таҳсил мекунанд, ки аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд [138].

Ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мутахассисони болаёқат зарур аст. Аз ин рӯ Донишгоҳ дар самти омодакунии кадрҳои баландихтисос, пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтироот пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аммо барои ноил гардидан ба чунин дастовардҳо муҳайё будани шароити лозимии модию техникӣ муҳим аст. Мусаллам аст, ки чунин шароити қонеъкунандаро донишгоҳи мазкур доро мебошад ва маҳз ҳамин имконият боиси рушд намудани донишгоҳ дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ гардид.

Ҳамин тавр, бо ба инобат гирифтани заруриятҳои болозикр ҳукумати мамлакат дар айни замон чунин як боргоҳи илму маърифатро, бо тамоми шароити муосири моддию техникӣ сохта ба истифода дод ва он дар як муддати кӯтоҳ фаъолияти пурсамар намуд.

Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки бо ба даст омадани Истиқлолияти Тоҷикистон таҳти роҳбарии Роҳбари давлат роҳи эъмори ҷомеаи миллиро пеш гирифта, дар ин росто баҳри мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти конститутсионӣ ва давлатдории миллӣ нақшаҳои ояндасозиро тарҳрезӣ намуд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакатро барои даҳсолаҳо ба қафо партофта, ба ҷомеаи тозатаъсиси мо хисороти бузурге ворид намуд. Соҳаи афзалиятнок ва муҳимми ҷомеа, яъне маориф аз соҳаҳои дигар дида зиёни ҷиддӣ дид. Аз ин лиҳоз, сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз вазъияти нобасомони солҳои ҷанги шаҳрвандӣ таъсис додани донишкадаю донишгоҳҳоро, ки ба ин васила имкони бартараф намудани норасоии кадрҳои педагогӣ фароҳам меомад, дастур доданд. Бо дарки зарурати таъсиси ихтисосҳои нави вобаста ба талаботи истеҳсолот, ба инобат гирифтани шумораи аҳолӣ ва ё ин ки фароҳам

овардани имкони бештар барои сокинони вилоят, ки ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ барои таҳсил мерафтанд ва чунин имкониятро на ҳар як кас соҳиб аст, бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат Донишгоҳи давлатии Данғара низ таъсис дода шуд, ки дар тули фаъолияташ дар омода намудани кадрҳои педагогӣ, рафъи норасоии омӯзгорон дар вилоят ва ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузошт.

Дар маҷмуъ дар солҳои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотии олии вилояти Хатлон заминаҳои муосид фароҳам оварда шуданд. Ин тадбирҳо барои баланд бардоштани сифати таълим ва омодакунии касбияти мутахассисон (аз ҷумла самти омӯзгорӣ)-и рақобатпазир шароити мусоид фароҳам оварда буд. Яъне яке аз омилҳои муҳимтарини самаранокии фаъолитяи кории МТОК вилоят маҳз таъминоти моддию техникии онҳо мебошад. Ҳамчунин таъмиру азнавсозӣ ва сохтмони биноҳои таълимӣ низ ба соҳа руҳияи нав бахшида, ҷавонон, наврасон ва мутахассисон ба таълим, таҳсил, фаъолияти корӣ дар МТОК ҷалб шуданд. Озмоишгоҳҳо, синфҳои компютерӣ, синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияи замонавии таълим, китобхонаҳои илмӣ ва электронӣ, пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва дигар шароитҳои барои баланд бардоштани сифати таълим ва омодакунии касбии кадрҳои самтҳои мухталиф нақши муҳим бозиданд.

Мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ дар муассисаҳо имкон дод, ки раванди таълим бо истифодаи технологияи муосири таълим ва таҳсил ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин барои устодону омӯзгорон ҳангоми истифода аз воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шароитҳои мусоид ба вуҷуд оварда шуд, ки самаранокии фаъолияти касбии онҳоро зиёд намуд. Дар солҳои охир рақамикунонӣ, пешрафти инфрасохтори электронии муассисаҳо, таҷдиди таҷҳизотҳои дигари

таълимӣ самти навро дар рушди минбаъдаи МТОК вилоят ба миён овардааст.

Вале боиси тазаккур аст, новобаста аз ин ҳанӯз барои беҳтар намудану ба талаботи замон мутобиқ намудани инфрасохтори рақамии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таҷҳизотонидани озмоишгоҳҳо ва дигар воситаиҳои моддӣ-техникӣ зарурат боқӣ мемонад. Зеро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ сохтани дараҷаи касбии мутахассисон ин заминаи асосӣ ба шумор меравад. Аз ин бармеояд, ки заминаҳои моддӣ-техникии муассиса омилҳои муҳимтарини рушди соҳаи маориф дар вилоят буда, барои баланд бардоштани сифати таълим мусоидаткунанда мебошад.

БОБИ II. НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛИИ КАСБИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

2.1. Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон

Дар вилоят нахустин мактаби таҳсилоти олие, ки рушди минбаъдаи он заминаҳои бунёдии таъсисёбии дигар макотиби олиро дар вилоят фароҳам овард, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳсуб меёбад. Ин донишгоҳ дар давраи бисёр ҳассосу душвори ҳаёти ҷамъиятии кишвар ба Донишгоҳ табдил ёфт [49, с. 79].

Донишгоҳи авлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар давраи фаъолияти худ шумораи донишҷӯёнро аз 48 нафар то 10 ҳазор нафар расондааст. Дар ибтидо шумораи муаллимон 9 нафар буда, айни ҳол 588 нафарро дар бар мегирад. Миқдори кормандони унвондор аз 5 номзади илми ба 130 номзади илм ва профессорону докторон ба 29 нафар расид [138].

Дар донишгоҳ 10 факулта, 20 кафедра аз рӯйи 55 ихтисос ва бо теъдоди 10 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекунанд, ки барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат мутахассис тайёр мекунанд. Тавре қайд гардид, дар донишгоҳ 285 нафар омӯзгорон ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғуланд. Аз ин шумора 11 нафар докторони илм, 11 нафар профессор, 96 нафар дотсент, 102 нафар муаллими калон, 367 нафар ассистент мебошанд. Як нафар корманди ин донишгоҳ Арбоби илму техникаи Тоҷикистон С.К. Каримов академики Академияи муҳандисии Федератсияи Россия мебошад.

Дастпарварони ин донишгоҳ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамар доранд. Чунин олимони маъруфи кишвар, ки узви вобастаи АМИТ мебошанд, Абдураҳмон Маҳмадов, Маъруф Раҷабӣ, Маҳмуд Абдуллоев, Абдулло Раҳимов, Иноят Арабов, Раҳмат

Акбаров, Рустам Салимов, Абдулло Табаров, Абдулҳамид Нозимов, Махфират Хидирова, Искандар Икромов, Ҷумъа Шарифов, Нуралӣ Солеҳов, Абдулҳамид Паҳлавонов ва дигарон маҳз шоигирдони ҳамин даргоҳ буданд. Инчунин, шоирону нависандон, ба монанди Ҳақназар Ғоиб, Ашур Сафар, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Абулҳай Қодирӣ, Саид Раҳим, Сафар Амирхон, Карим Давлат, Хосият Вализода, Наср Бобо ва ғайраҳо хатмкардагони ҳамин донишгоҳанд.

Донишгоҳ дар тарбияи ҳунармандон низ саҳми арзанда гузоштааст, ки хизматҳои чанде аз онҳо, ба монанди ҳунарманди машҳури тоҷик Одина Ҳошим, ҳунармандони шоистаи Тоҷикистон Бобоҷон Азизов ва Ҷумахон Сафар дар рушди санъату ҳунари тоҷик ниҳоят бузург аст.

Аммо, лозим ба зикр аст, ки донишгоҳ дар самти омода намудани кадрҳои педагогӣ як давра ба мушкилоти воқеан ҳам ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, рисолати омода намудани мутахассисонро бо душворӣ анҷом медод. Новобаста аз вазъияти мушкили солҳои мазкур пойгоҳи кадрии донишгоҳ оҳиста – оҳиста зиёд мешуд ва ин масъала аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти донишкада дар он солҳои норасоии кадрҳои педагогӣ маҳсуб меёфт. То 20 декабри соли 1993 30 кафедра ва 7 факултет амал мекард. Шумораи кормандони илмӣ - тадқиқотӣ бошад, 220 нафарро ташкил медод, ки ин нисбати соли 1992 20 нафар зиёд буд [35, с.21].

Бо сабаби мушкилоти падидомада шумораи донишҷӯён низ як муддат коҳиш меёфт. Масалан шумораи донишҷӯён то моҳи декабри соли 1992 4974 нафарро ташкил медод ва аз ин шумора 2599 нафарашон дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекард, шумораи онҳо то моҳи декабри соли 1993 ба 4025 расид, ки 3013 нафарашон дар шуъбаи рӯзона таҳсил менамуданд [36, с.3].

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар донишгоҳ норасоии кадрҳо эҳсос мешуд. Идома ёфтани қашшоқии иқтисодӣ ва дар натиҷаи қадр накардани заҳмати олимони донишкада як зумра тадқиқотчиён аз ширкат варзидан дар корҳои тадқиқотӣ даст кашиданд ва ё ин ки гуруҳе аз олимони пурқувват ва сермаҳсул ба дигар донишгоҳҳои олии вилояту пойтахти ҷумҳурӣ фирор карданд, миқдори муайяни соҳибқаламон ба рухсатии маҷбурии яксола баромаданд ва қисме аз омӯзгорон касби шарафноки педагогиро умуман тарк намуданд ва ғайра. Барои мисол, агар соли 1993 шумораи устодон ва умуман муҳаққиқоне, ки ба пажӯҳиш ва тадрис машғул буданд ба 220 нафар мерасид, пас аллакай дар соли 1996 шумора қариб бе тағйир, яъне 219 нафар боқӣ мемонд, ки аз ин миқдор танҳо 150 нафарашон ба корҳои тадқиқотӣ машғул буданд [35, с. 21].

«Баробари таъсис ва рушди факултаҳои нав миқдори устодону донишҷӯёни донишгоҳ ҳам афзуд. Дар маҷмуъ шумораи донишҷӯён дар соли таҳсили 1992-1993 дар шуъбаи таҳсилоти рӯзона 2800 ташкил медод. Аз ин миқдор дар факултаи физика 312 нафар, дар факултаи математика 373 нафар, дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик 549 нафар, дар факултети забон ва адабиёти рус 556 нафар, дар факултаи методикаи таълими ибтидоӣ 388 нафар, дар шуъбаи равоншиносӣ 167 нафар, дар факултаи биология 45 нафар, дар шуъбаи муолиҷавӣ 127 нафар, табобати кӯдакон 77 нафар, таърих 37 нафар, шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерии хоҷагии кишоварзӣ 31 нафар, баҳисобгирии бухгалтерии саноатӣ 55 нафар, иқтисодиёти байналмилалӣ 30 нафар, иқтисодиёти иҷтимоию банақшагирӣ 35 нафар, шуъбаи англисӣ 28 нафар» [181].

«Боиси хушнудӣ ва сарфарозии аҳли зиё ва донишҷӯёну омӯзгорон буд, ки аввалин вохӯрии номзад ба Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо интихобкунандагон дар толори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баргузор гардид ва ин яке аз санаҳои муҳимми таърихи

донишгоҳ ба шумор меравад. Ба ин муносибат дар толори донишгоҳ маҷлис баргузор гардид. Маҷлисро бо сухани муқаддимавӣ ноиби ректор оид ба таълим, профессор С. Азизов кушода, меҳмононро хайрамақдам гуфт. Дар маҷлис номзадро С.А. Патрикеев - Сардори қуввахои муштараки сулҳҷӯй дар Тоҷикистон, М. Убайдуллоев - ҷонишини аввали раиси Шӯрои Вазирон, А. Салимов - раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Хатлон ҳамроҳӣ мекарданд» [35,с.21].

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб рӯзномаи «Анвори дониш» нашр мешавад, ки ин нашрияи аз 1-уми сентябри соли 1994 интишор мешавад. Рӯзномаи «Анвори дониш» бо ташаббус ва дастгирии академик С.К. Каримов (собиқ ректори донишгоҳ) таъсис ёфта, аз нашр бароварда мешавад. Рӯзнома дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Вазорати фарҳанги ҶТ) таҳти рақами 285, аз 14.03.1994 ба қайд гирифта шуда, шумораи якуми он 01.09.1994 ба табъ расидааст. Мақсаду вазифаҳои ин рӯзнома дар барномаву оинномаи он чунин омадааст: «тарғибу ташвиқи илму маърифат, инъикоси рӯйдодҳои муҳим дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии донишгоҳ, пойдор гардонидани дӯстии ҷавонони гуногунмиллат, ҳимояи манфиатҳои Ҳукумати Конститутсионии Тоҷикистон ва тарғиби комёбиҳои илми дунё» [174].

Мутобиқи таърихи фаъолияти донишгоҳ шуруъ аз соли 1945, ки ба шакли Институт кор шуруъ мешавад, дар факултаҳои ин муассиса ҳамагӣ 48 нафар абитуриентон қабул гардиданд, ки ба онҳо 9 нафар омӯзгорони таҳсилоти олидошта таълим медоданд. Ба ҳайси директори аввалини муассиса Раҳмон Каримов, будааст, ки бо фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми августи соли 1945 ба ин вазифа таъйин мешавад. Вобаста ба меъёрҳои ҳамон солоҳо муайяншуда нақшаи қабули донишҷӯён дар соли аввали таҳсил дар донишкада 80% таъмин карда шудааст. Бо кумак ва дастгирии идораҳои марбутаи

давлативу ҳизбии шаҳру вилояти Кӯлоб барои шогирдон ба миқдори зарурӣ синфхонаҳо, дафтарҳои корӣ, озмоишгоҳҳо ва хобгоҳ пайдо карда мешаванд. Ҳамин тавр, бо андешидани чораҳои зарурӣ ва муҳайё намудани шароит раванди таълиму тарбия ба низом даромад. Ба ғайр аз ин омӯзгорони беҳтарин аз дуру наздик барои пешбурди фаъолияти муассиса ҷалб карда шуданд.

Сарфи назар аз ҳолати рухдода ҳайати зерини устодон аз он ҷумла, докторҳои илм Х.С. Авзалов, Ҷ. Алимӣ, М.О. Ибодов, И Икромов, С. Каримов, А. Маҳмадов, К.Б. Қодиров, С. Фазлиддинов, 2 нафар академики академияи муҳандиси С. Каримов ва С. Фазлиддинов, 1 нафар узви вобастаи академияи муҳандисӣ З. Шарифов, 1 нафар узви вобастаи академияи илмҳои педагогӣ С.С. Мирзоев, профессорон С.Азизов, М. Ибодов, С. К. Каримов, И. Ғуломов, М.Набиев, Т.Р. Раҳмонов, З.Ш. Шарифов, С.Ч. Ҷалишев, С.С. Юнусов ва дотсентону муаллимони калон Х. Бобоев, С. Зайниддинов, Х. Нуриддинов, И. Саидов, А. Табаров дар докторантура, Б. Алимардонов, А. Гадоев, С.Юматов, М.Завқиев, С. Раҷабов, Р.Самариддинов, Ҷ. Лангариева, С. Лангариева, С. Зарифов, М. Умарова, Х. Маҳмадёрова, А. Абдураҳимов, К.К. Раҳимов, Ш. Тоиров, А. Шарифов, И.Шарифов И. Р. Қаҳҳоров, К. Гуломнабиев, А. Юсуфов, С.Султонова, Б.Муродов, О. Саидвалиева ва ғайраҳо новобаста аз мушкилоти болозикр самимона ва содиқона фаъолият намуданд [36, с. 3].

Дар баробари омода намудани кадрҳои педагогӣ дар назди раёсати донишгоҳ масъалаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси устодони донишгоҳ низ дар мадди аввал қарор дошт. Танҳо дар моҳҳои сентябр - декабри соли 1996 6 нафар ассистентҳо ва муаллимон ба коромӯзии яксола, 1 нафар дотсент Шарифов Ч.Ш. ба рухсатии эҷодии 6 моҳа, А.Кучаров ва Ҷ.Сафаров ба коромузии 4 моҳа ва Ф.Шарифов ба коромӯзии 3 моҳа фиристода мешаванд [37,с.5].

Соли 1995, ки ҳанӯз вазъият на он қадар хуб буд, вобаста ба дастгириҳои роҳбарияти донишгоҳ баъзе аз устодон рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуда, пойгоҳи илмӣ ва кадрии муассисаро пурқувват намуданд.

Чуноне ки иброз доштем, саҳми гурӯҳе аз устодони донишгоҳ, ки умри худро сарфи таълиму тарбияи донишҷӯён намудаанд, дар донишгоҳ кам нестанд. Бо мақсади қадр намудани хизмати устодоне, ки дар он солҳои душвор дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ ва умуман мутахассисони дараҷаи баланд саҳми назарраси худро гузоштанд ҳукумати мамлакат эшонро бо ҷоиза ва дигар мукофотҳои давлатӣ сарфароз намуд. Аз ҷумла, соли 1996 як зумра устодони донишгоҳ, ба монанди С . Каримов бо мукофоти давлатии Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти донишгоҳ Г. Иброҳимов бо Ифтихорномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор И.Н. Ғуломов, дотсент К. Иззатуллоев ва К. Рустамов бо нишони Ходими шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Дар ҳамон сол и.в. профессор Т. Раҳмонов ва Т. Ҷалишев – ба мукофоти муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор шуданд.

Ҳисоботи ҷамбастии ректори донишгоҳ соли 1996 собит намуд, ки « ... ҳайати олимон ва омӯзгоронн университет масъулиятшиносии баланди меҳнатӣ нишон дода, дар муфассал омӯхтани омилҳои ба ҷараёни таҳқиқотҳои оянда мададрасон, тайёр намудани нақшаи муайян барои ривоҷу равнақ додани кори эҷодии муҳаққиқон ва иҷрокунандагони мавзуъҳои алоҳидаю коллективона заҳмати зиёде ба харҷ додаанд» [39, с. 38-39]. Устодон 4 рисола, 2 китоби дарсӣ, 1- матни лексияҳо, 14 васоити таълимӣ, 3 маҷмуаи илмӣ, 3 дастури методӣ, 1 китобча, 41 мақолаи илмӣ, методӣ ва оммавӣ, 21 тезисҳо ва ғайраҳо дар ҳаҷми 180 ҷузъи чопи ба табъ расиданд. Мақсад аз ин таваҷҷуҳҳо ба

самти илм аз он иборат буд, ки пойгоҳи илмӣ ва кадрии донишгоҳ боз ҳам мустаҳкам гардад.

Рушди кадрҳои омӯзгорӣ дар солҳои истиқлолият яке аз омилҳои муҳимми таҳкими маориф ва пешрафти он ба шумор меравад. Бо назардошти талаботи замон ба кадрҳои омӯзгорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра чораҳои мушаххас андешид.

Боиси зикр аст, ки иҷрои қарору қонунҳои марбутаи соҳаи маориф, қарору амрҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи донишгоҳ таъсири муассири худро доштанд. Аз ин рӯ бояд гуфт, ки яке аз муваффақиятҳои муассиса маҳз ҳамин иқдом маҳсуб меёбад.

Тайи ин солҳо дар тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти миёна ва олии касбӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омадаанд. Як қатор техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷ табдил дода шуданд. Муассисаҳои таълимӣ баҳри беҳтар гардидани таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълим ба таълими бисёрзинагии маълумот рӯ оварданд. Сохтори мактабҳои олӣ ба низом дароварда шуд. Дар як қатори мактабҳои олӣ факултетҳои нав ҷорӣ карда шуда, дар факултетҳои география шӯъбаҳои нави географ-демограф, география-экология ҷорӣ карда шуд. Миқдори макотиби олии кишвар аз 13 адади соли 1991 то солҳои 2003-2004 ба 31 адад расонида шуд. Шумораи умумии донишҷӯён бошад, дар солҳои дарназардошташуда аз 69,3 ҳазор ба 108034 нафар расонида шуд. Соли 2006 бошад, шумораи мактабҳои олӣ ба 38 адад расида, дар онҳо 152 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекард.

Ҳарчанд барномаи давлатии компютеркунонӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ шудааст, бо супориши Президенти мамлакат мактабҳои олӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ тавонистанд бо компютерҳо таъмин гарданд. Дар ҳамаи мактабҳои олӣ ба миқдори лозимӣ синфхонаҳои компютерӣ таъсис ёфта, бо компютер таъмин

шуданд. Маълум аст, ки фаъолияти ҳар як муассиса имрӯзҳо аз шабакаи байналмилалии «Интернет» вобастагии ногусасатанӣ дорад. Аз хотир ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат, ба шабакаи байналмилалии «Интернет» пайваст буда, аз он ба таври лозимӣ истифода мебаранд. Ин иқдом барои ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ шудан, аз иттилооти зарурӣ бохабар будан, дар фазои маҷозӣ паҳн кардани иттилоот ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи самти таҳсилоти олӣ хеле мусодат менаомяд. Ҳамзамон, шуъбаҳои коргузории тамоми донишгоҳҳову донишкадаҳои олии кишвар бо компютер таъмин мебошанд. Донишҷӯён бошанд, дар раванди таълим, корҳои мустақилонаи донишҷӯӣ ва ғайраҳо аз компютер ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар солҳои Истиқлоли давлатии кишвар вобаста ба талаботи замон сохтори макотиби олии кишвар тағйир ёфтаанд. Ҳамчунин зарурати тағйиру иловаҳо ба низомномаву оинномаҳо, стандартҳои давлатии маълумот ба амал омад. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба замон мутобиқ гардида, таҷдид шуданд ва дар муҳлатҳои муайян тасдиқ гардиданд.

Айни замон дар низоми таҳсили муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ меъёрҳои ҷаҳонӣ пурра ворид шудаанд. Зеро омодакунии кадрҳои ба талаботи замон мутобиқ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар муассисаи таҳсилоти олии мамлакат мебошад. Маҳз барои амалӣ намудани ин мақсади асосӣ, яъне омода намудани мутахассисони соҳибкасб дар бозори меҳнат, рақобатпазир тадбирҳои зиёде андешидан лозим аст. Он аз сатҳи баланди дониш, маҳорати касбӣ ва кордонии онҳо воабста буда, дар шароити муосири пешрафти ҷомеаи инсонӣ ба стандартҳои байналмилал бояд мувофиқат дошта бошанд. Тараққиёту пешрафти ҳар як давлат ба фаъолияти кадрҳои навҷӯву навовар ва баландихтисосу лаёқатманд вобаста мебошад. Танҳо бо

саҳми бевоситаи сарвари давлат барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар хориҷи кишвар фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Барои ҷалби ҷавонон ва муҳайё намудани шароити таҳсил дар хориҷи кишвар инчунин стипендияи байналмиллалии Президенти кишвар «Дурахшандагон» ташкил карда шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонони мамлакат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, баҳри фароҳам овардани тамоми шароиту имкониятҳо барои таҳсилоти онҳо ва соҳиби касбу кор шудан дар донишгоҳҳову донишкадаҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ, ба монанди ИМА, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии мардумии Чин, Германия, Фаронса, Миср, Белоруссия, Англия, Япония, Қазоқистон, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Корея тибқи шартномаҳои тарафайн таҳсили ҷавонон ба роҳ монда шудааст. (тибқи омор қариб 45 ҳазор шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар таҳсили илму касб доранд). Ин иқдоми нек барои тайёр кардани кадрҳои соҳаҳои гуногуне, ки ба он ҷумҳурии мо эҳтиёҷманд аст, аз ҷумла кадрҳои омӯзгорӣ низ аҳаммияти калон дорад.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки солҳои охир диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф афзуда, барои беҳдошти рӯзгору зиндагии омӯзгорон ғамхориҳои зиёд зоҳир мегардад. Махсусан, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ ва ба омӯзгорони соҳибмаърифат таъмин кардани ҳамаи сохторҳои таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад.

Ҳоло Донишгоҳ беш аз 10 ҳазор нафар донишҷӯ, 10 факулта, 28 кафедра, ва 55 ихтисос дорад.

Айни замон (соли 2012) дар Донишгоҳ 100 нафар устодону омӯзгорон ба фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ машғул мебошанд. Аз ҷумла: доктори илм 11, профессорон 11, номзадҳои илм, дотсентон 96, муаллимони калон 102, ассистентон 367 нафар фаъолият менамоянд. 1

нафар академики Академияи Муҳандисии Федератсияи Россия профессор Каримов С.К. Арбоби илму техникаи Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодаанд[113, с.3-4].

Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ иброз медоранд, «сатҳи баланди тафаккури гуманитарӣ, мардумро ба худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва фарҳанги пурғановати миллати худ ҳидоят мекунад, бисёр муҳим аст» [113, с.4].

Аз миёни хатмкардагони донишгоҳ, ки барои халқу миллати тоҷик хизматҳои арзанда кардаанд ва ходимони намоёни давлатию сиёсӣ гаштаанд, ба монанди Султон Мирзошоев, Саймумин Ятимов, Нусратулло Абулҳақов, Лақай Қармишев, Абдураҳмон Азизов, Ислом Қурбонов; вакилони мардумӣ Асо Расулов, Рӯзигул Солеҳова, Садбарг Набиева, Савсан Кабирова, Махфират Хидирова, Амирхон Сафаров, генералҳо Нуралӣ Назаров, Давлат Бобоев, Шариф Салимов, Исроил Маҳмудов, Ҳабибулло Раҳимов, Назриҷон Миров, Латофат Насриддинова, Исмонқул Субҳонов, Султон Валиев, Раъно Мирзоева, Кенҷамо Маҷидова, Соҳибназаров Амирхӯҷа, Хуҷамурод Фазлиддинов ва дигаронро метавон ёдовар шуд.

Ҳамзамон, як зумра хатмкардагони ин донишгоҳ, ба монанди Соат Чалишев, Куган Иззатуллоев, Гурез Иброҳимов, Маҳмуд Абдуллоев, Қаюм Сангов, Ғоиб Мирзоев, Нуралӣ Расулов, Муродалӣ Набиев, Саттор Абдулвоҳидов, Аҳмад Алиев, Муҳаббат Иззатова, Ёралӣ Содиқов, Ҳотам Асозода, Ҷамила Юлдошева, Додарбек Сайдалиев, Абдукарим Ҳалимов, Шарофат Худойдодова, Нодира Ашӯрова, Дилором Ғафурова, Дилором Сайдаҳмадова, Зайналбӣ Холиқова, Савронбӣ Раҳимова, Ниёзбӣ Давлатова ва дигарон, ки ҳар кадом дорои дараҷаву унвонҳои илмӣ ва ё мукофотҳои давлативу соҳавӣ мебошанд, фаъолият намуда истодаанд.

Як зумра хатмкардагони дигар донишгоҳҳову донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он дар асоси роҳхати Вазорати маорифи кишвар ва дархосту пешниҳоди муассисаҳои дахлдор ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омада, дар ин ҷо кору фаъолият намудаанд, ки аз шумораи академик Каримов Самариддин, Ғуломов Ислом, Азизов Саидхоҷа, Ибодов Маҳмадулло, Маликов Маҳмуд, Ғайюров Хушвахт, Сафиев Ҳайдар, Сафаров Ҷумахон, Расулов Абдураҳим, Шарифов Зариф, Қурбонов Абдураҳмон, Авзалов Хайрулло, Қодиров Каримҷон, Кучаров Аламхон, Бобоев Хаёл, Ҷумъахон Алимӣ ва дигаронро ном бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, қисми зиёди онҳо дар ин муассисаи таълимӣ ба корҳои илмӣ низ машғул шуда, соҳиби унвон ва дараҷаҳои илмӣ гардидаанд.

Тавре қайд гардид, рушди тамоми соҳаҳои кишвар, аз вазъи маорифи он вобастагӣ дорад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии мардум ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар пайваста нисбат соҳаи маориф чораҳои мушаххас меандешад: «Бо сифати баланд интишор ёфтани китобҳои дарсӣ, густариши корҳои сохтмон ва таъмири мактабҳо, инчунин бо лавозимоти заруриву компютерҳо таъмин намудани онҳо аз ҷумлаи иқдомҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи самарабахши насли наврас мебошад» [99, с. 57], [47, с. 15-32] .

Соли 1940 Қарори Шурои Комиссариати халқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, таҳти №274 «Дар бораи дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунии дусола» ба имзо расид. Аммо, мутаассифона, бо сабаби сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки вазъи иқтисодии кишвар хароб гардида, тамоми захироту имконот ба фронт ирсол карда мешуд, амалӣ гардидани қарори мазкур ба таъхир

афтод. Пас аз ҷанг, яъне 15 августи соли 1945 дигарбора қарор «Дар бораи таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунӣ дар заминаи омӯзишгоҳи шаҳри Кӯлоб» қабул гардид. Дар асоси ин қарор омӯзишгоҳ ба донишкада табдил ёфта, дар муддати солҳои 1945-1953 ҳамчун Донишкадаи муаллимтайёркунии дусолаи Кӯлоб фаъолият намуд.

Ректори донишкадаи навтаъсиси Кӯлоб шодравон Р.Каримов иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, ки бо чандин ордену медалҳо мукофотонида шуда буд. Инчунин, дар донишгоҳ иштирокчиёни ҷанг шодравон Бозор Шарифзода, Бурҳон Исмоилов, Ғулом Ятимов, Арда Қувватов, Мердин Ниязов, Аҳмадҷон Муминов, Ашраф Сидиқов солҳои тӯлони кору фаъолият намуданд, коллективи донишгоҳ, хотири онҳоро ба некӣ пос медоранд [90, с.286].

Солҳои 1947-1948 шумораи довталабон нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд шуда, 90 нафар ба донишкада қабул карда шуд. Соли 1947 хатмкардагони он, ба монанди Худойдод Сангов, Шариф Зиёев, Хоркаш Қодиров, Шариф Ҳасанов, Ҳамрохон Файзиев, (аз факултаи физика-математика), Ғулом Бӯриев, Қосим Исмоилов, Султон Бекматов, Муъмин Мирзоев, Умаралӣ Комилов, Ғафур Муллоев, Худойдод Мирзоев, Файзулло Пӯлодов, Сафаралӣ Наимов, Талбак Раҳмонов, Зайнал Салимов, Шараф Шарифов, Сайдаҳмад Раҳимов (аз шуъбаи таърих), Баён Раҳимов, Шакар Сафаров ва дигарон (аз факултаи табиатшиносиву ҷуғрофия) соҳиби диплом шуда, баъзеи онҳо, аз ҷумла Вазир Ҷалилов, Карим Қурбонов, Санг Абдуллоев, М. Аҳмадалиева, Абдураҳмон Маҳмудов, Шакар Сафаров, Кӯган Наҷмиддинов, Аюб Файзиев, Ғиёс Набиев, Наим Назаров, Пирӣ Шукуров, Рашид Одинаев, Болта Раҳимов, Ҷаббор Шарифов, Ҳайит Шерхонов, Э. Зардиев ва дигарон ба корҳои партиявӣ, роҳбарӣ ва комсомолӣ ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб фиристода шуданд [43, с.58].

Агар шумораи донишҷӯёни Донишкадаи муаллимтайёркуниро ба ҳисоб гирем, пас миқдори умумии донишҷӯёни он дар соли таҳсили 1953-1954 аз 311-нафар иборат буд. Илова бар ин, ҳамон сол 34-нафар донишҷӯ шӯъбаи рӯзона ва 58-нафари онҳо шӯъбаи ғоибонаро хатм намуданд. Ба ин тариқа, теъдоди донишҷӯёни рӯзона ва ғоибона дар соли хониши 1953-1954 572-нафарро ташкил медод. Дар соли хониши 1953-1954 дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб 72-нафар омӯзгорон кор мекарданд [91, с.41-42].

Сол то сол сохтори донишкада тағйир ёфт, шумораи факултаҳо, ихтисосҳо ва донишҷӯёну омӯзгорон зиёд гардид. Масалан, солҳои таҳсили 1950-1951 шумораи донишҷӯён 446 нафарро ташкил дода, омӯзгорони он аз 9 ба 39 нафар расид. Дар байни ин омӯзгорон, омӯзгорон аз дигар халқу миллатҳои Иттиҳоди Шуравӣ буданд. (И.В. Тарасов, В.С. Миснер, М.М. Шматко, Э.И. Радишева, А.Г. Лицитская, В.В. Жабан, В.М. Венахин, Р.Усмонов, С.Хоҷаев, М.Худойназаров буданд) [43, с.58].

Шумораи донишҷӯён дар ин донишкада дар солҳои 1952-1953 576 нафарро ташкил кард. Миқдори омӯзгорон бошад, ба 100 нафар расид. Дар ин солҳо мутахассисони варзида, ба монанди Атоев Салоҳиддин, Бобоев Ё.А., Кабина М.Г., Назаров Ҳ., Назаршоев Моёншо, Султонов Мирзо, Ирфон Парвиз, Ҳомид Хоҷаев ва дигарон ҳамчун омӯзгор ба кор қабул гардиданд. Донишкадаи дусолаи муаллимтайёркунии мазкур дар омода намудани кадрҳои омӯзгории педагогӣ нақши бориз гузошта, дар муддати 8 соли аввали фаъолияташ (солҳои 1945-1953) дар тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва таъмини мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ бо муаллимон нақши муҳим гузошт. Хусусан, дар солҳои дарназардошта дар донишкада 900 нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда, 750 нафари он соҳиби дипломи таҳсилоти олии нопура гардида, қисми зиёди онҳо ба корҳои педагогӣ машғул шуданд.

Устодон дар баробари таълим ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзиши маводи таълимӣ ҷиҳати ба тартиб даровардани нақшаи фанни таълимӣ ва таълими босифат машғул шуданд. Роҳбарияти донишкада ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таълиму тарбияи донишҷӯён ба сатҳи дониш ва малакаи омӯзгор низ диққати ҷиддӣ дода, ба донишкада кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ равон мекарданд, ки ин ба пажуҳиш машғул шудани омӯзгорони беунвон ва донишҷӯён таъсири мусбӣ расонда, метавонистанд аз таҷриба ва дониши онҳо баҳраманд гарданд [43, с.58].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз нахустин донишгоҳ дар ҷануби кишвар ба ҳисоб меравад ва дар тарбияи кадрҳои баландихтисос нақши муҳим бозидааст.

«Ҳоло бошад, Донишгоҳ аз 10 факултет, 32 кафедра (27 тахассусӣ ва 5 умумидонишгоҳӣ), хобгоҳ барои донишҷӯён ва омӯзгорон, 7 марказ (марказҳои бақайдгирии донишҷӯён, тестӣ, фосилавӣ, ТИК, омӯзиши забонҳо, рушди касбият ва инноватсия ва ҳунарҳои мардумӣ), 7 бинои таълимӣ, осоишгоҳи табобатӣ, гармхона, майдончаҳои варзишии тобистона ва зимистона, 7 100 ҷойи нишаст, парки технологӣ, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Маркази касбомӯзӣ дар н.Муъминобод; Муассисаи такягоҳии литсей барои хонандагони лаёқатманд дар ш.Кӯлоб; Кӯдакистони «Ситора»-и назди донишгоҳ; Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализода дар ш. Кӯлоб; Истироҳатгоҳи “Истиқлол” дар н.Муъминобод иборат аст» [113, с. 3].

Дар донишгоҳ дар зинаҳои таҳсили бакалаврият, магистратура ва докторантураи PhD ҳамагӣ 68 ихтисос амал мекард. Солҳои баъдӣ, дар баробари гурӯҳи ихтисосҳои амалкунанда, инчунин, роҳандозии ихтисосҳои нав низ ба нақша гирифта шуда, теъдоди онҳо зиёд карда

шуд. «Дар нимсолаи аввали соли 2021 бошад шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ 12 111 нафарро ташкил медиҳад. Шумораи умумии омӯзгорон дар донишгоҳ 562 нафарро ташкил дода, аз миёни онҳо 188 нафарашон занон мебошанд (33,5 %)» [113, с.3]. **(Нигаред ҷадвали № 2.1.1.).**

Албатта, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва макотиби олии дохилу хориҷи мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки пешрафти фаъолияти донишгоҳҳо маҳсуб меёбад. Ҳамин аст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ҳам дар баробари муассисаҳои дигари илмиву таълимии кишвар бо макотиби олӣ ва институтҳои илмӣ –таҳқиқотии хориҷӣ ҳамкориҳои бисёрсамтаро ба роҳ мондааст. Масалан, бо муассисаҳои таълимию илмии Федератсияи Россия, Украина, Белорусия, ИМА, Озорбойҷон, Молдова, Қазоқистон, Қирғизистон, Эстония, Чин, Олмон, Англия, Ҳиндустон, Туркия, Эрон, Испания, Италия, Шветсия, Туркменистон, Узбекистон, Франсия, Чехия ва ғайраҳо.

Айни ҳол донишгоҳ ба монанди дигар макотиби олии кишвар ба низоми кредитии таҳсилот гузашта, аз рӯйи ин система таҳсилро ба роҳ мондааст, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, хусусан технологияи муосир таъмин мебошад [113, с.3-4]. **(Нигаред ҷадвали № 2.1. 2.).**

Олимон ва омӯзгорони Донишгоҳ ғамхориҳои доимӣ ва дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлатамонро ҷиҳати беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии зиндагии зиёиён, муҳайё намудани шароити мусоид дар муассисаҳои таълимию илмӣ, хусусан Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ҳамаҷониба эҳсос менамоянд.

Рушди кадрҳои омӯзгорӣ дар солҳои истиқлолият яке аз омилҳои муҳимми таҳкими маориф ва пешрафти он ба шумор меравад. Бо

назардошти талаботи замон оид ба соҳаи маориф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра чораҳои мушаххас андешид.

Тайи ин солҳо дар тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти миёна ва олии касбӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Як қатор техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷ табдил дода шуданд. Мактабҳои олӣ ба таълими бисёрзинагии маълумот гузаштанд. Сохтори мактабҳои олӣ ба низом дароварда шуд. Дар як қатор мактабҳои олӣ факултетҳои нав ташкил карда шуда, дар факултетҳои география шуъбаҳои нави географ-демограф, география-экология ба фаъолият оғоз карданд.

Тибқи ҷадвалҳои мазкур сол аз сол шумораи донишҷӯён дар донишгоҳ афзоиш ёфта истодааст. Бо дарназардошти ҳамин матлаб Раёсати донишгоҳ кӯшиш ба харҷ додааст, то шароити кории устодон ва музди меҳнати эшонро баланд бардорад, ки натиҷаи иқдоми мазкурро метавонем дар ҷадвалҳои овардашуда мушоҳида намоем **(Нигаред ҷадвали № 2.1.7.).**

Инчунин, барои ҷалби устодони соҳибтаҷриба ва ҳавасманд намудани онҳо Раёсати Донишгоҳ иқдоми қадрдонӣ намудани устодонро ҳамеша дар мадди аввал донистааст **(Нигаред ҷадвали № 2.1.8.).**

Самти дигари фаъолияти олимони донишгоҳ тайёр кардани мутахассисон тавассути магистратура, аспирантура, докторантура мебошад. Солҳои 1990-2005-ум барои ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ давраи хеле пурмаҳсули илмӣ буд, ки дар мактабҳои олии дигари ҶТ ва шаҳрҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ омӯзгорони зиёди донишгоҳ ба таҳсил фаро гирифта шуданд, чандин маҷмуаи корҳои илмии кормандони донишгоҳ ба табъ расид, 14 рисолаи докторӣ ва 62 рисолаи номзадӣ ҳимоя гашт. Шуъбаи аспирантураи донишгоҳро то имрӯз 58 нафар хатм кардаанд. Ҳоло (2015) дар аспирантура 33 нафар, аз ҷумла 10 нафар рӯзона ва 23 нафар ғоибона таҳсил доранд. Дар донишгоҳ

ҷамъияти илмии донишҷӯён фаъолият дорад, ки беҳтарин олимону донишҷӯён дар ҷаласаҳои он бо маърузаҳои илмӣ баромад намуда, бо ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ карда шуданд. Ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ дар муддати як соли охир 277 таълифоти илмӣ, 19 монография, 5 китоби дарсӣ, 12 дастури таълимӣ, 19 тавсияи методӣ нашр намудаанд; 14 таклифи навоварӣ пешниҳод карда, соҳиби 2 патент шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии кормандони донишгоҳ дар маҷаллаҳои илмии Ахбороти АИ ҶТ, Маърифати омӯзгор, Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДМТ ва ғ. ба табъ мерасанд. Ҳоло дар шуъба 15 нафар корманд: Ш.З. Худойдодова –ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, Эраҷ Давлатов –сардори раёсати илм ва инноватсия, Каҷкуллоев Абдухолиқ – ҷонишини сардори раёсат, Раҳимова Қурбонбӣ, Холова Ғалатӣ, Шамшоди Ҷамшед, Бадалов Исфандиёр – мутахассисони раёсати илм ва инноватсия кору фаъолият доранд. Раёсати илм ва инноватсия дар ҳайати худ сохторҳои зеринро дорад. Рӯзномаи «Анвори дониш», Маркази истеъдодҳои ҷавон, Маркази рушди касбият ва инноватсия, Китобхонаи донишгоҳ ва Парки технологӣ, ки дар маҷмуъ 15 нафар корманд ба кор ҷалб шудаанд [23].

Солҳои таҳсили 2018-2019 шумораи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба 9658 нафар мерасид, ки аз ин шумора 5745 нафари он дар шуъбаҳои рӯзона ва 3913 нафар дар шуъбаҳои ғоибона ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 2741 нафар ба тариқи буҷавӣ ва боқимонда, яъне 6362 нафар тариқи шартномавӣ таҳсил мекарданд. Соли 2019 донишгоҳ дорои 9 факулта буда, таълим ва тадрис дар 7 бинои таълимӣ ва ду баст сурат мегирад. Дар донишгоҳ 426 нафар (аз ҷумла 280 духтар)

донишҷӯён тибқи квотаи Президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки ҳамагӣ бо хобгоҳ ва идрорпулии ҳармоҳа таъмин мебошанд.

Дар донишгоҳ 15 нафар донишҷӯ барандагони стипендияҳои (идрорпулиҳои) номӣ мебошанд, аз ҷумла 5-нафар гирандаи идрорпулии Президентӣ; 5-нафар гирандаи идрорпулии раиси вилояти Хатлон; 1-нафар гирандаи идрорпулии Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10-нафар гирандаи идрорпулии ректори донишгоҳ, 2-нафар гирандаи идрорпулии раиси Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2-нафар гирандаи идрорпулии раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Ҳатлон. Дар соли 2018 гирандагони стипендияи вилоятӣ аз ҳисоби олимони донишгоҳ 11-нафарро ташкил медиҳад [23].

Дар донишгоҳ 51 ихтисосҳои амалкунанда аст, 48 ихтисос дар таълими рӯзона; 48 ихтисос дар таълими ғоибона, аз ҷумла фосилавӣ; 24 ихтисос дар зинаи магистратура; 5 ихтисос дар зинаи аспирантура; 11 ихтисос дар зинаи докторантраи PHD. Ин раванд исботи он аст, ки имрӯзҳо донишгоҳи мазкур дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ ҳиссаи назаррас гузошта истодааст.

Дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи донишгоҳ аз рӯйи 36 ихтисос, аз ҷумла ихтисосҳои «забон ва адабиёти тоҷик, рӯзноманигорӣ, забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ, забон ва адабиёти рус (дар мактабҳои миллӣ), забони англисӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти ибтидоӣ бо ихтисоси иловагӣ, таҳсилоти ибтидоӣ-санъати мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, дефектология, логопедия, сурдопедагогика, олигофренопедагогика, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, химия-биология, химия-экология, биология-экология, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат, география, таърих ва ғайраҳо» [23]. донишҷӯён таҳсил менамоянд.

Соли 2018 ҳайати олимону омӯзгорони донишгоҳ дар самти татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ чораҳои зарурӣ андешида, ҷиҳати таъмини татбиқи афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ саъю талош намуданд. Ҳоло 523 нафар омӯзгорон, (8 нафар доктори илм, 54 нафар номзади илм, аз инҳо 21 нафар дотсент), 37 нафар докторанти фалсафа (PhD), 30 нафар аспирант, зиёда аз 176 нафар унвонҷӯён ва 243 нафар магистрантон аз рӯи 24 равия, 28 проблема ва 32 мавзуъҳои илмӣ, 9 мавзуи илмӣ-таҳқиқотии фармоишӣ барои таҳқиқот дар соҳаҳои илмҳои мухталиф дар 28 кафедраи амалкунанда ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд. Аз 28 кафедраи донишгоҳ 27 адади он ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода, натиҷаҳои бадастомада ҳамасола дар шакли китобу монография ва мақолаҳои илмиву оммавӣ ба табъ мерасанд. Танҳо дар давраи ҳисоботӣ аз 523 нафар ҳайати омӯзгорон 457 нафарашон ба корҳои илмӣ таҳқиқотӣ машғул мебошанд, ки ин ба 87,3% теъдоди омӯзгорони донишгоҳ баробар аст ва нисбат ба соли гузашта 2% зиёд мебошад [175].

Шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ педагогии донишгоҳ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 18.02.2019, №24 дар заминаи шуъбаи магистратура ва докторантураи PhD таъсис дода шудааст. Зинаи таҳсилоти магистратура ва докторантураи фалсафа (PhD), ки зинаи таҳсилоти олӣ ба ҳисоб мераванд, бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаи маорифи кишвар нигаронида шудаанд, танҳо дар асоси фармони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишгоҳҳову донишкадаҳо, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, академияҳо, ки заминаҳои хуби моддию техникӣ доранд, таъсис дода мешавад. Муҳлати таҳсил дар шакли рӯзонаи магистратура ду сол муқаррар карда мешавад, дар зинаи докторантураи PhD се сол муқаррар гардидааст [176].

Саҳифаи дурахшонтарини солномаи донишгоҳ дар солҳои соҳибистиқлолӣ вохӯрии авввалини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли донишгоҳ дар маъракаи пешазинтихоботӣ ба ҳайси номзад ба мақоми Президентӣ (соли 1994) ва маъракаи райъпурсии умумихалқӣ оид ба Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мояи ифтихор ва саодатмандии бениҳоятест, ки дар таҷлили 70-солагии Донишгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок дошт ва бо маърузаи пурмуҳтаво баромад карда ва ҳамзамон бинои таълимии боҳашаматеро ба донишгоҳ туҳфа намуд.

Дар соли таҳсили 2019-2020 ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ 3 китоби дарсӣ, 6 монография, 18 васоити таълимӣ-методӣ ва зиёда аз 336 мақолаҳои илмӣ ва дигар маводи илмиро рӯи нашр овардаанд.

Ҷалби донишҷӯён ба озмунҳо ва фестивалҳои ҷумҳуриявӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи малакаю маҳорати онҳо низ аз иқдомҳои пайвастаи роҳбарияти донишгоҳ аст. Ин гуна барномаҳо имкон медиҳанд то донишгоҳ дар роҳи омода намудани кадрҳои педагогии сатҳи ба бозори меҳнат ҷавобгӯ ба дастовардҳои бештар ноил гардад.

Рӯзҳои 29-30- юми марти соли 2017 дар шаҳри Душанбе бахшида ба «Соли ҷавонон» озмун доир гардид. Озмуни мазкур бо дастгирии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни донишҷӯёни макотиби олии кишвар ташкил ва баргузор карда шуд. Дар ин фестивал-озмун дастаҳои донишҷӯёни муассисаҳои олии мамлакат низ ширкат доштанд. Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно» макони баргузории даври ниҳоии ин озмун гардида буд. Дар фестивал дастаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо роҳбарии Каримов Далер, сардори

шуъбаи кор бо ҷавонон, аъзоён Саидзода Розия, донишҷӯёни факултаҳои гуногуни донишгоҳ иштирок намуданд.

Ҳамасола дар кишвар Олимпиадаи донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурӣ баргузор мегардад ва даври ниҳоии ин озмун 21-22-юми апрели соли 2017 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор карда шуда буд. Олимпиадаи фаннии миёни донишҷӯёни донишгоҳҳои мамлакат бо ширкати 39 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва 32 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид. Дар олимпиадаи номбурда мусобиқа аз рӯи 11 фанни таълимӣ (забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, забони русӣ, технологияи информатсионӣ, таърихи халқи тоҷик, математика, физика, химия, биология — экология, назарияи иқтисодӣ, фалсафа) гузаронида шуда буд. Дар маҷмӯъ 271 нафар донишҷӯён иштирок доштанд.

Сабқат дар озмун тибқи тартиб аз рӯи навиштани иншо дар мавзӯи озод аз фанҳои самти филологӣ, бахшида ба ҷашнҳо иншои хурд навишта, аз фанҳои дигар аз рӯи саволномаҳои тестӣ баргузор шуда, муҳассилин донишу маҳорати худро санҷиданд.

Дар олимпиада 11 нафар ғолиби ҷои якум, 14 нафар ғолиби ҷои дуюм, 21 нафар ғолиби ҷои сеюм гардида, 49 нафар бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шуданд. Донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ ба гирифтани 3 ҷойи аввал, 3 ҷои дуюм ва 3 ҷои сеюм, яъне пас аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мақоми дуюм қарор гирифтанд. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино бо гирифтани 2 ҷойи аввал 3 ҷойи дуюм ва 4 ҷои сеюм мақоми 3-юмро сазовор гардиданд. Маълумоти болозикр собит месозад, ки аллакай донишгоҳ дар радифи маъруфтарин макотиби олии кишвар сабти ном карда, сатҳу сифати тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар донишгоҳ ба зинаи лозимӣ расидааст.

Маҳз ҳамин кӯшишҳои раёсати донишгоҳ оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим буд, ки «соли 2017 ду магистри донишгоҳ магистратураи донишгоҳҳои хориҷи кишварро бо дипломи аъло хатм намуданд. Фирдавси Холмуҳаммад магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Томски Федератсияи Россияро аз рӯи ихтисоси «Математика» ва Садафмоҳи Нуриддин Донишгоҳи технологии ба номи Ҷавоҳирлол Нерӯи кишвари Ҳиндустонро аз рӯи ихтисоси «Роҳбарияти тиҷорат» бо дипломи аъло хатм намудаанд. Айни замон ду нафар Сумани Бобохон дар магистратура ва Абдураҳмонова Нилуфар дар шуъбаи магистратура дар Ҷумҳурии Ҳиндустон таҳсил намуда истодаанд» [176].

Бо Қарори Ташкилоти байналмилалии сертификати сифати аврупоии Институти Шведсариягӣ (Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба муҳлати эътиборнокии аз 30.08.2017 то 30.08.2018 соҳиби иҷозатнома (литсензия ва Сертификати байналмилалии сифати Аврупо (Ҷоиза) гардид. Ҷоиза ва иҷозатномаи бадастомада имконият дод, ки кормандони донишгоҳ дар лоиҳаҳои таълимии байналмилалӣ иштирок намуда, нашри мақолаҳояшонро дар хориҷи кишвар бештар ба роҳ монанд ва нуфуз ва рейтинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро боз ҳам баландтар бардоранд.

«Бо мақсади иштирок дар семинари байналмилалӣ, ки дар ҳамоҳангсозӣ бо ВМИҶТ ва Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (АМАР) дар мавзӯи «Аккредитатсия - механизми самараноки таъмини сифати таҳсилот», ки дар Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон рӯзи 21 феврал бо иштироки муовини аввали ВМИ ҶТ Мирбобоев Р.М., Сардори Раёсати мактабҳои олии ВМИҶТ Ҳайдаров Ф.Н., Директори АМАР Жумагулова Алина Боқитҷоновна, коршиносони байналмилалӣ Яновская О.А., Медетов Б.Е., Сайдуллаева

М.А. ва муовинони ректорони 29 МТОК ҶТ оид ба таълим ва муносибатҳои байналмилалӣ баргузор гардид. Аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Худойдодова Шарофат, ноиби ректор оид ба таълим Холиқзода Айниддин ва сардори раёсати таълим Шарипов Анвар дар ин семинар иштирок доштанд. Зимни семинар оид ба масъалаҳои мубрами баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон маърӯзаҳо шунида шуданд» [176].

Чанд сол дар мамлакат аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Олимпиада байни донишҷӯёни МТОК-и кишвар баргузор карда мешуд. Ҳамин тариқ 12-13-уми марти соли 2020 дар бинои Академия Олимпиадаи мазкур баргузор гардид. Ҳайати ҳакамон аз ҳисоби олимони Академия таъсис дода шуд.

Донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар ин олимпиада фаъолона ширкат варзида, Ҳусайнов Ҳусниддин, донишҷӯи соли 5-уми факултаи химия, биология ва география дар самти химия сазовори ҷои аввал, Авалов Бахтиёр, донишҷӯи соли 3-юми факултаи физика ва математика дар самти технологияи иттилоотӣ ғолиби ҷои сеюм гардиданд.

«Бо мақсади амалӣ намудани иқдоми пешгирифтаи ҳукумати мамлакат оид ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҷавонон ва дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисон раёсати донишгоҳ ҳамеша кӯшиш намудааст, то дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, назири «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон ватани азизи ман» ва амсоли он донишҷӯёнро пешниҳод намояд. Ҳамин иқдом буд, ки соли 2020 дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими тантанавии ҷамъбасти Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» баргузор гардид, ки дар он ғолибони

озмун аз рӯйи номинатсияҳо ва ғолиби Шоҳҷоиза муайян гардида, бо ифтихорномаву дипломҳои Кумитаи тадорукот ва Вазорати маориф, инчунин дигар туҳфаҳои пуливу молӣ сарфароз гардонида шуданд. Инчунин, Қурбонов Хуршед, саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи номинатсияи «Хондан ва аз ёд кардани осори адабиёти ҷаҳон» дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» сазовори ҷои 1-ум гардида, бо 30000 сомонӣ қадршиносӣ гардид» [175].

Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат низ озмуни ҷумҳуриявиро байни донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» баргузор менамояд. Донишҷӯи курси чоруми факултети физика ва математика Ахмедов Бахтиёр аз рӯи равияи математика аз байни донишҷӯёни ДДК иштирок намуд. Дар натиҷаи сабқат мавсуф сазовори ҷои якум, ҷом ва дипломи дараҷаи 1 гардид.

Натиҷаи ҳамин талошҳо буд, ки донишгоҳ ба яке аз боргоҳҳои бузурги илму маърифат табдил ёфта, дар омода намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон дар сафи пеш қарор дорад. Дар 75 соли фаъолият шумораи донишҷӯёни донишгоҳ аз 48 то ба зиёда аз 11000, устодон аз 9 то 558 нафар, кормандони дорои дараҷа ва унвони илмӣ аз 5 номзади илм то 130 нафар ва докторону профессорон аз 0 то 29 нафар расиданд.

Қобили зикр аст, ки танҳо дар байни солҳои 2010 – 2021 100 нафар устодони донишгоҳ рисолаҳои илмии номзадӣ ва докториашонро ҳимоя намудаанд, ки ин нишондиҳанда собиткунандаи мустаҳкам гардидани пойгоҳи илмӣ ва кадрии донишгоҳ аст. Ба ғайр аз ин боиси зикр аст, ки дар озмуни олими ҷавон 6 январ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи

Рӯдакӣ Лутфия Расулова соҳиби «Ҷоизаи раиси вилояти Хатлон» гашт. Ҷоиза ва туҳфаҳоро ба муаллима муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ тақдим намуд.

Натиҷаи дигари рушди фаъолияти донишгоҳ дар самти таълим ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар он аст, ки Зафар Мирзоён — мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа барои силсилаи мақолаҳо доир ба ҳаёту фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии адиби зиндаёд, «Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода дар озмуни ҷумҳуриявие, ки аз тарафи нашрияи «Ҷумҳурият» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ва шаҳри Ҳисор доир гардид, ғолиб ва соҳиби Шоҳҷоиза гашт» [175].

2.2. Саҳми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар омода намудани кадрҳои соҳаи педагогӣ дар вилояти Хатлон

Дар омода намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав дар шаҳри Қӯрғонтеппа низ саҳми арзанда гузошта истодааст. Чуноне ки дар зербоби якум ишора намудем, талаботу ниёзҳои истеҳсолот ва мардум аз як ҷониб зарурати таъсиси донишгоҳро метезонд ва аз ҷониби дигар нарасидани кадрҳои педагогӣ омили муҳимтар мегашт. Ҳамин тавр, чуноне ки дар боло ишора намудем, бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон донишгоҳи мазкур низ таъсис ёфт ва ба вазъияти мураккаби ибтидои соҳибистиқлолӣ нигоҳ накарда, зери таваҷҷуҳи роҳбарияти олии мамлакат қарор дошт. Мақсад аз таъсиси донишгоҳ ва беҳтар намудани шароити моддию техникии он низ маҳз амалӣ намудани матлаби болозикр ба ҳисоб мерафт.

«Дар тӯли 70 соли тантанаи Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон водии Вахш соҳиби таълимгоҳи мустақил нагашт. Дар ҳоле, ки дар дигар вилояту шаҳрҳо ҳар сол як донишгоҳи нав ба хотири касе ё чизе таъсис

меёфт. Дар аксари навоҳии ин водӣ мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаи маориф, муҳандисон, иқтисодчиён намерасиданд. Бо мақсади таҳсил маскунини ин водӣ маҷбур буданд, ки ба маркази ҷумҳурӣ, вилояти Суғд ё шаҳри Кӯлоб азимат намоянд, вале чунин имконияти васеи иқтисодӣ на ба ҳар кас даст медод. Баъзеҳо мехостанд, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, аз рӯйи тахассуси дилхоҳашон таҳсилро давом диҳанд. Ин таманнои бошандагони водиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфт ва бадин минвол дар маркази вилояти Хатлон – шаҳри Қӯрғонтеппа Донишгоҳи давлатӣ арзи ҳастӣ намуд. Таъсиси Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа дар Вахшонзамин як падидаи хеле муҳими фарҳангию маърифатӣ дар раванди таърих маҳсуб мегардад» [92, с. 6].

Дар солҳои аввали фаъолияташ донишгоҳи мазкур аз рӯйи 4 ихтисос ба омода кардани кадрҳои омӯзгорӣ шуруъ намудааст.

Донишгоҳ дар асоси амру қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фармоишу дастурамалҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар татбиқи амалии барномаҳои дурнамои соҳаи маориф саҳми назарраси худро гузошта истодааст [92, с.7].

Ҳадафи асосии донишгоҳи мазкур омода намудани кадрҳои сатҳи баланди омӯзгорӣ ва мутахассисони дигар соҳаҳои кишвар мебошад. Бо ба инобат гирифтани зарурати омӯзиши ихтисосҳои наву замонавӣ шуруъ аз соли 2013 инҷониб бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисосҳои нав дар донишгоҳ таъсис дода шудаанд, ки ин барои омода намудани кадрҳои лаёқатманд хеле самараи хуб медиҳад.

Бояд гуфт, ки соли 2012 дар Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав якбора 14 ихтисоси нав кушода шудаанд. Ба мисли ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ ва санъати мусиқӣ, низом ва технологияи иттилоотӣ, математика- информатика, радиотехника тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, физика-информатика, физика-астрономия, психологияи ҳуқуқшиносӣ, таърих ва бойгонишиносӣ, ташхис ва идораи амволи ғайриманқул, молия ва қарз, маркетинг дар бозори байналхалқии молу хадамот, менеҷменти туризми ҷаҳонӣ, иқтисод ва идораи сайёҳӣ, филологияи шарқ (забони форсӣ) ифтитоҳ гардид. Дар соли 2013 бошад, чор ихтисоси нави дигар, ба монанди фарҳанги ватанӣ ва ҷаҳонӣ, андоз ва андозбандӣ, фолклор, менеҷменти молиявӣ ва гумрук кушода шуд.

Дар соли 2016 бошад, қабули 10 ихтисоси нав, аз ҷумла «физика (фаъолияти илмию педагогӣ), математика (фаъолияти илмию педагогӣ), аудит ва ревизия, сиёсат ва идораи давлатӣ, танзими ҳуқуқии соҳаҳои идораи давлатӣ, биохимияи тиббӣ, назария ва амалияи тарҷума (забони англисӣ), назария ва амалияи тарҷума (забон ва адабиёти рус), тарбияи ҷисмонӣ, математика-физика пешбинӣ шудааст» [92,с.9].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 20 январи соли 2016 ба масоили маорифи кишвар диққати махсус дода, қайд намуданд, «Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст, ки меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин васила самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ба забономӯзии донишҷӯён, махсусан забонҳои русию англисӣ, таъминот бо

мутахассисони дорои малакаи хуби корӣ ва ҷавобгӯи бозори меҳнат диққати махсус диҳанд» [5].


Дар маҷмуъ дар 10 факултаи Донишгоҳ аз рӯйи 45 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд. Ҳамзамон, дар таркиби Донишгоҳ гимназия ва коллеҷи омӯзгорӣ фаъолият менамоянд.

Соли 2012 дар донишгоҳи мазкур 14 ихтисоси нав қабул гардид. Аз ҷумла, 1-03.03.02-01 - дефектология, 1-01.02.02.03 –таҳсилоти ибтидоӣ ва санъати мусиқӣ, 1-03.02.02 - тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, 1-40.01.02-04 - низом ва технологияи иттилоотӣ, 1-39.01.01-радиотехника, 1-02.05.03-02 - математика-информатика, 1-02.05.04-02 - физика – информатика, 1-02.05.04-05 - физика - астрономия, 1-23.01.13 - таърих ва бойгоншиносӣ, 1-24.01.02-13 – психологияи ҳуқуқшиносӣ, 1-25.01.04 - молия ва қарз, 1-70.02.02 - ташхис ва идораи амволи ғайриманқул, 1-26.02.03.25 - маркетинг дар бозори байналхалқии молу хадамот, 1-26.02.02.07.01 - менеҷменти туризми ҷаҳонӣ, 1-25.01.07-17 – иқтисод ва идораи сайёҳӣ, 1-21.05.07.01 - филологияи шарқ (забони форсӣ); дар соли 2013 4 ихтисос, аз ҷумла 1-02.02.04 – фарҳанги ватанӣ ва ҷаҳонӣ, фолклор, 1-25.01.04.03 - андоз ва андозбандӣ, 1-96.01.01-хадамоти гумрук, 1-26.02.02.01 – менеҷменти молиявӣ қабул карда шуд [92,с.11].

Ҳамин тавр, бо зиёд шудани ихтисосҳо шумораи донишомӯзон низ афзоиш ёфтааст (Нигаред ҷадвали № 2.2.1.).

Инчунин, афзоиши қабул ва хатми донишҷӯён мувофиқи ҷадвали овардашуда, далели дигари матлаби болозикр аст (Нигаред ҷадвали № 2.2.2.).

Диаграммаи 2



Теъдоди муҳассилини донишгоҳ дар соли 2012 ҳам дар шуъбаҳои ғоибона ва ҳам дар шуъбаҳои рӯзона 12 ҳазор нафарро дар бар мегирифт, ки аз ин шумора 20 фоизашро духтарон ташкил медоданд. Соли 2013 тавассути квотаи президентӣ 181 нафар ба донишгоҳ дохил шуд, ки 112 нафарашонро духтарон ва 69 нафарашонро писарон дар бар мегирифтанд. Давомоти донишҷӯён бошад, хуб ба роҳ монда шуда, солҳои охир ба 95 фоиз расид. Сифати таълим низ дар дар мадди назарияти роҳбарияти донишгоҳ қарор дорад ва бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён ва масъулияти азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён, дар ҳар як нимсола аттестатсияи донишҷӯён гузаронида мешавад [91]. Ғайр аз ин, оид ба таҳкими заминаи моддиву техникӣ, фаъолияти илмиву омӯзгории омӯзгорон, муҳассилин ва фаъолияти факултаҳо, инчунин коллеҷу гимназия аттестатсияи дохилидонишгоҳи ба роҳ монда мешавад, ки дар асоси он камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда мешаванд.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», барномаи комютеркунонии муассисаҳои таълимӣ», омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ пайваста чораҳои зарурӣ меандешад. Дар асоси иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» тамоми ҷаласаҳо, машваратҳо, семинару конференсияҳо баргузор мешуд. Рӯзномаи «Фурӯғ», маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» дар таҳкиму тарғиби забони давлатӣ саҳми босазое доранд. Амали Консепсияи татбиқи Қонуни забони давлатӣ дар донишгоҳ имконият медиҳад, ки мавқеи он мустаҳкам гардад» [91].

Санҷишу имтиҳонҳои донишҷӯён ба воситаи компютер ба роҳ монда шудааст, ки бо маркази бақайдгирӣ пайваст мебошанд. Синфхонаҳои компютерӣ ва пайваст бо шабакаи интернет, мавҷудияти китобхонаи электронӣ дар донишгоҳ ба донишҷӯён ба осонӣ имконият медиҳанд, ки маълумоти зарурӣ ва китобҳои лозимаро сари вақт дастрас намоянд. Ғайр аз ин, ҳамаи шуъбаву кафедраҳо ва деканату дигар зерсохторҳо бо компютерҳо таъмин мебошанд.

«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо як қатор муассисаҳои илмиву таълимии хориҷи кишвар, аз ҷумла Донишгоҳи штати Монтанаи ИМА, як қатор донишгоҳу донишкада ва муассисаҳои илмии Россияву Белорусия, Эрону Ҳиндустон ҳамкорӣ дорад» [172]. Фаъолияти илмии олимони донишгоҳ боиси таваҷҷуҳ мебошад. Онҳо мувофиқи 65 мавзуъ ва самт корҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Теъдоди докторони илм 14 нафар ва номзадони илм 92 нафарро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, «2 нафар арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, 6 корманди шоистаи Тоҷикистон, ду нафар барандаи ҷоизаи ҷавонон ба номи Исмоили Сомонӣ, ду нафар барандаи ҷоизаи адабӣ ва илмии ба номи Ҷалолиддини Румӣ, 76 нафар Аълочии маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ҳашт нафар Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, чор нафар Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, даҳ нафар аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, ду нафар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кору фаъолият доранд. 25 нафар устодони донишгоҳ бо мукофотҳои гуногуни давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд» [91].

Яке аз самтҳои дигари омода намудани кадрҳои илмӣ ва педагогӣ дар донишгоҳ зинаи магистратура ба ҳисоб меравад. Дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳанӯз соли 2012 аз ҷониби Вазорати маориф зинаи таҳсилоти магистратура кушода шуд. Ин ба донишҷӯён барои таҳсили баъди дипломӣ ва анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият фароҳам овард. Ин зинаи таҳсилотро дар донишгоҳ дар соли 2014 - 91 нафар ва дар соли 2015 157 нафар хатм намуданд. Дар солҳои зикршуда теъдоди умумии магистрантон дар донишгоҳ 464 нафарро ташкил мекард [170].

Дар донишгоҳи мазкур зинаи дигари таҳсилот, ки дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ аз аҳаммият холӣ нест зинаи таҳсилоти докторантура - доктор PhD маҳсуб меёбад. Дар соли аввали қабули довталабон ба ин зинаи таҳсилот, яъне соли 2012 се нафар шомил гардида, корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва таълимиро аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодиёт, таърих ва филология ба роҳ монданд.

Маҳз ҳамин кӯшишҳо буд, ки Донишгоҳ дар рейтинги байни макотиби олии кишвар ҷойи 6-умро ишғол намуд, маъмурияти он минбаъд кӯшиш намудаанд, ки шарту шароити таълим ва фаъолияту истироҳатро дар донишгоҳ рӯз то рӯз беҳтар намуда, барои беҳтар гардидани маърифатнокии донишҷӯён корҳои тарбиявиро бештар ба роҳ монад. (Ширкати фаъолонаи донишҷӯдухтарони донишгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва иштироки назарраси донишҷӯён дар

баргузории ҷашну чорабиниҳои шаҳриву вилоятӣ гувоҳи гуфтаҳои болост).

«Таваҷҷӯҳ ва ғамхориҳои рӯзафзуни Президенти мамлакат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф моро водор менамояд, ки тамоми нерӯи ақлонию зеҳнии худро дар партави иҷрои супоришу ҳидоятҳои Сарвари давлат барои беҳбудӣ бахшидан ба сифати таълиму тарбия, истифодаи роҳу усулҳои фаъол дар таълими дарсҳо, технология ва техникаи замонавӣ дар раванди таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони баландихтисосу дорои ахлоқи ҳамидаи ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ равона созем»[170], - қайд гардидааст дар ҳисоботи солонаи ректори донишгоҳ.

Моҳи январи соли 2008 донишгоҳ аз санҷиши Хадамоти давлатии назорати сифати дониши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият гузашт ва ба муддати панҷ сол соҳиби аккредитатсия гардид. Донишгоҳ собит намуд, ки дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳайати устодони таълимгоҳ ҷиддӣ камар бастаанд. Пас аз ин ҳайати устодону профессорони Донишгоҳ барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти корӣ, таклифу пешниҳодот ва тавсияҳои судманди идораи аттестатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра ба инобат гирифтанд.

Махсусан ташрифи Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳ 20 июли соли 2000-ум ба устодону шогирдони таълимгоҳ руҳу илҳоми тоза бахшид. Ҳидоятҳои Сарвари давлат онҳоро ба фатҳи қуллаҳои нав ба нави илмӣ, дарёфти роҳу усулҳои навтарини таҳсилоту тарбия раҳнамоӣ намуд. Вохӯриҳои пайваста бо Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба устодон таассуроти амиқ ато намуд, ҳисси масъулиятшиносии онҳоро дучанд мегардонид, аз ин рӯ, устодони донишгоҳ ҳамеша кӯшиш ба харҷ

медоданд, то дар тарбияи насли наврас, пеш аз ҳама омода намудани кадрҳои педагогӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоранд.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз 16 октябри соли 2007, рақами 4, шуъбаи назорати сифати таълим аз ҳисоби маблағҳои махсус таъсис дода шуда буд. Шуъбаи мазкур рисолати пурмасъулиятро пеш мебарад, яъне назорати сифати таълим дар донишгоҳ ва натиҷаи тайёр кардани мутахассисонро дар донишгоҳҳо маҳз шуъбаи боло зикр ба зимма дорад.

Бахши иқтисод ва хоҷагӣ асоси ҳар як воҳид ва ниҳоди иҷтимоию сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳад. Ҳисобдории донишгоҳ аз рӯзи таъсис ёфтани он, яъне соли 1978 фаъолият менамояд. Албатта баҳри пешрафти фаъоляити муассиса ин бахши муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Бахши иқтисоди донишгоҳ шомили сохторҳои ҳисобдорӣ, шуъбаҳои иқтисод, хоҷагӣ, сохтмон ва хобгоҳи донишҷӯён аст. Дар донишгоҳ як бинои чортабақа барои хобгоҳи донишҷӯён махсус гардонида шудааст, ки дар он 400 нафар донишҷӯ иқомат мекунанд. Хобгоҳ дорои толори хониш ва ошхона мебошад. Нақши умури хоҷагӣ дар масъалаи ҷиҳозонидани синфхонаҳо, кошонаҳои таълимӣ ва бо навтарин васоити таълимию техникӣ таъмин намудани донишгоҳ, таъмиру тармим намудани биноҳои таълимию маъмурӣ хеле назаррас аст. Фаъолияти бахши мазкур низ дар беҳтар гардидани шароити кории устодон ва донишҷӯён, ки ба омода гардидани мутахассисон алоқамандии ногусастанӣ дорад, равона гардидааст.

Барои дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисон донишгоҳ барои донишҷӯён хобгоҳи чорошёнаи иборат аз 380 ҷой мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст. Донишгоҳ дар минтақаи Зағертии шаҳри Сарбанд дар масофаи 2,5 километр барои 5 гектар замин қубури обгузар гузаронида, он ҷо чорбоғи истироҳатӣ ва майдони таҷрибавӣ бунёд намудааст.

Дар давоми соли 2018 дар донишгоҳ 470 нафар устодони доимӣ, аз ҷумла 15 нафар докторони илм, профессорон (Шодиев М. С., Ҳамроев М. Ҳ., Шарифов Ҷ. Ш., Абдураҳимов Қ. С., Гадозода А., Икромов И., Комилов А., Абдуназаров Х., Муродов Ҳ. Ғ., Сафаров Ҷ., Сатторов А. Э., Садриддинов Н. Т., Холназаров С., Тағоймуродов Р., Тағоева Т.М.), 94 нафар номзадҳои илм ва дотсентон, 366 нафар саромӯзгорон, омӯзгорон ва ассистентон дар 43 кафедраи донишгоҳ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ машғул буданд. Айни ҳол дар донишгоҳ 23 нафар устодони дорои мукофотҳои гуногуни давлатӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла, дар соли 2017 дотсенти кафедраи химияи умумӣ Болтаев Малик Аҷикович бо медали «Хизмати шоиста», Сидиқова Зуҳро, Нуров Умархон, Пиров Аламшо бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд. Ин шумора далели он аст, ки айни ҳол пойгоҳи илмӣ ва кадрии донишгоҳ бисёр пурқувват шуда, заминаҳо ва имкониятҳои бунёдии омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи илму маориф фароҳам омадааст[170].

Дар баробари омода намудани кадрҳои педагогӣ инчунин, дар донишгоҳ барои мустаҳкам намудани пойгоҳи илмӣ ва кадрии донишгоҳ низ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Аз ҷумла, соли 2017 зери роҳбарии академик Раҳимов З. (АИ ҶТ), профессорон Исмоилов Ш. (ДМТ), Ҷамшедов П. (АИ ҶТ), Тағоймуродов Р. (ДДҚ ба номи Носири Хусрав), Сафаров Ҷ. (ДДҚ ба номи Носири Хусрав) як нафар устоди донишгоҳ Тағоева Т. М. (кафедраи назария ва методикаи таълими забони англисӣ) рисолаи докторӣ, шаш нафар Мирзораҳимов Ш. (кафедраи таҳлили математикӣ), Саидов Ҷ. (кафедраи адабиёти тоҷик), Саидназаров Р. (кафедраи таҳлили математикӣ) Аҳмадов С. (кафедраи адабиёти тоҷик), Фатҳуллоев И. (кафедраи назария ва методикаи таълими забони англисӣ), Олматова Ш. (кафедраи назария ва методикаи таълими забони англисӣ) рисолаи номзадӣ ҳимоя намуданд. Ҳамчунин,

дар соли 2018 шаш нафар устодони донишгоҳ Гулов Қурбон (кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ) Муродов Мусулмон (кафедраи кори бонкӣ), Муллоев Хурсандмурод (кафедраи кори бонкӣ) Шодиев Бурҳониддин (кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит), Ҳасанов Шуҳрат (кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ), Каримов Нусрат (кафедраи забон ва адабиёти рус) рисолаи номзадӣ ҳимоя намуданд.

Ҳайати профессорону устодони донишгоҳро дар соли 2018 672 нафар устодони доимӣ ташкил мекард, ки аз ин шумора 29 нафар докторони илм, профессорон, 142 нафар номзадони илм, 387 нафар саромӯзгорон, омӯзгорон ва ассистентон буданд ва дар 45 кафедра ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва илмию методӣ машғул буданд **(Нигаред ҷадвали № 2.2.5).**

Раёсати донишгоҳ ҳамеша ба донишҷӯёни ятими кулл, нимятим ва маъюб имкониятҳо фароҳам оварда, барои омода намудани мутахассисон аз ҳисоби ин қишри ниёзманди ҷомеа кӯшиш ба харҷ медиҳад **(Нигаред ҷадвали № 2.2.6).**

Донишгоҳ бо дигар муассисаҳои олии хориҷи кишвар низ робитаи наздик дошта, ҳар сол пайваста гурӯҳи донишҷӯёнро барои таҳсил ва такмили дониш ба донишгоҳҳои пешрафтаи дунё равон менамояд. Ғайр аз ин, дар натиҷаи ҳамкориҳо донишгоҳ дар миқёси кишварҳои Осиёи Марказӣ нуфузи баланд пайдо намуда, шумораи зиёди донишҷӯён бо эътимод дар донишгоҳ таҳсил менамоянд **(Нигаред ҷадвали № 2.2.7).**

Дар донишгоҳ шуъбаҳои магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD фаъолият менамоянд. Ин шуъбаҳо дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ зинаҳои асосӣ ба шумор мераванд. Масалан, танҳо соли 2020 шумораи умумии аспирантони донишгоҳ ҳамагӣ 14 нафар буда, аз ин шумора 11 нафар дар шуъбаи ғоибона ва 3 нафар дар шуъбаи рӯзона таҳсил менамуданд. Соли 2020, 17 нафар аспирантон ва унвонҷӯёни донишгоҳ рисолаи номзадии худро ҳимоя намуданд. Боиси

нигаронӣ аст, ки аксар аспирантон ва унвонҷӯёни донишгоҳ як ҷузъи корҳои илмиашонро иҷро карда, бо ҳамин қаноатманд гардида, рисолаҳои номзадиашонро ба ҳимоя пешниҳод намекунанд. Бинобар ин, роҳбарони илмӣ, мудирони кафедраҳо ва дигар шуъбаву раёсатҳои дахлдори донишгоҳро зарур аст, ки дар интихоб ва қабули унвонҷӯён, аспирантон ва докторантони фалсафа диққати махсус дода, дар муддати таҳсил аз болои онҳо назоратро пурзӯр намоянд ва мунтазам аз рафти иҷрои нақшаи инфиродии онҳо ҳисобот талаб намоянд [170].

Имрӯзҳо Донишгоҳи давлатии Бохтар ба як маркази илму маърифат табдил ёфта, донишҷӯён дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона таҳсил менамоянд. «Дар донишгоҳ 13 факултет, 45 кафедра ва 71 ихтисос амал менамояд, ки 37-тои он ихтисосҳои омӯзгорӣ ва 34-тояшон ихтисосҳои ғайриомӯзгорӣ мебошанд. Коллеҷи омӯзгорӣ ва литсей низ ба сохтори донишгоҳ шомиланд. Дар тули беш аз 40 соли фаъолият донишгоҳро бештар аз 50 ҳазор нафар донишҷӯён хатм кардаанд, ки айни ҳол дар риштаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар кору фаъолият карда истодаанд» [47, с.42-50].

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар низоми маорифи кишвар пайваста ислоҳоти соҳа амалӣ шуда истодааст. Яке аз ин ислоҳотҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани он ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар кишвар гузариш ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ шуруъ шуд. Таҳсилот дар МТОК аз рӯи зинаҳои (бакалавр, магистр, доктор PhD) ба роҳ монда шуда, низоми кредитӣ, ҳамоҳангии стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ ба стандартҳои байнамиллалӣ, меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таҳсилотӣ (миқдор ва андозаи кредит), истифодабарии низоми холдиҳии рейтингӣ, меъёрҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот татбиқ гардиданд. Имрӯзҳо барои машғулиятҳои амалӣ, озмоишӣ, КМРО ва кори мустақилонаи донишҷӯён роҳандозӣ мегардад. Яке аз дастовардҳои муҳимми

донишгоҳ ин аст, ки дар асоси дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи ММТ ва дар мулоқот бо роҳбарияти Вазорати маориф ва илми ҶТ ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, инчунин тибқи мактуби ВМ ва илми ҶТ аз 17.01.2014 таҳти №05/1-163 қабули санҷишу имтиҳоноти ҷориро пурра тариқи низоми электронии мушобеҳ ба ММТ назди Президенти ҶТ роҳандозӣ намуд.

«Донишгоҳ дорои 9 бинои таълимӣ бо теъдоди умумӣ 416 адад ҳуҷра, ки аз он: 162 адад синфхона, 41 адад кабинети таълимӣ, 22 адад озмоишгоҳҳои таълимӣ, 3785 адад миз, 7570 адад курсӣ, 2 кабинети лингофонӣ мебошад. Ҳамчунин, дар ихтиёри донишҷӯён ду адад майдонча, 2 толори варзишӣ, як маҷмааи варзишӣ ба ҳама шароити замонавӣ ва хобгоҳ қарор дорад. Ҳайати омӯзгорони донишгоҳ 762 нафар мебошанд, ки аз онҳо 20 нафарашонро доктори илм, профессорон, 165 нафарашонро номзади илм, дотсент, 29 нафарашонро саромӯзгор, 355 нафарашонро омӯзгор ва 213 нафарашонро ассистентон ташкил медиҳад» [163]. **(Нигаред ҷадвали № 2.2.9.).**

2.3. Мавқеъ ва мақоми Донишгоҳи давлатии Данғара дар масири омодасозии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон

Омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ самти муҳим дар соҳаи маориф ва умуман ҷомеа маҳсуб меёбад, зеро аз сатҳи омодагии касбии омӯзгор сифати таҳсилот ва касбияти мутахассиси оянда вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар солҳои охир вобаста ба афоиши шумораи хонандагон талабот ба кадрҳои омӯзгорӣ низ афзуда истордааст. Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара дар пешрафти соҳаи маорифи мамлакат нақши муҳим дорад, зеро ин муассиса зодаи истиқлол буда, барои ба талаботи замон мутобиқ намудану ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ будани раванди омодакунии кадрҳои баландихтисос дар худи минтақа таъсис ёфтааст. Дар фаъолияти ин муассиса пешрафиҳо ба назар расида, сохторҳои он васеъ гардидаанд. Донишгоҳ баробари пешбурди корҳои

таълимӣ ҳамчунин ба ривоҷу равнақи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Аз ин хотир дар сохторҳои он шуъбаи илм ва инноватсия фаъолият карда, шурои диссертатсионӣ ва марказҳои тадқиқотӣ низ созмон дода шудаанд. Ин тадбирҳо барои омодакунии кадрҳои баландихтисоси педагогӣ дар минтақа саривақтӣ буда, нерӯи илмӣ ва таълимиро дар худи муассиса ва берун аз он баланд хоҳанд бардошт.

Донишгоҳи давлатии Данғара бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, хусусан минтақа таъсис дода шудааст. Дар он тамоми шароити муосир, синфхонаҳои барҳаво бо тамоми лавозимоти зарурии таълимӣ, хобгоҳ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам омӯзгорон муҳайё мебошад [168]. Муассисаи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 таҳти рақами 284 дар заминаи филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун мактаб-интернати №1 таъиси ёфтааст [166, с.188] Баъди чанд соли фаъолияти ин муассисаи таҳсилотӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013 таҳти рақами 205 дар заминаи он Донишгоҳи давлатии Данғара ташкил карда мешавад.

Фаъолияти Донишгоҳи давлатии Данғара дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», оинномаи муассиса ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Бо ба инобат гирифтани шароитҳои моддӣ-техникӣ ва имкониятҳои омодакунии кадрҳои баландихтисос дар минтақа ва ҷумҳурӣ муассисаи таҳсилотии олии касбӣ таъсис дода шуда буд. Ин донишгоҳ дорои бинои нав буда, барои фаъолияти парки технологӣ замини кишти таҷриавӣ-истеҳсолӣ ҷудо карда шудааст. Ҳамкорииҳо бо шарикони рушд ва донишгоҳҳои хориҷи кишвар ба роҳ монда шудааст.

Ҳамкориҳо бештар дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, табодули таҷриба ва таҳсилот, бозомӯзии касбӣ амалӣ мегарданд.

«Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ» бо иштироки Асосгузори сулҳуваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1-уми сентябри соли 2016 дар Донишгоҳи давлатии Данғара бо ифтитоҳи бинои нави таълимӣ воқеъ дар маркази шаҳраки Данғара баргузор гардид, ҳамчун саҳифаи дурахшон дар таърихи донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Донишгоҳ бо ба инобат гирифтани шароити муосисри таълим ва тадрис дар макотиби олӣ тарзрезӣ шуда, бунёд гардидааст. Ҳамин тавр, барои таҳсили донишҷӯён синфхонаҳои барҳаво ва муҷаҳҳаз бо воситаҳои замонавии таълим, хобгоҳҳои замонавӣ барои истиқомат сохта шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

«Донишгоҳ тайёр намудани мутахассисони касбиро дар 5 факултет – педагогика ва технологияҳои таълимотии муосир, иқтисодиёти инноватсионӣ ва менеҷмент, аграрӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ, муҳандисӣ ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ, сектори кор бо донишҷӯёни ғоибона ва таҳсилоти фосилавӣ, инчунин 19 кафедраи тахассусӣ, аз ҷумла, рақобатшиносӣ, психология, педагогика, физика ва информатика, математикаи олӣ ва татбиқӣ, биология ва экология, химияи умумӣ ва татбиқот, забон ва адабиёти тоҷик, назария ва амалияи забони англисӣ, забон ва адабиёти рус, истифодабарии замин ва агротехнология, иқтисодиёти инноватсионӣ ва идораи кормандон, назарияи иқтисодӣ ва менеҷмент, геологияи умумӣ ва гидрогеология, технологияи коркард ва нигоҳдории маҳсулоти ғизоӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждани, технологияи нассоҷӣ ва дизайн, сохтмони гидротехникӣ ва иншооти энергетикӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, идораи давлатӣ ва сайёҳӣ, фанҳои гуманитарӣ ва рушди шахсият, 1 кафедраи умумидонишгоҳии ҳарбӣ дар асоси низоми бисёрзинагии таҳсилот ба роҳ мондааст» [138].

Шуъбаи илм, аспирантура ва татбиқи асноди Эъломияи Болон соли 2016 таъсис дода шудааст. Мақсади асосии ташкил кардани шуъба аз татбиқи талаботи Эъломияи Болон дар раванди таҳсилот ва технологияҳои инноватсионии илмию таълимӣ иборат аст. Вазифаҳои шуъба аз инҳо иборатанд:

- Ба таври фаврӣ ҷавоб гардондан ба мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо доир ба фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ дар таълим. Назорати иҷрои дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, АИҶТ ва дигар муассисаҳо доир ба иҷрои мактубҳо ва дархостҳои воридшаванда.
- Таҳия кардани меъёрҳои баҳогузорӣ ба аспирантон ва унвонҷӯён ва дар асоси он давра ба давра баҳогузории фаъолияти онҳо. Назорати доимии фаъолияти илмию тадқиқотии аспирантону унвонҷӯён, ташкил ва гузаронидани имтиҳоноти дохилшавӣ ва хатм, ташкил кардани ҳимояи пешакӣ ва ҳамкорӣ бо шуроҳои диссертатсионӣ дар дифои рисолаҳои илмии аспирантону унвонҷӯён.
- Ташкил кардани раванди корҳои илмию татқиқотӣ дар донишгоҳ дар доираи дастуру меъёрҳои мавҷуда, пешбурди фаъолияти ихтироъкорию навоварӣ дар байни олимону донишҷӯён, назорати чопи саривақтии маводи вобаста ба маҳфилҳои илмӣ тадқиқотӣ дар кафедраҳо баргузоршаванда. Интишори эълонҳо доир ба баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ вобаста ба нақшаи тасдиқгардидаи баргузории онҳо, пешниҳод ва таҳияи нақшаи чорабинихои илмӣ дар донишгоҳ ташкил ва баргузор намудани конференсияҳо, симпозиумҳо ва семинару машваратҳои илмию амалӣ, тартиб додани хазинаи маълумот оид ба таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ, мақолаҳо, ихтирооту навовариҳо. Тартиб додани рӯйхати адабиёти таълимӣ вобаста ба

фанҳо ва муайян кардани дараҷаи таъминот бо адабиёти таълимӣ дар донишгоҳ.

- Ташкили намоишгоҳи дастовардҳои илмӣ, ихтироот, навовариҳо дар сатҳи ноҳия, ҷумҳурӣ, донишгоҳ вобаста ба баргузор шудани чорабиниҳои ба соҳаи мазкур дахлдошта.
- Фаъолияти шуъба дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрию методӣ ва дастуру супоришҳои раёсати донишгоҳ ва департаменти илм ва татбиқот ба роҳ монда мешавад. Нақшаҳои баргузор намудани чорабиниҳои илмию техникӣ, тартиб дода шуда, барои амалӣ гардидани онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд [174].

Ҳамин тариқ дар самти пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Данғара дар соли 2016 мутобиқӣ барномаҳои илмӣ ва нақшаҳои қабулгардида ба роҳ монда шуда буд. Ин нақшаҳо дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии ба Маҷлиси олии мамлакат аз 20 январи соли 2016 ироашуда, инчунин ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 ва як қатор барномаю дастурҳои дигар таҳия ва тасдиқ шудаанд. Ҳайати профессорону олимони ДДД соли нави таҳсилро бо рӯҳияи баланди илмию эҷодкорӣ дар бинои наву замонавии дорои шароитҳои нав барои тадқиқоту кашфиёт ва бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар «Дарси сулҳ» рӯзи 1-уми сентябри соли 2016 оғоз намуданд. Дар доираи таҷлили ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли рушди нерӯи зеҳнӣ дар вилояти Хатлон, Нақшаи қабулгардидаи конференсияву чорабиниҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ барои соли 2016 як қатор дастовардҳои илмӣ ва ихтирооту навовариҳо ба даст оварда

шуданд. Раванди корҳои илмию таҳқиқотӣ дар донишгоҳ дар асоси талаботу дархости Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироӣ бо таълиму тарбияи мутахассисони замони имрӯза ба роҳ монда шудааст. Дар донишгоҳ дар самти иҷрои лоиҳаҳои фармоишӣ то ҳол ташкил ва иҷрои онҳо дар ягон кафедра ба роҳ монда нашудааст. Бо истифода аз фурсат аз мудирони кафедраҳо хоҳиш менамоем, ки лоиҳаҳои фармоиширо барои маблағгузории буҷавӣ тибқи талаботи Шурои ҳамоҳангсозии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Тавассути чунин лоиҳаҳо бисёр масъалаҳои соҳаҳои гуногуни илму технологияро ҳал кардан, инчунин дастгоҳу таҷҳизоти заруриро барои корҳои илмию амалӣ дастрас намудан мумкин аст.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Данғара дар айни замон аз 4 нафар докторони илмҳо, 26 нафар номзадони илмҳо ва омӯзгорону аспирантонро дар бар мегирад. Фаъолияти илмии олимони донишгоҳ ва аспирантону донишҷӯён дар доираи иҷрои 15 мавзӯи илмии кафедравӣ мувоффиқи нақшаи тасдиқгардида ба роҳ монда шудааст. Бо роҳбарии омӯзгорони донишгоҳ омодасозии пайвастаи донишҷӯён барои иштироки фаъолона дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва чорабиниҳои илмию амалӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шудааст. Донишҷӯёни донишгоҳ дар Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти «Ҷоми Академияи илмҳои ҶТ» соҳиби се адад ифтихорномаҳо гардиданд.Иқтидори кадрии кафедраҳои Донишгоҳ дар давраи ҳисоботӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Тавре ки аз ҷадвали 1 дида мешавад, ҳоло дар 19 кафедраи Донишгоҳи давлатии Данғара 5 нафар докторони илмҳо, аз он ҷумла 2 нафар ҳамкор, 30 нафар номзади илмҳо кор мекунанд.

Дар доираи эълон гардидани «Соли рушди неруи зеҳнӣ» дар вилоят дар донишгоҳ нақшаи мукаммали чорабиниҳо тартиб дода шуда, дар доираи он як қатор чорабиниҳои судманд иҷро карда шуданд. Аз тарафи омӯзгорони донишгоҳ ба тамоми минтақаҳои вилояти Хатлон гурӯҳҳои корӣ сафарбар карда шуданд, ки моҳият ва самтҳои асосии рушди нерӯи зеҳниро дар байни ҷавонон, хусусан мактаббачагон ташвиқу тарғиб намуданд. Пешниҳод карда шуд, ки дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ марказҳои нигоҳдории дастовардҳои эҷодии ҷавонон ташкил карда шаванд.

Дар донишгоҳ чорабиниҳои илмию фарҳангӣ вобаста ба ҷашну маросимҳои таърихию аҷдодӣ ба таври анъанавӣ баргузор карда мешаванд. Дар сатҳи факултетҳо ба таври мунтазам Ҷамъияти илмии донишҷӯён дар назди кафедраҳо фаъолият менамояд. Бо роҳбарии омӯзгорон маҳфилҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмию фарҳангӣ баргузор карда мешаванд.

Соли 2016 дар асоси банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии Данғара 12 чорабинии илмию амалии сатҳи гуногун, аз он ҷумла: 2 конференсияи байналхалқӣ, 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 4 семинари илмию назариявӣ, 5 мизи мудаввар баргузор карда шуд. Рӯзи 28 декабри соли 2016 конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои татбиқи инноватсияи технологӣ дар таълимоти фанҳои русӣ ва англисӣ» дар донишгоҳ баргузор гардид.

Тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ДДД мебошад. Дар ин раванд аз соли 2014 қабули аспирантону унвонҷӯён ба роҳ монда шудаст. Ҳоло дар донишгоҳ ҳамагӣ 34 нафар аспирантони таҳсили ғоибона ва 29 нафар унвонҷӯён, дар маҷмуъ 63 нафар ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ машғуланд. Шумораи аспирантону унвонҷӯён вобаста ба курсҳо чунин аст: курси 1-ум 21 нафар, курси 2-юм 15 нафар, курси 3-юм 27 нафар. Яке аз

масъалаҳои муҳим дар тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон нарасидани кадрҳои роҳбарикунанда ва шароити мусоид барои фаъолияти илмию амалӣ мебошад. Раёсати донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмии мамлакат масъалаи мазкурро ҳаллу фасл карда истодааст. Аз он ҷумла бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳамкориҳо ба роҳ монда шуданд.

Омӯзиши технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмию таҳқиқотӣ дар назди Парки технологии ДДД ба роҳ монда шудааст. Дар қитъаи таҷрибавӣ парвариши гандуми тирамоҳӣ бо истифода аз омилҳои технологияи нав, аз он ҷумла истифодаи моддаҳои биологии танзимкунанда ва ғизогӣ, парвариши сабзавот, полезиҳо, ва дигар зироатҳо ба роҳ монда шудааст. Натиҷаи таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар шароити баланд будани сатҳи обҳои зеризаминӣ парвариши зироатҳои гуногунро бо истифодаи технологияи танзимкунанда ба роҳ мондан мумкин аст.

Вазифаҳои муҳими ҳайати омӯзгорону кормандони донишгоҳ дар баробари таълиму тарбияи мутахассисони замони нав ҷалби бештари донишҷӯён барои иҷрои корҳои илмю таҳқиқотӣ, дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ, ҷалби сарчашмаҳои гуногуни сармоягузорӣ барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ барои дастрас намудани дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ баҳри иҷрои босифати таҳқиқоту навовариҳо, омӯзиш ва татбиқи амалии технологияҳои наву замонавӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, ҳамкории бештар бо корхонаю муассисаҳо, хоҷагиҳо дар самти илм ва инноватсия ба шумор мераванд [173]

Мудирияти китобхонаи илмии ДДД фаъолияти хешро тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»,

«Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии рушди соҳаи китобдорӣ барои солҳои 2012-2020», Оиннома ва низомномаи ДДД, 5 - талаботи муқаррарнамудаи муҳими фаъолияти касбӣ, ки аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқгардида, низомномаи китобхонаи илмӣ ва дигар асноду дастурҳои библографӣ ба роҳ монда дар давоми соли 2015 ва чормоҳаи аввали соли 2016 як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расониданд. Нақшаи кори китобхона барои соли таҳсили 2016-2017 тартиб дода шуда аз тарафи проректор оид ба илм ва татбиқот тасдиқ карда шудааст: (аз 01.09.2016 с). Дар нақша тамоми самтҳои фаъолияти китобдорӣ ҳадафҳои асосӣ муайян шудаанд. Аз ҷумлаи онҳо ин ташкил ва баргузори намудани маҳфилу чорабиниҳо, тақсимоти адабиётҳои тахассусӣ ва адабию бадеӣ бо соҳаҳо, содироти китобҳои таълимӣ ва илмию бадеӣ аз сарчашмаҳо, ҷалби устодону донишҷӯён ба китобхона ва дигар масъалаҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳамаи нақшаҳои кории фаъолияти китобхона зери назорати доимии мудир қарор дорад. Тибқи 5-талаботи муҳими фаъолияти касбӣ, ки аз ҷониби Ректори донишгоҳ тасдиқ гардидааст, ҳамаи кормандони китобхона вазифадор шудаанд, ки дар муҳлати муайян ва ҳамарӯза талаботҳои муқаррарнамудаи ректори донишгоҳро сари вақт ва бо сифати баланд ба иҷро расонанд. Минбаъда бо ибтикори раёсати донишгоҳ ва тибқи шартнома ба таври ройгон нақди ва ғайринақдӣ ба китобхонаи илмӣ воридшавии адабиётҳои зарурӣ идома дода мешавад. Аз рӯи мониторинги гузаронида шуда айён гардид, ки то 20-уми декабри соли 2016 дар ҳисоби захиравии китобхонаи илмии донишгоҳ чунин миқдор адабиётҳо вуҷуд доранд. Ҳамагӣ – миқдори умумии китобҳо - 9160 адад ташкил медод.

Мониторинги хониши асарҳои бадеӣ, илмӣ, ва таълимӣ муайян намуд, ки бисёр донишҷӯён ва омӯзгорон дар вақти гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, конференсияҳо, навиштани корҳои курсӣ, реферату, маърӯзаҳо, аз маводҳои рӯзномаю, маҷаллаҳо муташакиллона истифода

мебаранад. Китобхона барои ба осони дастрас намудани адабиётҳои таълимӣ дар китобхона ҳар як тахассус, фанҳо ва ихтисосҳоро ба шуъбаҳои алоҳида номнавис кардааст. Мудирияти китобхонаи илмӣ дар давоми соли хониши 2017 минбаъда тамоми чораҳоро мебинад, ки камбудиҳо ва нуқсонҳои дар самти хизматрасонӣ ба донишҷӯёну устодонро ислоҳ намуда, баҳри беҳтару хубтар таъмин намудани хонандагон бо адабиётҳои зарурӣ ва ҷалби хонандагон ба китобхона, баланд бардоштани маърифати хизматрасонӣ маърифати китобдорӣ ва истифодаи китобҳо, ташкили чорабиниҳои таъсирбахши самараноки тарбиявӣ тадбирҳо андешида, бо ин васила дар таълиму тарбияи донишҷӯён ва истиқболи сазовори ҷашнвораҳои дар пеш истода 20-солагии иди Ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошанд [175].

Албатта ҳамаи намудҳои асосии фаъолияти кории Донишгоҳи давлатии Данғара ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи самтҳо дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, Оинномаи Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.12.2017, № 6608) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби Ҳукумати мамлакат тасдиқшуда ба роҳ монда шудааст.

Дар Донишгоҳ ҷиҳати татбиқи низоми нави таълим ва омода намудани мутахассисони соҳибмалака 167 нафар омӯзгорон фиристода шуданд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм ва 28 нафар номзади илм буданд. Аз шумораи умумии зикршуда саромӯзгорон 42 нафар ва ассистентон 92 нафарро ташкил мекарданд. Соли 2017 дар Донишгоҳ 2746 донишҷӯ (ба таърихи 01.01.2017) қабул намуд, ки 2410 нафари он дар шуъбаи рӯзона (1164 буҷавӣ ва 1264 нафар тариқи шартномавӣ) ва 336 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекарданд [138].

Дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи Донишгоҳ аттестатсияи хатми соли таҳсили 2015-2016, ки яке аз маъракаҳои муҳимми раванди таълим

мебошад, гузаронида шуда, дар асоси «Оиннома», «Низомномаи аттестатсияи хатм» бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №21/3, фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.03.2016, таҳти №621 «Дар бораи тасдиқи раисони комиссияи аттестатсияи хатм ва ҳимояи рисолаҳои дипломӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара», фармоиши вазири маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2016, таҳти №12/6 «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба фармоиши вазири маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.03.2016, №621», инчунин фармоиши ректори донишгоҳ аз 11.03.2016, таҳти №02-052-6тм «Оид ба таъсиси ҳайати комиссияи аттестатсияи хатм» роҳандозӣ гардид. Натиҷаи аттестатсияи солҳои зикршуда нишон дод, ки дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона аз 448 нафар хатмкунанда 441 нафар Донишгоҳро бомуваффақият хатм намуданд [138].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити низоми кредитӣ ташкил ва ҷараёни таълимӣ яке самтҳои муҳимми фаъолияти таълимӣ ва идораи сифати таҳсилот мебошад. Аз ин рӯ, кормандони департаменти Донишгоҳи давлатии Данғара тамоми саъю кӯшиши худро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳои назариявию амалӣ таъмин мекунанд. Баргузор намудани 21 семинар ва 2 конференсияи таълимию методӣ ба ҳайати профессорону устодони кафедраҳо ва садорати факултетҳо далели боварибахши ин гуфтаҳост [170].

Омода намудани кадрҳо ба воситаи шуъбаи ғоибона низ мувофиқи стандарт ва меъёрҳои мавҷуда ба роҳ монда шудааст. Таълим дар шуъбаҳои таҳсилоти ғоибона ва фосилавӣ аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ, иқтисодӣ ва аграрӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯён аз рӯи 4 ихтисос (1-210501-08- Забон ва адабиёти рус, 1-101010206-Таҳсилоти томактабӣ, Равоншиносии амалӣ, 1-25010731-Иқтисодиёт дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, 1-740201- Агрономӣ), 12 гурӯҳи академӣ ба

таҳсил фаро гирифта шуданд. Сектори мазкур фаъолияти худро дар асоси Оинномаи донишгоҳ, низомнома ва дигар санадҳои муҳимми соҳавӣ ба роҳ мондааст.

Сохтори Донишгоҳи давлатии Данғара низ мутобиқи талаботу шароити мавҷуда такмил ёфта, барои самаранокии фаъолияти муассиса нақши калидӣ дорад. Сохтор аз ректор, Шурои олимон, проректорон оид ба ба самтҳои таълим ва идораи сифати таҳсилот, илм ва инноватсия, муносибатҳои байналхалқӣ ва мобилияти академӣ, Шурои таълимию методӣ, проректор оид ба илм ва татбиқот, тарбия, тарғибот ва масоили иҷтимоӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагию маъмурӣ, 7 факултет, 21 кафедра, инчунин кафедраи ҳарбӣ иборат аст.

Фаъолияти кории кафедраҳои тахассусӣ аз рӯйи ихтисосҳои амалкунанда, вобаста ба равия ва самти фаъолияти омӯзгорони кафедраҳо тақсимбандӣ карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар айни замон донишгоҳ дар тайёр кардани кадрҳо ва мутахассисони соҳибунвон самти афзоишёбанда дошта, ташкил кардани кафедраҳои нав дар ин асос вобаста ба дараҷаи таъминот бо кадрҳои соҳибунвон дар назар гирифта шудааст.

«Сектори таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона ба нақша гирифтааст, ки дар ибтидои соли таҳсили 2016-2017 нақша чорабиниҳоро таҳияву тасдиқ намуда, аз рафти иҷроиш ва баргузории ин чорабиниҳо, баргузории машғулиятҳои таълимӣ, ҷараёни бонизоми сессияи санҷишиву имтиҳонӣ, иҷроиши сарбории омӯзгорон, ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод, иштироки масъулини факултетҳо ба машғулиятҳои устодон назорат баранд. Инчунин дар соли 2017-2018 таълимро дар 6- ихтисоси нави ба бозори озоди меҳнат рақобатпазирро аз рӯи таҳсилоти фосилавӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илм иҷозат гирифтааст, ба роҳ монад» [170].

Қабули донишҷӯён ба тариқи фосилавӣ асосан аз соли таҳсили 2017-2018 оғоз шуд ва ба онҳо имконият фароҳам омад, ки тариқи реҷаи «Off-line», ки ба воситаи почтаи электронии донишгоҳ равобити омӯзгору донишҷӯро муҳайё мекунад, супоришҳои омӯзгоронро то сессияи навбатӣ омода намоянд.

Шумораи донишҷӯёни ғоибона ва фосилавӣ дар соли таҳсили 2018-2019 939 нафарро ташкил кард. 804 нафари он шартномавӣ ва 135 нафари дигар буҷавӣ таҳсил менамуданд. Аз шумораи умумии зикршуда 704 нафарашон тариқи фосилавӣ таҳсил мекарданд [171].

“Фаъолияти таълимии Донишгоҳ, ки яке аз самтҳои асосии омода намудани мутахассисон ба ҳисоб меравад, дар асоси Оиннома, Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ (силсилаи ИА №0000773 аз 22 январи соли 2016, №304) ва Иҷозатномаҳо оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ (силсилаи АУ №0001334, аз 24 июли 2013, №1788, силсилаи АУ №0001865, аз 13 июли соли 2015, №2289) ва дигар қарору қонунҳои соҳавӣ ба роҳ монда шудааст” [171].

Дар Донишгоҳ ҷараёни таълим тибқи низоми кредитии таҳсилот муайян шудааст. «Агар дар даврони фаъолияти филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара, ки дар пояи он Донишгоҳи давлатии Данғара таъсис ёфтааст, таҳсили донишҷӯёни ду ихтисос: идора дар корхонаи комплекси агросаноатӣ, забон ва адабиёти рус ба тариқи пилотӣ бо низоми кредитии таълим ба роҳ монда шуда бошад, пас имрӯз тамоми ихтисосҳои роиҷи Донишгоҳ ба низоми таҳсилоти кредитӣ гузаштанд» [183].

Дар самти танзими ҷараёни таълим ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, «Низомномаи ташкили раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар шароити низоми кредитии таҳсилот» (дар таҳрири нав дар ҷаласаи Шӯрои олимон бо суратҷаласаи №4, аз 04.11.2015 тасдиқ

гардидааст), Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои ҳамаи ихтисосҳо, 30 адад нақшаи таълимии намунавии дараҷаи бакалавр, 3 адад нақшаи таълимии ихтисосҳои ғоибона таҳия гардиданд. Боиси зикр аст, ки айни замон дар щамаи ихтисосҳои амалкунандаи Донишгоҳ низоми таълим дар асоси нақшаҳои таълимии намунавии тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Ин раванд вобаста ба талаботи бозори меҳнат тарҳрезӣ шуда, таҳти назорат қарор дорад.

Мавриd ба қайди махсус аст, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароиту имкониятҳои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос сол ба сол васеъ гардонида шуда, «шурӯъ аз соли таҳсили 2017-2018 номгӯйи ихтисосҳои Донишгоҳ аз ҳисоби ихтисосҳои замонавӣ ва барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарур ба 54 адад мерасад» [30].

Бо мақсади самаранок истифода намудани технологияи муосир дар раванди таълим, дастраси устодон ба маводҳои электронии илмию методӣ ва дигар маълумоти зарурӣ омӯзиши як қатор курсҳои кӯтоҳмуддат, ба монанди истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим, таҳияи саволномаҳои тестӣ, ташкили раванди таълим дар шароити низоми кредитӣ ва ғайраҳо, усули баҳогузорӣ дар низоми кредитӣ, КМРО - ҳамчун шакли нави ташкили кори таълим, муайян намудани тарзи баҳои донишҷӯ, ташкил ва муайян кардани сарбории профессорону омӯзгорон ва ғайраҳо ташкил карда шуд.

Раёсати донишгоҳ барои баланд бардоштани малака ва дониши омӯзгорон ҳамасола миқдоре аз онҳоро ба курсҳои такмили ихтисос равон менамояд. Масалан, дар соли 2018 28 нафар омӯзгор ба курси такмили ихтисос равон карда шуд, ки ин 12,4%-и устодонро ташкил медиҳад. Соли 2019 бошад, шумораи устодон ба курсҳои махсус, яъне 24 (10,7%) нафар дар назди ДТИМТОК, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур,

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ аз рӯйи самт ва равияи ихтисос курсҳоро гузаштанд. Аммо то ҳол, на аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд. Масалан, раёсати донишгоҳро зарур аст, ки барои ихтисосҳои педагогика, иқтисодиёт, психология, фанҳои ҷамъиятӣ омӯзгоронро ба курсҳои такмили ихтисос равон намояд.

Донишгоҳ бо мақсади рушди сатҳу сифати таълим дар доираи ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва омӯзгорӣ 35 нафар омӯзгорони соҳибтаҷрибаро ба ҳайси ҳамкор ба кор ҷалб намуд, ки аз ин шумора 13 нафар докторону профессорон ва 10 нафар номзадони илм ва дотсентон мебошанд.

Ҳамзамон, ин масъала дар солҳои баъди ҳам идома ёфт. Масалан соли таҳсили 2018-2019 9 нафар доктори илм ва 11 нафар номзад ба ҳайси ҳамкор ба донишгоҳ ҷалб шуданд. Кормандони асосӣ аз ҳисоби докторони илм 3 нафар ва аз ҳисоби номзадони илм 32 нафарро ташкил медоданд [31]. **(Нигаред ҷадвали № 2.3.1.).**

Ҳамзамон, донишгоҳ ҷиҳати анҷом додани корҳои илмӣ шароиту имконоти хуб фароҳам овардааст. Ҳатто омӯзгороне, ки рисолаҳои илмии худро ҳимоя мекунанд, аз ҷониби донишгоҳ бо мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида мешаванд [30].

Дар зарфи 4 соли охир донишгоҳро 1857 нафар хатм намудаанд, ки аксари онҳо аз рӯйи ихтисос дар соҳаҳои гуногун фаъолият намуда истодаанд. Қисме аз хатмкардагон, ки зинаи бакалаврро бо баҳои хубу аъло ба итмом расондаанд, дар зинаҳои магистратура ва аспирантура ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба таҳқиқи масоили илмӣ машғул мебошанд.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки донишгоҳҳои болозикр дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон ва умуман ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррас гузошта истодаанд. Имрӯзҳо донишгоҳҳои мазкур ҳамаҷониба рушду

нумуъ ёфта, ба яке аз боргоҳҳои бузурги илму маърифат ва махзани донишу парвариш табдил ёфта, дар радифи маъруфтарин макотиби олии кишвар сабти ном шудаанд. Бо истифода аз шароити мавҷуда донишгоҳҳои мавриди назар мутахассисони сатҳи баланди ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро тайёр намуда истодаанд. Ҳамзамон, донишгоҳҳои мазкур дар ҳалли масоили норасоии кадрҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон кумак намуда, мутахассисони зиёдро ба мактабҳо ва дигар муассисаҳо ҳамасола равон менамояд.

Албатта, барои ҳалли масъалаи мазкур танҳо афзудани шумораи омӯзгорон дар мамлакат нест, балки кадрҳои омӯзгорӣ бояд аз лиҳози сифати касбият, истифодаи технологияҳои муосири таълим, таҷрибаи амалии тадрис ва омодакунии кадрҳои ҷавон маҳорати касбии баланд дошта бошанд. Ҳамчунин тарзи дурусти ҷо ба ҷогузории кадрҳои омӯзгорӣ дар маҳалҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳам ба самаранокии фаъолияти низоми маориф дар кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

БОБИ III. ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР КОЛЛЕҶҲО ВА БОЗОМӮЗИИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

3.1. Нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ

Дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ коллеҷҳои дар вилояти Хатлон ҷойгирбуда мавқеи муҳимро касб кардаанд. Коллеҷҳо дар низоми маорифи мамлакат зинаи муҳим ба шумор рафта, махсусан дар омода кардани кадрҳои соҳибкасб барои муассисаҳои таҳсилоти томактабию миёна нақши калидӣ доранд. Фаъолияти пурсамари коллеҷҳо имкон медиҳад, ки омӯзгорони ҷавон соҳиби тахассус шуда, дар баланд бардоштани сифати таълимсу тарбия саҳми арзандаи худро гузошта тавонанд. Ин муассисаҳо дар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми назарраси худро мегузорнад. Боиси тазаккур аст, ки ислоҳоту дигаргуниҳое, ки дар солҳои охир дар соҳаи маориф ба вуқуъ пайваст ва ба пешрафти соҳа мусоидат намуданд нисбати фаъолияти кории омӯзгорони касбӣ талаботҳои нави инноватсионӣ ва афзоянда ба миён гузоштаанд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар самти болозикр мавқеъ ва нақши муҳим дошта, фаъолияти онҳо боиси арзёбии махсус аст. Дар ин муассисаҳои таълимӣ ба донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ дода мешаванд, балки малакаҳои амалӣ, усулҳои муосири таълиму тарбия ҳам мавриди корбарӣ қарор медиҳанд, ки сатҳу сифати омодакунии кадрҳои ба талаботи замон мувофиқро ба миён меорад. Барои ҳамин, омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур дар шароити нави рушди соҳаи маориф дар мамлакат яке масъалаҳои мубрами самти баланд бардоштани сифати таълим, рушди устувори маориф маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят 1849 нафар олимону устодон кору фаъолият доранд, ки

вобаста ба 30 самт ва 50 мавзуъ корҳои илмӣ анҷом додаанд. Ҳамин тавр дар омода намудани мутахассисони соҳавӣ ва кадрҳои илмӣ саҳми назарраси худро гузошта истодаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои пешрафти ин соҳаҳои муҳимму афзалиятноки ҷомеа пайваста тадбирҳо андешида, бо назардошти хизматҳои арзанда дар тарғибу ташвиқи сиёсати хирадмандона ва маърифатпарваронаи давлат, ривоҷу равнақи илми муосир, таълиму тарбияи ҷавонон, дастгирию ҳавасмандсозии олимон, донишҷӯёни аълохони макотиби олӣ ва миёнаи касбӣ, донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, донишҷӯёни аълохони дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳсилкунанда ва мутахассисони ҷавон таваҷҷуҳи зиёд менамояд.

Чуноне ки дар боло ишора намудем, «Бо сифати баланд интишор ёфтани китобҳои дарсӣ, густариши корҳои сохтмон ва таъмири мактабҳо, инчунин бо лавозимоти заруриву компютерҳо таъмин намудани онҳо аз ҷумлаи иқдомҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи самарабахши насли наврас мебошад» [99, с.157].

Заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушди низоми муосири маориф дар вилояти Хатлон дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ фароҳам омада, вобаста ба афзудани аҳолии вилоят, шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дарку ҷаҳонбинии мардум зина ба зина меафзуд. Барои мисол, агар соли 1940 дар вилояти Кӯлоб 216 ҳазору 600 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарда бошад, дар соли 1941 аллакай шумораи онҳо ба 221 ҳазору 900 нафар мерасид. Барои мактабҳои навташкил пеш аз ҳама омӯзгорони баландихтисос тайёр кардан лозим буд. Вале на ҳама ҷавонону духтарони минтақаи Кӯлоб имконияти дар маркази ҷумҳурӣ хонда маълумот гирифтан доштанд [90, с. 30]. **(Нигаред ҷадвали № 3.1.1.).**

Бояд хотиррасон кард, ки Коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб октябри соли 1931 нахустин бор бо номи курси педагогӣ таъсис дода шуд, Баъдан, 28.11. соли 1934 курси педагогӣ ба техникуми педагогӣ, 5.07. соли 1935 техникуми педагогӣ ба комбинати педагогӣ мубаддал мегардад. Соли 1938 комбинати педагогӣ номи Омӯзишгоҳи омӯзгориро касб мекунад. Соли 1936 дар заминаи маҳфили ҳаваскорони санъати ин муассисаи таҳсилотӣ Театри вилоятии мазҳакавию мусиқии ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб таъсис меёбад, ва то солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон давом меёбад.

Тавре қайд гардид, пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишвар, инчунин сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишвар ниҳоят хароб гардида, ба ҳама самтҳои хоҷагии халқи мамлакат, хусусан соҳаи маориф таъсири манфӣ расонд. Барои барқарор намудани камбудиҳои дар соҳаи маориф вуҷуд дошта, хусусан омода намудани кадрҳо, дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ касби худро тарк намуда буданд, як қатор қарору қонун ва барномаву лоиҳаҳо қабул гардид. Масалан, Қабули «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005–2010 (аз 02.10.2010, №475) ба таҳкими заминаҳои моддӣ-техникӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандии моддию маънавии омӯзгорон ва таҳияи санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаи маориф таъсири мусбӣ гузошт» [124, с. 50-52].

Мувофиқи дар банди 12-ум «Низомномаи намунавии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 1996, №71 тасдиқ шудааст, коллеҷ метавонад муассисаи мустақили донишгоҳу донишкада ва ё академия бошад.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар ҷумҳурии мо мактабҳои типи нав ба миён омаданд. Литсей, гимназия, коллеҷ, вақте ки

соли 1996 собиқ омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб аз хадамоти аттестатсионии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодоти худро ба Ҳукумати ҷумҳурӣ «Оид ба дигар кардани омӯзишгоҳ ирсол намуд», Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо 3-сол омӯхт ва чандин маротиба оид ба мустақил ва ё дар сохтори донишгоҳҳо амал карданашон мубоҳисаҳои зиёд баргузор кард.

Аз ин рӯ, ин масъала 3-сол тӯл кашид. Ҳамин тавр, 1 июли соли 1999 Фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 262 «Оид ба барҳам додани омӯзишгоҳи педагогии ш. Кӯлоб ва дар заминаи он таъсис додани Коллеҷи омӯзгорӣ дар сохтори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб» ба имзо расид [133, с. 25-26].

Соли 1999 табдили мақоми Омӯзишгоҳи омӯзгории ш.Кӯлоб ба Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ имкон фароҳам оварда, ки доираи фаъолияти он вусъат ёбад. Солҳои 2002-2003 565 нафар донишҷӯ аз рӯйи ихтисосҳои методикаи таълими ибтидоӣ, математика, таърих, забон ва адабиёти тоҷик, филологияи англисӣ таҳсил мекарданд [135, с. 229].

Ҳоло Коллеҷи омӯзгорӣ дар маҷмуъ 180 нафар кормандро фаро гирифта аст. Аз инҳо 127 нафар омӯзгорон буда, 10 нафар ҳамкоронанд. 12 номзадҳои илм, 1 нафар доктор, профессор, 12 нафар аълочиёни маориф, 2 нафар Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нафар дорандаи «Ифтихорнома»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Теъдоди донишҷӯён - 2695 нафар буда, (1222 нафар - духтарон. 1473 нафар - писарон), муҳассилини шуъбаи ғоибона – 1004 нафар, 608 нафар - муҳассилини гурӯҳҳои мақсаднок, мебошанд.

«Соли 2012 ҷиҳати иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (аз 02.11.2007, №529) дар муассисаҳои миёнаи касбӣ низоми кредитӣ ҷорӣ карда шуд» [133, с.25-26].

Дар ҳоли ҳозир дар коллеҷ ду шӯъба аз рӯи шаш ихтисос кадрҳои омӯзгорӣ тайёр мекунад. Дар коллеҷ, - 5 кафедра арзи вуҷуд дорад, ки дар онҳо устодони дорои тахассуси илмидошта кор мекунанд [133, с. 25-26].

Дар Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ китобхона ва қироатхона амал мекунад. Теъдоди умумии китобҳо 20681 адад (1950 адад китобҳои тахассусӣ, 4850 адад китобҳои умумитаълимӣ, 2881 адад китобҳои бадеӣ, 8500 адад китобҳои методӣ, 2500 адад китобҳои сиёсӣ); Китобхона дорои *5* адад компютер, 1 адад принтер буда, бо хати интернет пайваст аст ва китобҳои электронӣ низ фаъол мебошад. Хобгоҳи коллеҷ аз 4 ошёна иборат аст. Теъдоди умумии муҳассилини дар хобгоҳ маскунбуда - 320 нафар, 227 нафар - духтарон ҳастанд, Дар хобгоҳ 4 қироатхона, 4 ҷойи хӯрокпазӣ мавҷуд аст.

Коллеҷи омӯзгории Кӯлоб нахустин муассисаи таҳсилотие аст, ки дар омода намудани кадрҳои педагогӣ нақши арзанда дорад. Воқеан, ин даргоҳ чандин нафар шахсиятҳои бузургеро ба воя расонида, обрӯи муассисаро на танҳо дар минтақа, балки дар кулли ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳам баланд бардоштааст. Имрӯз коллеҷи омӯзгории Кӯлоб бо номи профессор С. Табаров, профессорон С. Одинаев, Х Асозода, Р. Саидов, А. Ҳалимов, Р. Акбаров, А. Гадозода, К. Қодиров, номзадҳои илм А. Алиев, Б. Нозимов, Б. Файзиев, Қ. Рустамов, Б. Латифов, ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Н. Зарифова, Б. Додхудоева, М. Бепиатов, С. Мирзошоев, адибону ҳунармандон Ш. Шароф, Ҳ. Ғоиб, М. Ғоиб, А, Авзалов, С. Хатлонӣ, С.А. Маҳзун, М. Салимов ифтихор дорад.

Имрӯзҳо дар фазои истиқлолият коллективи беш аз ҳазорнафараи коллеҷҳои вилоят самимона ва дилпурона сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатро ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи муассисаҳои таълимӣ ҳамасола эҳсос мегардад.

Аз сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф пешрафти соҳаҳои дигари ҳаётан муҳим вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҳамин аст ки дар Тоҷикистон рушди соҳаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Маҳз соҳаи маориф таҳкурсӣ ва зербинои асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёту фарҳангро мустаҳкам намуда, кадрҳои баландихтисосро тарбия омодаи фаъолият мекунад. Новобаста аз он, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи маориф ва илми мамлакат хисороти азим оварад, ба рушди он монеаҳои зиёд ба бор оварда буд, бо пиёда шудани сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Тоҷикистон ва талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардид, ки дар беш аз се даҳсолаи истиқлоли давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд ва таваҷҷӯҳу ғамхорӣ ба ин соҳа сол аз сол бештару беҳтар мегардад [171].

Бо дастгирии Президенти ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» 27 декабри соли 1993 қабул шуд. Минбаъд вобаста ба талаботи соҳаи маориф ба он чанд маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд ва сипас он соли 2013 бо таҳрири нав қабул гардид. Ғайр аз ин, ҷиҳати пешрафти соҳа якчанд барномаҳо, ба монанди «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ», «Барномаи компютеркунонии мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ» ва ғайраҳо қабул шуданд.

Вохӯрии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони соҳаи маорифи кишвар, ки 28 августи соли 1995 доир гардид, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ таъсири амиқ гузошт. Президенти кишвар дар ин вохурӣ ба масоили мустаҳкамкунии пояҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, диққат дода, аз ҷумла қайд намуданд: «То даме, ки мо барои муаллим, аҳли маориф, ки офаранда,

парваришдиҳанда, муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистаро муҳайё накунем, мақому манзалати онҳоро ба дараҷаи лозимӣ баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст» [133, с. 28]. Президенти кишвар зимни мулоқоти дигари худ бо маорифчиёни кишвар дар соли 2005 чунин гуфтанд: «... Бояд дар назар дошт, ки муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯза яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар яки моро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷӯҳи хос ва масъулияти баланд муносибат намоем. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад» [181].

Сол то сол зиёд гардидани маоши омӯзгорон, такмил ёфтани тайёркунии омӯзгорон, фароҳам овардани шароити мусоиди кору истироҳат, такмили ихтисос ва ғайраҳо ба таълиму тарбияи хонандагон таъсири мусбӣ расонд.

Ҳар сол аз буҷаи ҷумҳурӣ ба соҳаи маориф маблағҳои зиёд ҷудо мегардад. Масалан, ... «агар соли 2000 аз буҷаи давлатӣ ҳамагӣ 41 млн. сомонӣ ҷудо гардида бошад, имрӯз барои ин соҳаи ҳаётан муҳим зиёда аз 3 млрд. сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуда, зиёда аз 2500 бинои муассисаи таълимӣ ба маблағи беш аз 2 млрд. сомонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардидааст. Дар соли 2020 дар кишвар 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 63 ҳазор ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода дода шуданд. Аз соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо

зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шудааст» [172].

Мушкилоти норасоии омӯзгорон, китобу дигар васоити таълимӣ, инчунин, ба корҳои хоҷагидориву кишоварзӣ ҷалб шудани муҳассилини муассисаҳои таълимӣ сифати таълимро коста гардонида, ба тайёрии касбии мутахассисон таъсири бад мерасонад.

Коллеҷ метавонад аз рӯйи мавқеи ишғолкардааш маълумоти олӣ ё олии нопурра диҳад. Аз ҳамин давра сар карда дар сохтори мактабҳои олии ҷумҳурӣ таълимӣ бисёрзинагии таҳсилот ба миён омада, зинаи аввали таҳсилот мутахассиси хурд мебошад, ки мувофиқи Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон № 71 барои тайёр кардани мутахассисони соҳа вазифадор шудаанд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар ҷумҳурии мо мактабҳои типи нав ба миён омаданд. Литсей, гимназия, коллеҷ, вақте, ки соли 1996 собиқ омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб аз хадамоти аттестатсионии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодоти худро ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ «Оид ба дигар кардани омӯзишгоҳ ирсол намуд», Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо 3-сол омӯхт ва чандин маротиба оид ба мустақил ва ё дар сохтори донишгоҳҳо амал карданашон мубоҳисаҳои зиёд баргузор кард.

«Аз ин рӯ, ин масъала 3-сол тӯл кашид. Ва 1 июли соли 1999 бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 262 «Оид ба барҳам додани омӯзишгоҳи педагогии ш. Кӯлоб ва дар заминаи он таъсис додани Коллеҷи омузгорӣ дар сохтори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб» ба имзо расид» [133, с.25-26]

Коллеҷи омӯзгории Кӯлоб нахустин муассисаи таҳсилотиест, ки дар омода намудани кадрҳои педагогӣ нақши арзанда дорад. Воқеан, ин даргоҳ чандин нафар шахсиятҳои бузургеро ба воя расонида, обрӯи муассисаро на танҳо дар минтақа, балки дар кулли чумҳурӣ ва берун аз

он ҳам баланд бардоштааст. Имрӯз коллеҷи омӯзгории Кӯлоб бо номи профессор С. Табаров, профеесорон С. Одинаев, Х Асозода, Р. Саидов, А. Ҳалимов, Р. Акбаров, А. Гадозода, К. Қодиров, номзадҳои илм А. Алиев, Б. Нозимов, Б. Файзиев, Қ. Рустамов, Б. Латифов, ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Н. Зарифова, Б. Додхудоева, М. Бепиатов, С. Мирзошоев, адибону ҳунармандон Ш. Шароф, Ҳ. Ғоиб, М. Ғоиб, А, Авзалов, С. Хатлонӣ, С.А. Маҳзун, М. Салимов ифтихор дорад.

Айни замон, ба ғайр аз Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав низ фаъолият менамояд. **(Нигаред ҷадвали № 3.1.2.)**.

Яке аз марказҳое, ки дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилоят саҳмгузор мебошанд, коллеҷҳои омӯзгории вилоят маҳсуб меёбанд. Ин боргоҳҳои илму маърифат дар тули фаъолияташон дар ҷалби ҷавонон, хусусан духтарони шаҳру навоҳии вилоят ба касбомӯзӣ ва донишандӯзӣ ҳиссаи назаррас гузошта, дар бартараф намудани проблемаи нарасидани кадрҳои педагогӣ талошҳои бисёр анҷом додаанд.

Яке аз чунин марказҳои маърифатии муаллимтайёркунӣ дар вилоят Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳисоб меравад. Коллеҷи мазкур то соли 1999 бо номи омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдурраҳмони Ҷомӣ амал менамуд. Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ мувофиқи қарори Шурои Комиссариати Халқии Иттиҳоди Шуравӣ аз 26 ноябри соли 1932 таъсис ёфтааст. Он дар аввал танҳо як шуъба - шуъбаи махсуси муаллимтайёркунӣ дошт. Соли 1936 нахустин бор донишҷӯён омӯзишгоҳро хатм карданд, ки теъдоди онҳо 115 нафар буда, ба мактабҳои навташкили вилоятамон ба кор фиристода шуданд. Соли 1957 омӯзишгоҳ ба омӯзишгоҳи махсуси техникии рақами 13 ноҳияи Бохтар, ки ҳоло он ҷо қисми ҳарбии ба номи Файзалӣ Саидов

ҷойгир шудааст, интиқол дода мешавад. Дар ин омӯзишгоҳ мактаби механизаторон созмон меёбад [34].

Танҳо соли 1963 омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдурраҳмони Ҷомӣ аз нав дар ҷой ва мақоми пештарааш барқарор карда мешавад. Донишмандони маъруфи кишвар, Маҳмадулло Лутфуллоев, Қ. Ҷӯраев, Эргаш Ямоқов, Сиддиқа Холиқова, Зариф Ибод хатмкардагони коллеҷи мазкуранд. Ифтихороти коллеҷ инчунин, аз он иборат аст, ки як вақтҳо шоир Ғаффор Мирзо дар омӯзишгоҳи мазкур муаллим буд [34].

Асосан роҳбарони коллеҷи болозикр, ки ному насаби эшон дар зер оварда мешавад, ҳам дар роҳи ташаккул додани фаъолияти коллеҷ ва ҳам дар омода намудани мутахассисони самти омӯзгорӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Аввалин роҳбари омӯзишгоҳ омӯзгори асил ва инсони комил Тағоев Ҷумъа буд. Баъдтар ба омӯзишгоҳ Маҳкамов Юнус, Холов Бобоҷон, Баротов Убайдулло, Алимов Искандар, Шарифхоҷаев Мирзохӯҷа, Тоҳиров Зиёратшоҳ Шарифович ва Юсупова Зарина сарварӣ кардаанд. Ҳоло зимоми роҳбарии коллеҷ ба дасти Абдураҳимова Бибишамсия Саидовна қарор дорад.

Махсусан дар пешрафт ва ободонии омӯзишгоҳ нақши шодравон Бобоҷон Холов хеле калон аст. Ӯ дар давоми 30 соли ба омӯзишгоҳ сарварӣ карданаш тавонист, ки ин маркази маърифатро ба мардум аз наздик муаррифӣ намояд. Б. Холов собиқадори меҳнат ва маориф, дорандаи нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон буд. Бобоҷон Холов соли 1993 баъди бемории вазнин аз дунё чашм пӯшид. Ёди ин марди асил, роҳбари дилогоҳ, дилсӯз, хоксор ва дар кор ниҳоят сахтгир дар хотири дӯстон, ҳамкорон ҳамеша боқист.

Дар омӯзишгоҳ гурӯҳҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ амал менамуд, ки ҳамаи онҳо аҳлу тифоқ таҳсил менамуданд. Дар омӯзишгоҳ 11 миллату халқият таҳсилу кор мекарданд.

Омӯзишгоҳ аз ду иморати дуошёна, як иморати якошёна, ошхона, хобгоҳи сеошёна ва хобгоҳ барои муаллимон иборат аз 30 ҷой бо тамоми шароитҳояш бино шуда буд. Майдончаҳои варзишии футбол, баскетбол, волейбол ва дигар намудҳои варзиш қалби бинандаро ба хурӯш меоварад. Донишҷӯён дар мусобиқаҳои варзишӣ ҳамеша пешсаф буданд. Махсусан китобхонаи омӯзишгоҳ бо теъдоди зиёди адабиёташ фарқ мекунад. Китобхона дорои 19000 адад китобҳои дарсӣ, бадеӣ, тиббӣ ва техникии бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ таълифгардида мебошад.

Омӯзишгоҳ бо гузашти айём табдили ном карда, бо «қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 1999, таҳти №262 ва дар асоси фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 1999 таҳти № 410 ба коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав табдил дода шуд» [34]. Коллеҷи омӯзгорӣ мувофиқи нақшаи таълимии тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми ҶТ кор бурда, аз рӯйи панҷ ихтисос мутахассис тайёр менамояд. Дар шуъбаи рӯзона аз рӯйи ихтисосҳои филологияи тоҷик, забони англисӣ, усули таҳсилоти ибтидоӣ, таърих, математика ва дар шуъбаи ғоибона бошад, аз рӯйи ихтисосҳои таърих, филологияи тоҷик ва усули таълими ибтидоӣ донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд [34].

Устодони коллеҷи омӯзгорӣ ифтихор менамоянд, ки онҳо муҳандисони руҳи инсон - омӯзгоронро таълим дода, ба воя мерасонанд, чунки халқи мо ба устод-муаллим эҳтирому муҳаббати махсус дошта, ӯро аз ҳама боло медонанд. Дар ҳақиқат, дар рӯзгори мо муаллим нақши хосаеро дорад, зеро маҳз бо саъю кӯшиши устодон инсон соҳиби илму фазилат ва мақому манзалат мегардад. Баъд аз он ки тифл аз домони биҳиштосои модар фориғ мегардад, ӯ дар оғӯши меҳрбори дабистон ва устодон камол меёбад. Ба ин маънӣ муаллим чароғи маърифат, оина ва оинадори рӯзгори ҳар инсон аст. Пас, мебояд кӯшид, ки ин чароғи роҳи

фардои миллат ҳамеша дурахшону нурафшон бошад, то ин ки ҷомеаи моро бо роҳи хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва маърифат ҳидоят намояд. Имрӯз ҷомеа ба заҳмати бештари шарафмандонаи устодон дар кори тарбияи шогирдони босавод, ҷойгирони сазовор ниёз дорад, чунки маҳз тавассути фаъолияти бемайлони устодон сатҳи маънавиёти мардум баланд ва саодати ҳамешагӣ насиби шаҳрвандони меҳнатқарини Тоҷикистон хоҳад шуд. Дар иҷрои чунин амали хайр устодони коллеҷи омӯзгорӣ низ барканор нестанд. То соли 2006 дар коллеҷ 30 нафар устодон ба тарбияи донишҷӯён камари ҳиммат баста буданд. Аз инҳо 15 нафарашон устодони доимӣ ҳисоб мешуданд. Ҳамчунин 15 нафар устодони донишгоҳ низ дар коллеҷ ба ҳайси ҳамкор фаъолият менамуданд. Абдукибор Гадозода – профессор, доктори илми таърих, Ҷумъа Шарифов – профессор, доктори илми педагогика, Ҳасани Муродиён- профессор, доктори илмҳои филологӣ, Сатторов А. Э., доктори илми педагогика, профессор ва дигарон дар корҳои таълиму тарбия ва фаъолияти илмӣ баробари устодони доимии коллеҷ заҳмат мекашанд.

Дар пешравии кори коллеҷ саҳми собиқ директори он Искандар Алимов хеле калон буд. Маҳз бо кӯшишу ғайрати он кас коллеҷ, ки бар асари муноқишаҳои сиёсӣ валангор шуда буд, аз нав таъмиру тармим гардид. Донишҷӯёни эҳтиёҷмандро роҳбари ғамхор бо хобгоҳ таъмин намуд. Дар соли 2002-юм се синфхонаи иловагӣ бино намуда, ба истифода доданд, ки яке аз онҳо махсус синфхонаи компютерист. Алимов И. дар тули фаъолияти роҳбариаш дар коллеҷ дигаргуниҳои куллӣ ворид намуд.

Таъминоти моддию техникӣ ва таҷҳизоти раванди таълим аз васоити муҳимми дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати тайёр намудани мутахассисон ба ҳисоб меравад. Тавре аз сомонаи расмии интернетии коллеҷ маълумот дастрас

гардид. «Раванди таълим дар коллеҷ дар биное бо масоҳати умумии 12750 м² ташкил карда шудааст. Биноҳои истифодашуда қаҳвахона, буфет, ошхона, китобхона, толори хониш, толори варзишӣ ва ҳавзи шиноварӣ, толори хореографӣ ва маҷлисгоҳӣ, китобхонаи медиавӣ ва видео, синфҳои оркестр ва хор, 25 синфхонаҳои бо мебели муосир муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти телевизион ва видео муҷаҳҳаз мебошанд. Ҳамзамон дастрасӣ ба Интернет ва маркази иттилоотӣ барои донишҷӯён фароҳам оварда шудааст. Ҳамаи ин ба манфиатҳои рушди ҳамаҷониба ва эҷодии донишҷӯён, инчунин таъмини раванди таълим ва корҳои фарҳангию оммавӣ дар коллеҷ хизмат мекунад» [173].

Ҳама ҳуҷраҳо мувофиқи таъиноти функсионалии худ аз ҷиҳати эстетикӣ тарроҳӣ шудаанд. Микроклимати синфхонаҳо дар коллеҷ ба стандартҳои санитарӣ ҷавобгӯ мебошад. Барои риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, дар ҳар як ошёна утоқҳои ҳоҷатхона мавҷуданд. Ҳама шустушӯҳо кабинаҳои қулфдор доранд. Тамоми таҷҳизоти санитарӣ дар ҳолати корист. Дар даромадгоҳи ошхона 6 дастгоҳи дастшӯӣ мавҷуд аст. Ошхона бо тамоми таҷҳизот ва лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз аст [173].

Системаҳои обтаъминкунӣ, канализатсия ва гармидиҳӣ мутамарказ ва дар ҳолати корӣ мебошанд. Дар фароҳам овардани шароити бехатар масоили амнияти зиддитеррористӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бино бо системаи назоратии видеоӣ ва ҳушдордиҳии оташнишонии автоматӣ, бо системаи огоҳкунии овози аз сухтор муҷаҳҳаз мебошанд. Кумаки тиббӣ ба донишҷӯён дар заминаи 2 кабинети тиббӣ амалӣ карда мешавад. Ҳама утоқҳо бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Шароити муосир барои тайёр кардани мутахассисон тақозо мекунад аз муассисаҳои таълимии ҳамгироии васеъ бо корхонаҳо, ки бояд иштирокчиёни манфиатдори раванди таълим гарданд. «Пеш аз ҳама коллеҷ вазифадор аст, ки мутахассисони дар бозори меҳнат

ниёзмандро омода кунад. Ҳалли муваффақонаи ин мушкилот аз кӯшишҳои муосири коллеҷ ва корфармо вобаста аст» [164, с.183].

Ҳадаф аз таълими донишҷӯён омода намудани кадрҳои баландихтисос барои тамоми соҳаҳо мебошад. Коллеҷҳо бошанд, мутахассисони сатҳи миёнаро бояд омода намоянд. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки сатҳҳои таҳсил дар коллеҷҳо ба сатҳҳои донишгоҳӣ баробар аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти касбӣ ва аз худ намудани ихтисосҳо дар муҳлати кӯтоҳ коллеҷҳо фаъолият менамоянд. «Аммо баъзан нофаҳмиҳо ва назарҳои манфӣ ҷой доранд, ки баъзе хатмкардагони мактабҳои миёнаи асосӣ ба коллеҷ мераванд, бар он бовараанд, ки барномаи таълимие, ки дар коллеҷҳо мавҷуданд, аз барномаҳои таълимии синфҳои 10-11 содатар мебошад» [78,с. 45-50].

Золотухина С.Т. қайд менамояд, ки «Аён аст, ки ин сифати таҳсилро ба таври назаррас коҳиш медиҳад; аксар хатмкунандагони коллеҷ баъдан ё аз ихтисоси интихобкардаашон дилсард мешаванд ва ё намехоҳанд дар ин ихтисос кор кунанд. Дар натиҷа, мо метавонем дар бораи зарари молиявии буҷаи давлат, агар омӯзиш аз ҳисоби он гузаронида шуда бошад, ё волидайни донишҷӯ, агар ӯ дар асоси шартнома таҳсил намуда бошад, андеша намоем» [164, с.83].

Оид ба омӯзиши ин масъала А.В. Глузман, С.Т. Золотухина, С.А. Писарева, А.П. Амалан машғул шуда, онҳо ба хулосае меоянд, ки самаранокии таҳсилот дар коллеҷҳо дар баробари таъминоти моддию техникӣ ба ҳавасмандгардонии донишҷӯён низ вобаста аст.

Қабули донишҷӯён ба коллеҷ ҳам пас аз хатми синфи 9 ва ҳам пас аз хатми синфи 11 сурат мегирад, аммо қисме аз коллеҷҳо воҳидҳои зерсохтори донишгоҳу донишкадаҳо мебошанд.

Бархе аз ҷавонон, бинобар омодагии нопурраи худ ҳангоми ба донишгоҳ дохил шудан яку якбора ба мушкилӣ ва фишори равонӣ рӯ ба

рӯ мешаванд. Аз ин лиҳоз, ин гуна маврид боиси коҳиш ёфтани дониш ва рушди зеҳнии онҳо мегардад. Яъне коллеҷ дар ин маврид беҳтарин имконият ва ё зинаи кумакрасон барои ҷавонон маҳсуб меёбад.

Сабаби дигари дар коллеҷ таҳсил намудани донишҷӯён ба даст овардани маълумоти миёнаи махсус мебошад. Ҳамзамон, муассисаҳо, корхонаву ташкилотҳо ва заводу фабрикаҳо на танҳо ба хатмкардагони донишгоҳҳо, балки ба хатмкунандагони коллеҷҳо низ ниёз доранд.

Аммо, барои амалисозии матлаби болозикр ва ҷалби бештари довталабон мебояд аз тарафи роҳбарияти коллеҷ корҳои таблиғотию ташвиқотӣ анҷом дода шавад.

Рушду нумуи ҷомеаро бе инкишофи мактабу маориф тасавваур намудан ғайриимкон аст. Коллеҷи омӯзгории ДД Бохтар ба номи Носири Хусрав беш аз даҳ сол аст, ки фаъолият дорад. Дар ин давраи кӯтоҳи фаъолият дар ташаккули савияи дониши бисёре аз ҷавонони вилоят саҳми босазо гузоштааст. Лозим ба зикр аст, ки кафедра ҷузъи таркибии сохтори ҳар як коллеҷ буда, дар пешбурди корҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва илмӣ ячейкаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Мавриди тазаккур аст, ки дар коллеҷи омӯзгории шаҳри Бохтар кафедраҳои асоситарин – кафедраи филология, педагогика ва равоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ, таърих ва ҷомеашиносӣ маҳсуб меёбанд. Дар фаъолият ва рушду нумуи коллеҷ саҳми як зумра устодон, аз он ҷумла, н.и.ф., М. Кабиров, н.и.ф., С. Каримов, н.и.ф., Б. Саъдуллоев, н.и.ф., Ҳ. Муродов, н.и.ф., З. Тоҳиров, професор, н.и.т. А. Гадоев, доктори илмҳои таърих Х. Абдуназаров, муаллимони калон М. Шарипов, А. Пиров, А. Р. Мусулмонов, М. Рашидова, Х. Хоҷаева, ассистентон Хидирова, Алихонова, Ватанов ва дигарон бузург аст.

Дар таърихи фаъолияти коллеҷ кафедраи гуманитарӣ (ҳоло кафедраи ҷомеашиносӣ) бо теъдоди 30 нафар аъзои кафедра ва кафедраи филология бо 19 нафар корманд саҳми назаррас гузоштаанд.

Кафедраи табиӣ-риёзӣ низ ҳамқадами коллеҷ буда, аввалин мудири он номзади илмҳои физика-математика, дотсент Собиров Ҷумъабой ба шумор меравад. Соли 2000 ба мудирии кафедра номзади илмҳои математикӣ Гулов Ҳасан пешниҳод мегардад. Дар пешрафти кори кафедра ва тарбияи мутахассисон омӯзгорони кафедра М. Муродов, С. Шомаҳмадов, Турақулов, Кобулов, Сафаров, Ҷ. Шарипов басо назаррас аст. Дар роҳи тайёр намудани кадрҳо коллеҷ дорои шароити лозимии моддӣ - техникӣ буда, синфхонаҳои алоҳидаи тахассусиро доро мебошад.

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ яке аз самтҳои муҳими пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаи таълимӣ ба шумор меравад. Чорабиниҳои илмӣ: маҳфилҳои илмии донишҷӯён, семинарҳои илмӣ–назариявии устодон бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён дар назди кафедраҳо ва факултетеҳои муассиса баргузор карда мешаванд. Устодони кафедраи педагогика ва равоншиносӣ, ки соли 2003 дар заминаи кафедраи табиӣ – риёзӣ таъсис ёфтааст, бо талошҳои устодони соҳибтаҷрибаи худ, назири Солиева Х.А., Раҳимов Сафар, Сафарова Асалмо, Ярова М., Бобоева Г., Халилов Т., Ҷӯраева А., Ахмедзянова Т.М., Ниёзов Акбар, Ниёзов Карим ва дигарон низ дар фаъолияти коллеҷ ва дар тарбияи донишҷӯён ҳиссаи назаррас гузоштаанд.

Хулоса, коллеҷ аз чор кафедра иборат буда, дар тайёр намудани мутахассисони миёнаи касбӣ саҳми назаррас дорад. Роҳбарият ҳамеша бо дарки он, ки дастпарвардагони коллеҷ баъди хатм дар рушду нумуи соҳаи муҳим- маориф саҳмгузорӣ намоянд, кӯшиш ба харҷ додааст.

Устодони коллеҷи омӯзгорӣ ифтихор менамоянд, ки онҳо муҳандисони рӯҳи инсон омӯзгоронро таълим дода, ба воя мерасонанд, чунки халқи мо ба устод муаллим эҳтирому муҳаббати махсус дошта, ӯро аз ҳама боло медонанд. То соли 2006 дар коллеҷ 30 нафар устодон ба тарбияи донишҷӯён камари ҳиммат баста буданд. Аз инҳо 15 нафарашон

устодони доимӣ ҳисоб мешуданд. Ҳамчунин 15 нафар устодони донишгоҳ низ дар коллеҷ ба ҳайси ҳамкор фаъолият менамуданд. Абдукибор Гадозода-профессор, доктори илми таърих, Ҷумъа Шарифов профессор, доктори илми педагогика, Ҳасани Муродиён- профессор, доктори илмҳои филологӣ, Сатторов А. Э., доктори илми педагогика, профессор ва дигарон дар корҳои таълиму тарбия ва фаъолияти илмӣ баробари устодони доимии коллеҷ заҳмат мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир дар коллеҷ ду шуъба аз рӯи шаш ихтисос кадрҳои омӯзгорӣ тайёр мекунад. Дар коллеҷ, 5 кафедра арзи вуҷуд дорад, ки дар онҳо устодони дорои тахассуси илмидошта кор мекунанд.

Яке аз талаботи асосӣ нисбат ба омӯзгорони мактаби олӣ ва зинаҳои он машғул шудан ба корҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад. Дар коллеҷ тадриҷан ба ин масъала диққат дода шуда истодааст. Аввалин шуда, сарвари коллеҷ А.Ҳалимов рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Омӯзгори кафедраи забону адабиёти тоҷик Фарҳод Шафиев дар аспирантура (ғоибона) таҳсил дорад ва рисолаи номзадӣ навишта истодааст.

Суханрониҳои Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ҳангоми вохӯриҳо бо аҳли зиёиёни кишвар омӯзгорону кормандони муассисаро водор месозанд, ки рӯ ба илм оваранд. Чунин талабот омӯзгорон, донишҷуёнро муваззаф месозад, то аз ҷиҳати тайёрии касбӣ ва илмӣ ҷавобгӯи давру замони худ бошанд.

Коллеҷ муассисаи таълимии таҳсилоти олии нопурраи касбӣ буда, аз рӯйи нақшаҳои фардӣ, барномаҳои таълимӣ кадрҳо тайёр менамояд. Дар коллеҷ миқдор ва сохтори қабули донишҷуёнро мутобиқи литсензия ва варақаи аккредитивии фаъолияти таълимӣ муқаррар мекунад. Коллеҷ бо мақсади раванди таълим ва аз худ намудани барномаҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён шароити заруриро фароҳам овардааст.

Коллеҷ аз рӯи стандарти таҳсилоти касбӣ фаъолияти таълимии муассисаи таълимии касбиро ба низом медарорад. Коллеҷҳо имрӯзҳо

мувофиқи дараҷаи амалкунандаи худ дар сохторҳои мактабҳои олӣ амал карда, зинаи аввали онҳо мебошанд. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 262 ва мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 № 470 коллеҷ, ба қатори он муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ оварда шудааст.

Дар коллеҷ, муҳлати таҳсил 3-сол буда, дар он аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд. Бо назардошти таъкидҳои Президенти кишвар, талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбияи кадрҳои илмии соҳаи омӯзгорӣ ба усули таълим эътибори махсус зоҳир мешавад. Аҳли раёсат ва маъмурияти коллеҷ ба тарбияи дигар ихтисосҳо ҳам эътибори ҷиддӣ медиҳад.

Дар оғози Паёми имсолаи худ (2006) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихор таъкид намуданд, ки мо дар арафаи ҷашну чорабиниҳои бузурги сиёсиву фарҳангӣ, аз қабили 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Форуми тоҷикони ҷаҳон қарор дорем ва Ҷаноби Олӣ изҳори боварӣ намуд, ки барои сазовор ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин ҷашнвораҳо аҳли ҷомеаи Тоҷикистони азизамон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Сарвари мамлакат нисбат ба соҳаи маориф, алалхусус, роҷеъ ба фаъолияти мактабҳои миёнаю олии касбӣ ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон изҳори ақида намуда, иброз доштанд, ки «мо бояд кадрҳоеро тайёр намоем, ки дар рушду нумуи ояндаи давлати демократӣ, дунявию ҳуқуқбунёд, саҳмгузор ва ворисони шоистаи халқу миллати сарбаланди ориёии худ бошанд» [124, с. 50-52].

Бояд зикр кард, ки дар Паёму суханрониҳои Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун захираи стратегии пешрафти

кишвар ва омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ шудааст. Ба ин мазмун, ин масъала моҳияти маърифатию фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта, ба рушди таҳсилоти олӣ дар ҷумҳурӣ имконият медиҳад.

Ба мо чун муассисаи тарбиягари мутахассисони омӯзгорӣ (зинаи аввал) зарур аст, ки дар баробари ҷорӣ намудани низоми нави таълиму тарбияи кадрҳо ба сифати мутахассисон аҳаммияти ҷиддӣ диҳем.

Коллеҷ метавонад аз рӯи дараҷаи ишғолкардааш маълумоти олӣ ё олии нопурра диҳад. Аз ҳамин давр сар карда дар сохтори мактабҳои олии ҷумҳурӣ таълими бисёрзинагии таҳсилот ба миён омада, зинаи аввали таҳсилот мутахассиси хурд, ки мувофиқи Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон № 71 барои тайёр кардани зина вазифадор шудаанд, қарор гирифт **(Нигаред ҷадвали № 3.1.3.)**.

Ҳамин тавр, мусаллам аст, ки баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳама давру замон аз омилҳои муҳимми самти маориф ба шумор меравад. Барои рушди сифати таълим омӯзгорон, мураббиён ва кормандони соҳаи маорифро лозим аст, ки дар иҷрои вазифаҳои худ масъулияти баланд ҳис намуда, вазифаҳои хешро босифат анҷом диҳанд. Чунки раванди таълим ҳамеша ба маорифу омӯзгор ниёз дорад ва он вақт самараи нек дода метавонад, ки бо кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ пурра таъмин бошад. Воқеан, саҳми омӯзгорони коллеҷҳои болозикр дар рушди соҳаи маориф назаррас аст. Тайёр кардани кадрҳои педагогӣ барои муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои мухталифи таълим, хизмати содиқонаву пурмасъулияти онҳо дар тарбияи кадрҳои ояндасози миллат, пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, рушди устувори мамлакат самтҳои афзалиятноки фаъолияти чунин муассисаҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ масъулин ва роҳбарони муассисаҳои таҳуилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ ҳар чӣ бисёртар фаъолияти худро дар самти омодасозии кадрҳои педагогӣ бояд вусъат бахшанд. Фаъолияти самараноки ин муассисаҳо

барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди неруи инсонӣ, татбиқи сиёсати маорифпарварона, омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат намуда, дар маҷмуъ барои рушди ҷомеаи имрӯзаи мо заминагузор хоҳад буд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки коллеҷҳои вилояти Хатлон дар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми намоён доранд. Ин муассисаҳо барои фароҳам овардани имкониятҳои гирифтани таҳсилоти касбии омӯзгорӣ ва ташаккули касбият ва малакаҳои омӯзгорӣ, қонеъ намудани талаботҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёна дар миқёси вилоят нақши муассир мебозанд. Бахусус дар натиҷаи афзудани талабот ба омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти коллеҷҳо аҳамияти бештарро касб кардааст. Дар Барномаи давлатии рушди соҳаи маорифи вилояти Хатлон низ масъалаи мазкур ҳамчун вазифаи асосӣ арзёбӣ гардидааст.

Барои самаранокии фаъолияти коллеҷҳо низ заминаҳои муҳими низоми омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ зарур аст ва заминаи моддӣ-техникии ин муассисаҳо, усулҳои нави таълим тақвият додан лозим аст. Ҳамчунин густариши ҳамкориҳои коллеҷҳо бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои баланд бардоштани таҷрибаи кории кадрҳои ҷавон хеле зарур мебошад.

3.2. Бозомӯзии касбии кадрҳои педагогии вилояти Хатлон ҳамчун воситаи муҳими рушди соҳаи маориф

Рушду такомул ва равнақу ривоҷ ёфтани илму техника, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, компютерӣ, интернет-технология дигар тағйиротҳои муҳим дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ масъалаи бозмӯзӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кадрҳои омӯзгориро ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори соҳаи маориф табдил медиҳанд. Чунончи дар боло ҳам зикр гардид вилоти Хатлон, ки аз

ҷиҳати демографӣ ва иҷтимоӣ нуфус дорад, такмили ихтисоси омӯзгорон низ дар мадди аввал қарор дорад. Воридшавии усулҳои нави таълим, талабюоти наву муосири бозори меҳнат, пешрафти техника ва технология дар истеҳсолот ва дигар омилҳо тақозои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва азнавтайёрунии касбияти омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилотиро доранд. Устодони ва омӯзгорон бояд дар муҳлатҳои муайяншуда мунтазам донишу малакаҳои худро сайқал дода, навсозӣ кунанд.

Дар соҳаи маориф масъалаи бозомӯзии касбии кадрҳои омӯзгорӣ ҳамчун самти асосии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои мутобиқсозии маҳорату малака ва баландбардории касбияти кории кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити мутобиқсозӣ ба талаботу тағйиротҳои замони нав дар низоми тадрис ва таълими наслҳои нав ин самт аҳамияти махсусро касб мекунад. Зеро дар натиҷаи бо суръат пеш рафтани технологияи таълим, воридшавии технологияҳои рақамӣ ба ҷараёни таълим, ивазшавии мазмун ва мундариҷаи барномаҳо, маводҳои таълимӣ, стандартҳо рушди давомдори салоҳиятҳои касбии устодону омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилот хеле масъалаи ҷиддӣ дар соҳаи маориф фаҳмида мешавад. Мақсади асосии такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кадрҳои омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани сифати таълим ва пешрафти неруи касбии кормандони соҳаи маориф мебошад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи омилҳои дар боло зикршуда, бозомӯзии кадрҳои илмӣ ва педагогӣ дар муассисаҳо раванди мутассил ба шумор рафта, барои баланд бардоштани сатҳи касбият, пешрафту равнақи салоҳиятнокӣ, дигар усулҳои таълим, ворид намудани технологияи мухталиф ва замонавӣ дар раванди таълим мусоидат хоҳад кард. Бахусус дар вилояти Хатлон, дар муассисаҳои тахлимӣ татбиқи барномаи такмили ихтисоси омӯзгорон барои баланд бардоштани сифати таълим,

рақобатпазир будани хонандагон ва донишомӯзон, сифати баланди касбияти мутахассисони ояндадар сатҳ маҳаллӣ ва байналмилалӣ шароити заруриро фароҳам хоҳад кард.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии бозомӯзии омӯзгорон аз як қатор омилҳо, аз ҷумла дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ, сатҳи омодагии ибтидоии омӯзгорон ва дастгирии институтсионалӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми бозомӯзӣ бо дарназардошти талаботи замон ва хусусиятҳои минтақавӣ такмил дода шавад. Ташкили курсҳои ихтисоснок, истифодаи платформаҳои рақамӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос метавонад ба баланд бардоштани самаранокии ин раванд мусоидат намояд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии мутахассисон барномаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисос воситаи муҳим ва самарабахш ба ҳисоб меравад. Барномаи такмил додан ва ба омӯзиш ҷалб намудани мутахассисон, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат зери назорати ҷиддӣ қарор дорад. Хусусан аз такмили ихтисос гузаронидани устодон ва омӯзгороне, ки дар зинаҳои гуногуни таълим машғули кор астанд, ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи дониш ва савияи кории онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Моҳияти барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон – устодон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» инъикос шудааст. Бо мақсади таъмини иҷрои қонуни мазкур ва ислоҳоти соҳаи маориф Ҳукумати кишвар ва Вазорати маорифи ҷумҳурӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул намуданд.

Ғайр аз ин, «Низомномаҳои муассисаҳои таълимӣ», «Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Консепсияи мактаби олӣ», «Консепсияи миллии маълумот» ва дигар асноди муҳим шомил аст. Баланд бардорштани сатҳи касбият, маҳорат

ва малака, савияи дониш кордонии омӯзгорон ва устодони дар тамоми зинаҳои таҳсило дар мамлакат ва талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани ин маҳакҳо дар раванди фаъолияти соҳаи маориф масъалаи калидӣ ба ҳисоб меравад» [164, С.7].

Таҷриба нишон медиҳад, ки шуъбаҳои такмили ихтисоси ва бозомӯзии касбии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар ташаккул ва пешравии касбияти кадрҳо нақши калидӣ доранд. Барои истифодаи усулҳои нави таълим, истифодаи технологияи муосири таълим ва дар раванди таълим дар амал татбиқсозии онҳо барои устодону омӯзгорон курсҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат ташкил карда шуда, ба омӯзгорон шароит фароҳам оварда мешавад, ки бо ин усулҳо шинос шуда, сатҳу сифати таълимро баланд бардоранд.

Ислоҳоти муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ ва касбӣ, ки дар назди муассисаҳои олӣ қарор доранд ва барои соҳаи маориф кадрҳо омода мекунанд, вазифа гузошт, ки дараҷаи донишу савияи касбии мутахассисони ояндаро ҳамаҷониба баланд бардошта, шаҳрвандони хушахлоқу меҳнатқарин, оқилу фозил ва соҳибмаърифату бофарҳангро тарбия намуда, ба камол расонад [172].

Соли 1994 Пешвои миллат дар вохурии Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон қайд карда буд, ки «давлату ҷомеа ояндаи неки худро бо пешрафти соҳаи маориф, бо тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мепайванданд, зеро бе пешрафти ин соҳа беҳбудии иқтисодӣ, инкишофи фарҳанг ва ташаккули шахсияти дорои олами бои ботиниро тасаввур намудан имконнопазир аст» [152, с.7].

Дар натиҷаи кам будани маош, мавҷуд набудани шароити муътадили корӣ ва зиндагӣ дар маҳалҳо, паст будани тарбияи ҳисси масъулият ва хештаншиносии миллӣ ва ватанпарастӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамасола (ба истиснои соли 1997 ва 2002) аз нисф

зиёди хатмкардагони мактабҳои олии касбӣ ба ҷойи роҳхатгирифта ба кор ҳозир нашуданд. Аз ин ҷост, ки шумораи омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ҳар сол кам шуда истода буд. Соли 1991 дар мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ 95 ҳазор нафар омӯзгорон кор мекарданд. Аз онҳо 75 фоизашон маълумоти олӣ, 5,2 фоиз маълумоти олии нопурра ва танҳо 2,8 фоиз маълумоти миёнаи умумӣ доштанд, пас соли таҳсили 2002-2003 бошад, шумораи омӯзгорон ба 101 071 нафар расида, танҳо 62 фоизашон маълумоти олӣ доштанду бас. Беш аз 10 фоизи омӯзгорон маълумоти миёнаи умумӣ доштанд. Аз онҳо 387 нафарашон дар синфҳои болоӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, 325 нафар аз фанни таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, 146 нафар физика ва нуҷум, 247 нафар риёзӣ, 205 нафар география, 181 нафар биология, 118 нафар забони англисӣ, 104 нафар забони арабӣ, 90 нафар кимиё ва 25 нафар фанни экология, 331 нафар санъати тасвирӣ, нақша ва 408 нафар тарбияи ҷисмонӣ дарс медоданд [152, с.7].

Шумораи омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ ва шуъбаҳои онҳо, қабули донишҷӯён ба ихтисосҳои омӯзгорӣ дар мактабҳои миёна ва олии касбӣ ҳар сол зиёд мегардад. Ҳамин тариқ бошад, барои баланд бардоштани ихтисосҳои кормандони соҳаи педагогӣ низ чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Дар минтақаҳо Институтҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон ташкил шуда, фаъолияти самаранок доранд.

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони маорифи кишвар (28 августи 1995) барои рушди соҳаи маориф воқеаи муҳим ба ҳисоб меравад. «Дар мулоқот Сарвари давлат вазъи кунунии мактабу маорифро ҳаматарафа таҳлил карда, мақоми мактабу омӯзгорро дар давраи душвори сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ муайян намуд» [172].

Президенти кишвар бамаврид таъкид карда буданд, ки «то замоне ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда,

парваришдиҳанда ва муҳофизони маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоиста муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст» [131, с. 258]. Аз ин лиҳоз, ҳукумати мамлакат бо мақсади амалӣ намудани дастури Пешвои миллат андешидани як қатор чораҳои заруриро ба роҳ монд.

Дар айни ҳол, роҳҳои такмили ихтисоси муаллимон дар мактабҳои равиядор хеле гуногун аст. Талаботи рӯзафзун нисбат ба муаллим ӯро водор месозад, ки донишу маҳорат ва малакаҳои худро сайқал дода, нисбат ба тағйироте, ки дар соҳаи ӯ рух дода истодаанд бо диди эҷодкорӣ нигоҳ кунад. Теъдоди зиёди барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ муаллимро водор мекунанд, ки аввал онро ба таври дақиқ биомӯзад, сипас, барнома ва китоби дарсии лозимаи худро интихоб намояд. Маҳорати омӯзиш ва таҳлилро муаллим дар машғулиятҳои методӣ касб мекунад, ки ҷанбаи асосии кори методӣ маҳсуб мешавад. Яке аз омилҳои муҳимми кори методӣ ҷанбаи умумидидактикии он мебошад, ки мушкилоти зиёди муаллим ба вижа дар соҳаи дидактика мебошад. Ҷанбаи дигари муҳимми кори методӣ ин маданияти умумии муаллим аст, вақте муаллим аз ҳар назар донишманд ва бофарҳанг аст, ӯ хеле озодона дар байни хонандагони синни гуногуни мактабӣ мечархад, муҳтавои фанни хешро ҳангоми тадрис ғанӣ мегардонад [33].

Лозим ба ёдоварист, ки ба такмили ихтисоси муаллимон ва мураббиёни мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои беруназмактабӣ, ду донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони вилоят машғуланд, ки ҳамасола ба ҳисоби миёна 4000 нафар ихтисоси худро дар онҳо такмил медиҳанд. Дар ду донишкадаи такмили ихтисоси муаллимон 50 нафар кормандон кор мекунанд. Ғайр аз ин, олимону профессорони донишгоҳҳои Кӯлобу

Бохтар барои хондани лексияҳо ба шунавандагон даъват карда мешаванд [179].

Дар ду донишгоҳ ду коллеҷи омӯзгорӣ бо филиалҳои онҳо ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ муаллимону мураббиёнро тайёр менамоянд. Ҳар сол мактабҳои олӣ ва миёнаи касбии омӯзгории вилоятро зиёда аз 600 нафар аз руйи 30 ихтисос хатм менамоянд.

Ба вазъи душвори иқтисодӣ нигоҳ накарда, роҳбарони ҷумҳурӣ ва вилоят баҳри беҳбудии соҳаи маориф ҳамеша ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Чораҳои андешидаи Хукумати ҷумҳурӣ ва вилоят буд, ки сол то сол заминаи моддӣ-техникии мактабҳо, аз ҷумла дар деҳот мустаҳкам шуда истодааст. Ин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки дар солҳои наздик аз ҳисоби сохтмони мактабҳои нав дар деҳот масъалаи нарасидани ҷойи нишаст ҳал карда шавад. Дар барномаҳои ҳукумати вилояти Хатлон тезонидани сохтмони залҳо ва майдончаҳои варзишӣ, биноҳои иловагӣ барои мактабҳои деҳот, таҷҳизонидани мактабҳо бо мебели нав, воситаҳои техникии таълим ва воситаҳои аёнӣ, ҷои асосиро ишғол менамояд.

Агар ба нишондиҳандаҳои сохтмони муассисаҳои таълимӣ аз соли 1993 то соли 2003 нигарем, маълум мегардад, ки дар ин давра дар вилояти Хатлон аз ҳисоби маблағгузории сарчашмаҳои гуногуни биноҳо ва мактабҳо барои 100 ҳазор ҷои нишаст сохта шудаанд. Танҳо дар соли 2003 – 11 мактаб барои 3530 хонанда ва бинои иловагӣ барои 2532 ҷои нишаст сохта шудаанд. Аз ин ҳисоб шумораи мактабҳои валангоргашта кам шуданд. Агар дар соли 1993 шумораи чунин мактабҳо аз 400 зиёд бошад, пас дар соли 2003 шумораи онҳо хеле кам гардида ба 76 расид.

Воқеаҳое, ки солҳои 1991-1997 дар ҷумҳурӣ ва асосан дар вилояти Хатлон гузаштанд, гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд.

Масалан, соли хониши 1991-1992 дар 998 мактабҳои вилоятҳои Кӯлобу Қурғонтеппа 429,2 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда буд ва ба онҳо 30,2 ҳазор муаллим дарс медод. Соли хониши 1992-1993 дар 1020 мактаб 394,1 ҳазор хонанда ба таълим фаро гирифта шуда буд, ки ба онҳо 28,1 ҳазор муаллимон таълим медоданд. Яъне шумораи хонандагону муаллимон хеле кам шуда буд. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сифати корҳои таълимию тарбиявӣ ҳам дар сатҳи паст қарор дошт. Фарогирии хонандагон ба таълим ҳам ба талабот ҷавобгӯ набуд. Дар ин солҳо зиёда аз 10 ҳазор хонандагон аз раванди таълим дур монда буданд [179].

Дар солҳои охир масъалаи беҳтар кардани сифати дониши хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар маркази диққати идораю шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ қарор дорад. Вале ба ҳамаи ин чорабиниҳо нигоҳ накарда таҳлилҳо нишон доданд, ки дар баъзе ноҳияҳои аз ҷанги шаҳрвандӣ зарардида то ҳанӯз баъзе хонандагон саводи кофӣ надоранд **(Нигаред ҷадвали № 3.2.4.).**

Маврид ба зикр аст, ки дар давраи таҳқиқшаванда шумораи макотиби олии вилоят якуним баробар зиёд шуда, теъдоди онҳо аз ду ба шаш донишгоҳ расид, ки аз инҳо иборатанд: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

Донишгоҳи энергетикии Хатлон дар омода намудани мутахассисон ва омӯзгорони соҳа нақши бузург гузошта, хатмкардагони он дар донишгоҳҳову коллеҷҳо фаъолият намуда истодаанд. Ҳамзамон, хатмкардагони он ба ғайр аз корҳои омӯзгорӣ ба таҳқиқи масоили илмӣ низ машғул буда, дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд. Донишгоҳи мазкур бо як қатор донишгоҳҳо олии кишвар, аз ҷумла Донишгоҳи

техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон ва ғайраҳо ҳамкорӣ намуда истодааст. Танҳо дар соли 2018 20 нафар омӯзгорони донишкада аз курсҳои такмили ихтисос аз 04. 06. 2018 то 22. 06. 2018 аз курси сайёри ташкилнамудаи Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузашта, аз рӯйи ихтисоси «Энергетика ва таҳсилоти фосилавӣ» соҳиби диплом гардиданд. Худи ҳамон сол дар асоси иҷозатномаи пешбурди фаъолияти донишкада курсҳои кӯтоҳмуддати кафшергари барқӣ, сохтмончӣ, менеҷменти истеҳсолӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ, барқчӣ ва ғайраҳо ташкил карда шуд, ки айни замон хоҳишмандони зиёд аз рӯйи ин ихтисосҳо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар асоси ҳамкориҳо бо донишгоҳу донишкадаҳои хориҷӣ чор нафар омӯзгорони ҷавон дар шуъбаҳои рӯзонаи аспирантураи Институти политехникии шаҳри Санкт–Петербурги ФР, Донишгоҳи давлатии комсомолски Амури Шарқи Дур ва Донишгоҳи давлатии Урали Федератсияи Россия таҳсил намуда истодаанд.

Ҷадвали № 3.2.5.

Маълумот оид ба таҳсили омӯзгорони ҷавони донишкада дар МТОК хориҷи кишвар.

№Т/Р	Ному насаб	Соли дохилшавӣ	Муассисаи таълимӣ	Сарчашмаи маблағгузорӣ
1	Сармисоқов Зоҳир Тоҳирович	2014	Донишгоҳи давлатии Алтай	кувотаи Федератсияи Россия
2	Сафарзода Абдулло	2015	Филиали Донишкадаи энергетикии	кувотаи байналмиллалии Президентии

			Москва дар шаҳри Смоленск	“Дурахшандагон”
3	Давлатов Далер Назруллоевич	2015	Донишгоҳи сохтумону меъмории Тюмен	кувотаи байналмиллаии Президенти “Дурахшандагон”
4	Гулмадов Ифтихор Иброҳимович	2015	Донишгоҳи давлатии техникии Алтай ба номи И.И. Палзумов	кувотаи Федератсияи Россия
5	Носиров Исмоил Сафарович	2015	Донишгоҳи давлатии электротехникии Санкт-Петербург ба номи В.И.Улянов (Ленин)	буҷаи Федератсияи Россия
6	Қаҳоров Рустам Асалиевич	2015	Донишгоҳи давлатии электротехникии Санкт-Петербург ба номи В.И.Улянов (Ленин)	буҷаи Федератсияи Россия
7	Назаров Зафар Саидмуродович	2015	Донишгоҳи федералии Урал ба номи Б.Н. Елсин	ҶСК “Ориёнбанк”
8	Аминов Лилшод	2016	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
9	Қосимов Бахтиёр исматуллоевич	2016	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
10	Гулов Диловар Юсупович	2016	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия

11	Махсумов Илҳом Бурҳонович	2016	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
12	Ҷураев Рустам Фатҳидинович	2016	Донишгоҳи давлатии нафту техникии Уфа	Аз ҳисоби соҳибкор
13	Султонов Оламафрӯз Олимович	2017	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
14	Атобуллоев Назиф Солиҳович	2017	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
15	Абдуллоев Илҳом Толибҷонович	2017	Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ	буҷаи Федератсияи Россия
16	Давлатов Аъзамҷон Маҳмадиевич	2018	Донишгоҳи политехникии Санк- Петербург	буҷаи Федератсияи Россия
17	Ниматов Рустам Рамазонович	2018	Донишгоҳи политехникии Санк- Петербург	буҷаи Федератсияи Россия
18	Бобоев Хуршедшоҳ	2018	Донишгоҳи политехникии Санк- Петербург	буҷаи Федератсияи Россия
19	Набиев Маҳмадшариф Давлаталиевич	2018	Донишгоҳи политехникии Санк- Петербург	Кувотаи байналмиллали Президентии “Дурахшандагон”

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки сол то сол дар мамлакат навъи нави муассисаҳои таҳсилотӣ дар низоми маорифи ҷумҳурӣ пайдо шудааст. Ин ҳам бошад литсей, гимназия, коллеҷ, муассисаҳои интернатӣ барои кӯдакони болаёқат маҳсуб меёбанд, ки мақсад аз ташкили онҳо ҳар чӣ бештар ҷалб намудани хонандагон ба илму дониш, касбу ҳунар ва мусоидат ба рушди устувори кишвар дар маҷмӯъ мебошад.

«Алалхусус, рушд ва дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми маориф дар самти мактаб-интернатҳои минтақа дар давраи мавриди баррасӣ қобили таҳсин будааст. Дар маҷмуъ, дар соли хониши 2012-2013 дар муассисаҳои интернатии вилояти Хатлон 3300 нафар тарбиятгирандагон ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 581 нафарашонро духтарон, 29 нафарашонро кӯдакони оилаҳои маъюб, 89 нафарашонро кӯдакони ятим, 877 бепадар, 184 бемодар, 1146 нафарашонро кудакони оилаҳои камбизоат, 400 нафари кудаконе, ки дар маҳаллӣ зисташон мактаб надоранд ва 575 нафари боқимондаро бачагони лаёқатманд ташкил медиҳанд» [33].

Дар самти нави таълим 247 нафар омӯзгорон ба таълиму тарбияи тарбиятгирандагони ин мактаб-интернатҳо машғул мебошанд. Аз тнъдоди умумии онҳо 110 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Аз рӯи маълумотнокӣ бошад онҳо ҳамагӣ 200 нафар маълумоти олӣ, 13 нафарашон бо маълумоти олии нопурра, 28 нафар таҳсилоти миёнаи педагогӣ ва 7 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ дошта ба таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат машғул мебошанд.

Яке аз марказҳои асосии ба такмил ва бозомӯзӣ фаро гирифтани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки муассисаи мазкур фаъолияти худро дар асоси нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ба роҳ мемонад. Ҳамчунини дигар семинарҳои мақсаднок, нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар фаъолияти корӣ пурра ба инобат гирифта шуда, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот,

Низомномаи намунавии таҳсилоти миёнаи умумӣ, Қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амру фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Шурои олимон ва фармоишҳои Ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф сармашқи корӣ гардида, дар асоси он як қатор корҳо ба сомон расонида шуд.

Фаъолияти асосии донишкада ба такмил додани маҳорати касбӣ, самаранок ба роҳ мондани курсу семинарҳо, дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, расонидани ёрии амалии методӣ ба кормандони шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Кӯлоб равона гардидааст [33].

Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар асоси амру фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру қарорҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисос ва Раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолият намуда, дар савияи дониш ва малакаи касбии мутахассисон саҳми назаррас гузошта истодааст.

«Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос барои ҳалли масъалаи мазкур мавқеи калидӣ дорад. Бинобар ин сабаб, ба риштаи таҳлил кашидани он аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Вазифаи асосии донишкадаи мазкур мувофиқи нақшаи тасдиқнамуда бо сифати баланд гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси роҳбарону омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар асоси нақшаи солонаи курсу семинарҳои донишкада дар соли 2007 144 курсҳои такмили ихтисос бо иштироки 3328 шунаванда бояд гузаронида мешуд, вале мутаассифона, дар ин муддат танҳо 105 курсҳо гузаронида 115 шудаанд ва дар онҳо 2540 нафар кормандони соҳа иштирок намуданд, ки фарогирӣ ба курсҳо 85 фоизро ташкил менамуд» [164, с. 114-115].

Вазифа ва масъулияти муҳимтарин дар фаъолияти Филиали донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб ин такмили ихтисоси омӯзгорон ба шумор рафта, дар ин ҷода корҳои муҳимме ба анҷом расонида шудааст. Соли 2021 бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Шурои олимони ДҶТИБКСМ ин филиал дар асоси нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсҳову семинарҳои 132 курс бо фарогирии 3195 нафар ва 18 семинари мақсаднок бо фарогирии 450 нафар шунавандагонро ба курсҳо фаро гирифта мешуд. Дар маҷмуъ 134 - курс бо фарогирии 3272 нафар шунавандагон 102 % ва 18 - семинари мақсаднок бо фарогирии 451 нафар шунавандагон 100 % ба курсҳо фаро гирифта шуданд [33] **(Нигаред ҷадвали № 3.2.6.)**.

Инчунин, бо мақсади баррасии масъалаҳои мубрами соҳаи маориф ва методикаи тадрис аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои филиал мунтазам семинарҳои мақсаднок гузаронида мешавад. Бояд қайд намуд, ки ҷалби омӯзгорон дар чунин семинарҳо метавонад дар баланд гардидани дарки ҷаҳонбинӣ ва малакаи касбии онҳо таъсири мусбӣ гузорад. Барои мисол, тибқи ҷадвали зерин баргузории чунин семинарҳо танҳо **дар давоми солҳои 2019, 2020, 2021 чунин аст (Нигаред ҷадвали № 3.2.7.).**

Тибқи дастури Вазорати маориф ва илм айни замон қисми зиёди кадрҳои роҳбарикунандаи соҳа дар заминаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба курсҳо фаро гирифта мешаванд. Иштироки кадрҳои роҳбарикунандаи соҳа аз минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (мудирони кабинетҳои методӣ ва нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маориф, директорону муовинони директор, мудирони муассисаҳои томактабӣ, директорони мактаб-интернатҳо ва хонаи кӯдакон) дар курсҳои такмили ихтисоси донишкадаи ҷумҳуриявӣ давоми солҳои 2019, 2020, 2021 чунин аст [33] **(Нигаред ҷадвали № 3.2.8.).**

№	Номгӯи шаҳру ноҳия	Шунавандагони курсҳо		Фоиз	Муносибати шуъбаҳои маориф оид ба таъмини шунавандагон	Шунавандагони семинарҳои мақсаднок		Фоиз	Муносибати шуъбаҳои маориф оид ба таъмини шунавандагон
		Нақша	Иҷро			Нақша	Иҷро		
1	Кӯлоб	518	862	166	Хуб	50	50	100	Хуб
2	Восеъ	486	592	121	Хуб	50	50	100	Хуб
3	Ҳамадонӣ	352	370	105	Хуб	50	50	100	Хуб
4	Фархор	334	268	80	Хуб	50	51	100	Хуб
5	Данғара	318	291	92	Хуб	100	100	100	Хуб
6	Муъминобод	270	231	85	Хуб	25	25	100	Хуб
7	Ховалинг	259	161	62	Миёна	50	50	100	Хуб
8	Ш. Шоҳин	249	218	87	Хуб	-	-	-	-
9	Темурмалик	230	162	70	Миёна	25	25	100	Хуб
10	Балҷувон	179	117	65	Миёна	50	50	100	Хуб
	Ҷамъ	3195	3272	102	Хуб	450	451	100	Хуб

Дар доираи кори филиал барномаи сафарбар намудани омӯзгорону кормандони соҳаи маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монда мешавад. Лозим ба зикр аст, ки дар амал таҳбиқ намудани барномаи мазкур метавонад ба баланд гардидани ҷаҳонбинӣ, сатҳи дониш ва малакаи касбии кормандони соҳаи маориф боис гардад.

Дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои башардӯстонаи байналмилалӣ Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат I Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо 1- семинари омӯзишӣ бо фарогирии 25 нафар омӯзгорон, Лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем» ЮСАИД 261 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, Лоиҳаи Шукуфоии Тоҷикистон 144 нафар ва Лоиҳаи «Мактаб 2030» 90 – нафар омӯзгоронро, ки дар маҷмуъ 520 нафарро ташкил медиҳанд ба курсҳо фаро гирифта шуданд. Ин амал барои дар амал татбиқ намудани стартегияи миллии рушди маориф дар вилояти Хатлон анҷом дода шуд.

№	Шарикони рушд	Теъдоди курс	Фарогирӣ
1	Лоиҳаи “Ҳамроҳ бихонем” ЮСАИД дар давраи ҳисоботӣ	10	261
2	Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат I Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо	1	25
3	Лоиҳаи “Шукуфоии Тоҷикистон”	6	144
4	Лоиҳаи Мактаб 2030	4	90
Ҷамъ		21	520

Курсҳо дар доираи ҳамкориҳо бо Шарикони рушд дар давраи ҳисоботӣ

Дар маҷмуъ танҳо дар соли 2021 дар **134** курсҳои нақшавӣ ва 21 курсҳои омӯзишии дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷамъ **155** курс гузаронида шуда **3792** нафар такмили тахассус намуданд.

Дар давоми соли сипаришудаи 2021 тибқи нақшаи тақвимии курсу семинарҳои донишкадаи такмили ихтисос ва дар кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 132 курс бо фарогирии 3195 нафар ба нақша гирифта шуда буд, дар 31 - курси он

мониторинг гузаронида шудааст. Нақша 775 нафар (100 %) иштирок дошт 718 - нафар (93 %) аз нақша 57 (7 %) – нафар кам аст. Мардҳо 329 н (46 %) занҳо 389 н (54 %) буданд. Бо маълумоти олӣ, 613 н. (85 %), бо маълумоти олии нопурра 47 н. (7 %) ва бо маълумоти миёнаи махсус 58 н. (8 %) буданд [33].

Собиқаи кори онҳо чунин аст: 206 н. (29 %) аз 1- 5 сол, 259 н. (36 %) аз 6-15 сол ва 253 н. (35 %) аз 16 сол боло. Тахассуси касбии шунавандагон: тахассуси олӣ 209 н. (29 %), якум 171 н. (24 %), дуюм 165 н. (23 %), ва умумӣ 173 н. (24 %).

Хулоса, ба такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон ва бозомӯзӣ аз масоили муҳим дар назди роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, бо ин восита сатҳи ҷаҳонбиниву дониш ва малакаву маҳорати касбии омӯзгоронро баланд мебардоштанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки вилояти Хатлон бо сабаби зиёд будани шумораи аҳолияш нисбат ба дигар манотиқ ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳ намуданаш шарт ва зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар вилоят як амри тасодуфӣ набуда, балкӣ бо мақсади амалӣ намудани матлаби болозикр ба роҳ монда шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки ин гуна марказҳо дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар беҳтар гардидани сифати кории устодон, баланд гардидани сатҳи касбӣ ва малакаи кории устодон саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Аз назари илм масъалаи бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ҳамчун раванди доимоамалкунанда арзёбӣ мегардад, ки ба равнақи салоҳият, тафаккур, татбиқи усулҳои нави таълим, маҳорати татбиқи усулҳои инноватсионӣ нигаронида мешавад. Албатта, дар ин самт мушкилотҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла ҷорӣ намудани барномаҳои муосир, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотию рақамӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар масъалаи омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ яке аз самтҳои муҳим барои рушди устувори соҳаи маориф дониста мешавад. Аз ин хотир ба роҳ мондани самаранокии фаъолияти Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлон барои баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзгор ва устод, мутобиқсозии онҳо ба талаботҳои муосиру замонавии таълим хеле зарур аст.

ХУЛОСА
НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Ҳамин тавр, пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон низ чун дигар ҷамоҳири собиқ Шуравӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овард, аммо дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ки бар асари ин ҳаводис рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат барои даҳсолаҳо ба қафо меравад. Хусусан, соҳаи маориф низ чун дигар соҳаҳои мамлакат зиёни ҷиддӣ мебинад. Дар он солҳои ниҳоят душвор барои Ҳукумати ҷумҳурӣ зарур буд, то фаъолияти мунтазами соҳаи мазкурро, ки барои рушди ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷаро соҳиб аст, ба қадри имкон ба роҳ монад.

Аммо, мавҷуд набудани имкониятҳои кифояткунандаи иқтисодӣ, шароитҳои мусоиди моддӣ–техникӣ, нооромии сиёсӣ, проблемаи озуқаворӣ ва монанди он боис мегардид, ки қисме аз омӯзгорон тарки вазифаи пуршарафи худ намоянд ва ё ин ки бархе аз онҳо манзили истиқоматии хешро тарк мекарданд. Аз ин лиҳоз, чуноне ки дар рисола ба маротиб зикр намудем, аз мавҷуд набудани шароити хуби моддӣ–техникӣ дида, нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимӣ мушкилии асоситарин маҳсуб меёфт **[2-М]**.

Боиси зикри махсус аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти худ ба ҳайси роҳбари мамлакат ба соҳаи маорифи кишвар диққати ҷиддӣ зоҳир намуд. Соҳаи мазкурро дар баробари соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа дар мадди аввал гузоштаанд. Сиёсати муайянро дар ин самт пайгирӣ намуда, бо маром ба барқарор намудани муассисаҳои харобгаштаи вилояти Хатлон пардохтанд. Зери сиёсати маорифпарваронаи худ ҳамчунин дигар муассисаҳои нави таълимиро бунёд намуданд. Ҳамчунин ба ин васила на танҳо шарту шароитҳои таълимгириро беҳтар карданд, балки онҳоро ба талаботи

меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ гардониданд. Инчунин, зери сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф, хусусан маорифи вилояти Хатлон хеле зиёд гардид. Боиси зикр аст, ки дар вилояти Хатлон дар натиҷаи татбиқи сиёсати маориф натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд, сатҳи саводнокии аҳолӣ баланд гардид, нерӯи инсонӣ рушд карда, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа низ ба чашм мерасад.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳақиқи раванд, сатҳои рушд ва хусусиятҳои омодакунии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон равона карда мешавад. Таҳқиқот, таҳлил ва омӯзиши маводҳои мухталиф доир ба масъала муайян намуданд, ки баъди соли 1991 дар самту низоми омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ дар минтақа бо таъсири тағйиротҳои мухталифи ҷиддии соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии дар минтақа ва ҷумҳурӣ ба вуқуъомада, мушкилотҳою навовариҳои зиёде ба миён омадаанд. Албатта фурӯпошии як низоми ҷамъиятӣ ва ба давраи гузариш, ноороміҳои сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ фарогир шудани мамлакат ба соҳаи маориф таъсири сахти манфӣ раоснида буданд. Махсусан, масъалаи омодакунӣ ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ба яке аз мусъалаҳои мураккаби соҳа табдил ёфтанд.

Ҳамчунин гуфтан ба маврид аст, ки бо ба даст омадани Истиқлоли Тоҷикистон таҳти роҳбарии Роҳбари давлат роҳи эъмори ҷомеаи миллӣ пеш гирифта шуд. Дар ин росто баҳри мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти конститутсионӣ ва давлатдории миллӣ нақшаҳои ояндасозӣ тарҳрезӣ шуда буданд. Мутаассифона ҷанги шаҳрвандӣ ба рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат монеаи ҷиддӣ шуд, ба ҷомеаи тозатаъсиси мо хисороти бузурге расонида буд. Соҳаи афзалиятнок ва муҳимми ҷомеа, яъне маориф аз соҳаҳои дигар дида зиёни ҷиддӣ дид. Аз ин лиҳоз, сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз вазъияти нобасомони солҳои ҷанги шаҳрвандӣ таъсис додани

донишкадаю донишгоҳҳоро, ки ба ин васила имкони бартараф намудани норасоии кадрҳои педагогӣ фароҳам меомад, дастур доданд. Бо дарки зарурати таъсиси ихтисосҳои нави вобаста ба талаботи истеҳсолот, ба инобат гирифтани шумораи аҳолӣ ва ё ин ки фароҳам овардани имкони бештар барои сокинони вилоят, ки ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ барои таҳсил мерафтанд ва чунин имкониятро на ҳар як кас соҳиб аст, бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат Донишгоҳи давлатии Данғара низ таъсис дода шуд, ки дар тули фаъолияташ дар омода намудани кадрҳои педагогӣ, рафъи норасоии омӯзгорон дар вилоят ва ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузошт.

Чунин ҳолат, яъне нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар яке аз минтақаҳои сераҳолитарини мамлакат – вилояти Хатлон, ки нисбат ба баъзе аз манотиқи кишвар дар муҳосираи иқтисодӣ бештар қарор дошт, зиёдтар эҳсос мегардид. Аз ин рӯ, ҳукумати кишвар таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти мазкурро саривақт дарк намуда, баҳри ҳарчи зудтар бартараф намудани он кӯшиш ба харҷ медиҳад. Новобаста аз вазъияти мураккаби солҳои ҷанги шаҳрвандӣ Сарвари давлат пайваста талош варзиданд, то бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда мушкилоти нарасидани кадрҳои омӯзгориро дар вилоят бартараф намоянд. Сарвари кишвар дарк менамуданд, ки ягона роҳи ҳар чӣ зудтар ҳал намудани проблемаи мазкур таъсис додани донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо ва дигар марказҳои такмили ихтисос дар вилоят ба ҳисоб меравад **[1-М]**.

Дар замони истиқлоли сиёсии давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани мушкилотҳои баамалмада, барномаҳои мушаххаси давлатӣ доир ба рушди маориф қабул намуданд. Муассисаҳои нави таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро дар мамлакат ташкил намуда, фаъолияти пурсамари онҳоро ба роҳ монданд. Ба

такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон, баланд бардоштани мақому мавқеи иҷтимоии онҳо низ диққати махсус зоҳир карда мешуд.

Ҳамин тариқ, бо мақсади бартараф намудани проблемаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилоят, масъалаи ба донишгоҳ табдил ёфтани баъзе аз донишкадаҳо ва ё ин ки таъсис додани донишгоҳҳоро суръат бахшиданд. Ҳанӯз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ фаъолияти донишгоҳҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар)-ро ба роҳ мемонанд. Бо истифода аз тамоми имконот ба беҳтар гардидани шароити кории кормандон ва заминаҳои моддӣ-техникии донишгоҳҳо таваҷҷуҳи махсус равона карда шуд. Ин ҳама дастгириҳо ва таваҷҷуҳҳои пайваста имконият фароҳам овард, ки шароити моддӣ – техникии донишгоҳҳои вилоят боз ҳам беҳтар гардида, ба марказҳои бузурги илму маърифати кишвар табдил ёбад. Фаъолияти чунин донишгоҳҳо боиси мустаҳкам гардидани захираи илмӣ гардида, барои бунёди дигар муассисаҳои илмию таълимӣ заминаҳои мусоид гузоштанд. Яъне, бо боварӣ метавон иброз намуд, ки дар рушди соҳаи маорифи вилоят ва тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми донишгоҳҳои болозикр басо беназир аст **[3-М]**.

Мавриди зикри махсус аст, ки баъди соҳиибстиқлолии давлатӣ дар низоми маорифи кишвар пайваста ислоҳоти соҳа амалӣ шуда истодааст. Яке аз ин ислоҳотҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани он ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар кишвар гузариш ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ шуруъ шуд. Таҳсилот дар МТОК аз рӯи зинаҳои (бакалавр, магистр, доктор PhD) ба роҳ монда шуда, низоми кредитӣ, ҳамоҳангии стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ ба стандартҳои байнамиллалӣ, меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таҳсилотӣ (миқдор ва андозаи кредит), истифодабарии низоми холдиҳии рейтингӣ, меъёрҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот татбиқ гардиданд. Имрӯзҳо барои машғулиятҳои амалӣ, озмоишӣ, КМРО ва кори мустақилонаи донишҷӯён роҳандозӣ мегардад. Яке аз дастовардҳои муҳимми

донишгоҳ ин аст, ки дар асоси дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи ММТ ва дар мулоқот бо роҳбарияти Вазорати маориф ва илми ҶТ ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, инчунин тибқи мактуби ВМ ва илми ҶТ аз 17.01.2014 таҳти №05/1-163 қабули санҷишу имтиҳоноти ҷориро пурра тариқи низоми электронии мушобеҳ ба ММТ назди Президенти ҶТ роҳандозӣ намуд.

Ҳамин тавр, бо дарки аҳаммияти масоили мавриди зикр дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар инчунин, дар вилоят дигар донишкадаю коллеҷҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф таъсис дода мешавад, ки заминаҳои пурра амалӣ намудани масъалаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ва ё ин ки дар сатҳи баланд тайёр намудани мутахассисон дар вилоят пеш меояд **[3-М]**.

Тавре, дар боло зикр карда шуд, проблемаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилоят аз мушкилоти асосии соҳаи маорифи вилоят ба ҳисоб мерафт. Ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба масъалаи мазкур ҷалб шуда, баҳри бартараф намудани он ба маром қарорҳои дахдор қабул карда шуданд. Аз ҷониби Пешвои миллат махсусан ба самти тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ дар вилоят, дастгириҳои пайваста ба назар расид ва бо такя ба қарорҳо, қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки бо мақсади ба танзим даровардани самтҳои мухталифи соҳа ва ё ин ки муайян намудани дурнамои он тарҳрезӣ ва қабул карда шудаанд, рушд намуд **[2-М]**.

Инчунин, ба таври муфассал зери пажуҳиш кашидани фаъолияти донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳо ва марказҳои таълимӣ, ки меҳвари фаъолияташонро тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ташкил медиҳанд, ва ячейкаи асосии омода намудани мутахассисон дар вилоят ба ҳисоб мераванд дар он ифода меёбад, ки асосан дар тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ маҳз ҳамин гуна муассисаҳо саҳми назаррас гузоштаанд **[1-М]**.

Дар шароити истиқлоли давлатӣ, аниқтараш пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ ва барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ бо тақозои замони муосир дар вилоят проблемаи нарасидани кадрҳои соҳа то андозае бартараф гардида, заминаҳои бунёдии минбаъд таъсис ёфтани дигар муассисаҳои таълимӣ фароҳам меояд. Ҳоло сокинони вилоят барои ба даст овардани тахассуси лозимияшон имконият ба даст оварданд. **[2-М]**.

Ҳамин тавр, бо такя ба манобеи коршиносону муҳаққиқон ва маводи бойгониҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки пас аз расидан ба Ваҳдати комили сиёсӣ рушди босуръати соҳаи маорифи вилоят ва умуман ҷумҳурӣ баръало мушоҳида гардида, танҳо дар ду даҳсолаи охири соҳибистиқлолӣ тамоми мушкилоти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ бамиёномада бартараф гардиданд. Ҳамаи ин талошу меҳнатҳои зиёд имкон доданд, ки имрӯз донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо ва дигар марказҳои таълимии вилоят дар робита бо дигар макотиби олии хориҷи кишвар ва мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ фаъолият намоянд. Ба-дин васила дар тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми босазо гузошта истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки ба такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон ва бозомӯзию азнавтайёркунии онҳо яке аз масъалаҳои асосӣ дар назди роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ин восита сатҳи ҷаҳонбиниву дониш ва малакаву маҳорати касбии омӯзгоронро баланд бардоштан имкон дорад. Махсусан бояд қайд кард, ки вилояти Хатлон бо сабаби зиёд будани шумораи аҳолиаш нисбат ба дигар манотиқ ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳ намуданаш шарт ва зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар вилоят як амри тасодуфӣ набуда, балкӣ бо мақсади амалӣ намудани матлаби болозикр ба роҳ монда шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки ин гуна марказҳо дар солҳои соҳибистиқлолӣ

дар беҳтар гардидани сифати кории устодон, баланд гардидани сатҳи касбӣ ва малакаи кории устодон саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Аз назари илм масъалаи бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ҳамчун раванди доимоамалкунанда арзёбӣ мегардад, ки ба равнақи салоҳият, тафаккур, татбиқи усулҳои нави таълим, маҳорати татбиқи усулҳои инноватсионӣ нигаронида мешавад. Албатта, дар ин самт мушкилотҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла ҷорӣ намудани барномаҳои муосир, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотию рақамӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, чуноне ки ишора намудем, омӯзиши мавзуи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар минтақаи мазкур дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷузъи муҳимми таърихи Тоҷикистони муосир ба ҳисоб рафта, анҷом ёфтани чунин пажуҳиш метавонад саҳифаҳои ҷадидро дар таърихнигории ватанӣ ворид намояд.

Ҳамин тавр, дар заминаи омӯзиш, таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии мавзуи мавриди таҳқиқ мо ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Маҳз бар асари оқибатҳои харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ проблемаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон бештар ба миён омада, дар раванди ташаккулёбии соҳаи маорифи вилоят мушкилии асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, яке аз мушкилоти асосии маорифи вилоятро нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ташкил медод.

2. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ новобаста аз вазъияти мураккаби баамаломада, ҳукумати мамлакат, пеш аз ҳама Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ба инобат гирифтани аҳаммияти матлаби болозикр ба соҳаи маориф, хусусан вилояти мазкур рӯй оварда, бо мақсади баровардани соҳа аз вазъияти душвор тамоми имкониятҳо ва воситаҳои дохилию хориҷиро истифода намуданд.

3. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, ки боиси афзоиш ёфтани проблемаи нарасидани омӯзгорон дар вилоят гардид, зарурати таъсис додани донишгоҳҳоро бештар менамуд. Аз ин лиҳоз, ба шароити душвори солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, Сарвари давлат ба таъсис додани донишгоҳҳо ва ё ин ки ба табдил додани баъзе аз донишкадаҳо ба донишгоҳҳо иқдом намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани заминаҳои моддӣ - техникии донишгоҳҳо кӯшишҳои пайваста анҷом доданд.

4. Дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ бо дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои моддӣ – техникии донишгоҳҳои вилоят мустаҳкам гардида, онҳо ба як боргоҳи бузурги илму маърифат табдил ёфтанд. Лозим ба зикр аст, ки дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ донишгоҳҳои вилоят дар рушди соҳаи маорифи вилоят, пеш аз ҳама дар тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми босазо гузоштаанд.

Аз натиҷаҳои умумии ба дастомада хулоса кардан мумкин аст, ки рушди устувори маориф, махсусан самти омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ дар минтақа дар солҳои 1991-2021 марҳилавӣ аст. Масъалаи баррасишуда аллакай аз ҳолати бӯҳронӣ баромада, ба марҳалаи ислоҳот ва аз ислоҳот ба давраи пешрафт қадам гузошта истодааст.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ дар айни замон дар вилояти Хатлон масъалаест, ки аллакай тадриҷан рушд ёфтааст ва дар сиёсати иҷтимоии мамлакат яке аз самтҳои афзалиятнок буда, барои рушди умумии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ заминаи устувор маҳсуб мешавад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Бо назардошти муҳим будани мавзуи мавриди пажуҳиш чунин тавсияҳоро пешниҳод менамоем.

– барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ, дар донишгоҳҳои вилоят таъсис додани ихтисосҳои нави марбут ба соҳа, ки талаботи замон ва эҳтиёҷоти мардумро қонеъ намоянд аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд;

